Абдуманнони Насриддин

# *Фарҳанги мушкилоти адабиёт*

(Номаи мухтасар)

Абдуманнони Насриддин

# ФАРҲАНГИ МУШКИЛОТИ АДАБИЁТ

(номаи мухтасар)

ш. Хуҷанд 1992 с.

**БАХШИ ВИЛОЯТИИ БУНЁДИ ЗАБОНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ**

МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ

**АҲМАДҶОНИ РАҲМАТЗОД**

НОМАИ МУХТАСАРИ ФАРҲАНГИ МУШКИЛОТИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК БАРОИ ҲАР ФАРДИ СУХАНҶӮ ВА ШЕЪРДӮСТ, КИ БА АДАБУ ФАРҲАНГ ТАВАҶҶӮҲ ДОРАД, КИТОБИ МУФИД ВА РАҲНАМОЕСТ

# РАҲКУШОЕ БА ОЛАМИ МАЪНИҲО

Адабиёти ҳар халқ ифодагари ҷаҳонёбӣ, хираду заковат, завқу ормон ва розу ниёзҳои соҳибони худ будааст ва агар он адабиёт паҳнои чандин ҳазорсола доман густурда бошад, баҳрае аз ториху фарҳанг, ақоиди мазҳабӣ, расму оини ҳомилони хешро маҳфуз дошта, ба ин васила на танҳо чун ифодагари маърифати бадеӣ, балки ба ҳайси шиносномаи халқу миллат арзи вуҷуд хоҳад кард.

Сухансанҷии форсу тоҷик, ки дар заминаи таълимоти маздаясно ба камол расиду дар паҳнои тамаддуни исломӣ рушду нумӯъ кард, мазҳари хираду завқи ниёгони мост ва жарфою фарохнои онро мафҳумҳои торихию асотирӣ, мусталеҳоти фаннӣ ва одобу русуми мухталифа ташкил медиҳанд, ки қисме аз онҳо бо гузашти солҳо ва гардиши давру замон ва истеъмол хориҷ гаштаанд, қисми дигар маонии нав касб карда, ниёзманди тавзеҳу тафсир қарор гирифтаанд. Ҳамчунин як идда тимсолу мафҳумҳое ҳастанд, ки давоми як асри охир ба рӯяшон чангу ғубори ҳодисот бинишаст ва чун аз ғубор пок созӣ, фарорӯи ту як дурдонае ба ҷилва меояд, ки асолати хеш маҳфуз доштааст ва аз диди амиқи офаридааш дарак медиҳад. Одатан адабиёт ва фарҳанг ба ҳайси мафҳумоти комилан мустақил бозрасӣ мешаванд ва воқеан ҷиҳатҳои мушаххаси имтиёзнок низ доранд. Вале осори адабие низ то имрӯзиён расида, ки дар натиҷаи имтизоҷи тафаккури бадеӣ ва ҷаҳоншиносии фаннӣ ба вуҷуд омадаанду маърифати онҳо бидуни огоҳӣ аз мусталеҳоти фаннӣ даст намедиҳад. Алалхусус фалсафаю нуҷум ва ториху ҳадис дар тору пуди шеъри Аҷам бофта шуда, аз мубоширони адаби форсӣ донишу огоҳӣ тақозо мекунад, то ба кӯмаки он битавонанд ба кунҷи матолиби суханварони ҳаким бирасанд.

Истилоҳоти фаннӣ ба ҳадде коромӯхтаю роиҷ гардид, ки маъниҳои мухталифи маҷозӣ касб карда, дар сувари хаёли офарандагони шеър чун амсилаҳои дерини адабӣ партавфишонӣ кардааст.

Хоқонӣ фармуда:

Дасти ман Ҷавзову килкам Ҳуту маънӣ Сунбула,

Сунбула зояд зи ҳут аз ҷунбиши ҷавзои ман.

Ё Сӯзании Самарқандӣ гуфтааст:

Бахти фирӯзи шаҳи рӯи заминро бар сипеҳр,

Саъди Акбар амм боду Саъди асғар ҳол буд.

Ҷиҳати дигари имтиёзноки адаби форсӣ пайванди қавии он бо нукоти исломӣ ва аҳодиси набавист. Бисёр воқеъ афтода, ки ҳикмати исломӣ дар пирояи мазмунҳои латиф ва маонии борик ва мағзу дили аҳли сухан наъбон карда, ба мистар омадааст. Нукоти Каломи маҷид ва аҳодиси Расули акрамро, ки дар зимни осори адабӣ сириштаанд, дар адабиётшиносии кишварҳои ҳамҷавор ба истилоҳи талмеҳ мешиносанд. Он талмеҳот одатан се шеваи тазоҳур доранд, ки ҳар яке шомили махсусияти хеш аст ва аломати муштаракашон он буда, ки ҳар се ҳам аз дидгоҳи маърифатгари имрӯза тавзеҳу тафсирро эҳтиёҷ доранд.

Нахуст, иқтибоси айнии оёту аҳодис ё таъбиру фиқроти раббонию набавӣ. Чунончи дар байти зерин Анварӣ гуфтааст:

«Унзурувно нақтабис мин нурикум» кай гуфт чарх,

К-офтоб аз офтоби ҳимматат кард иқтибос.

Фиқраи «унзурувно нақтабис мин нурикум» аз сураи Ҳадиди Мусҳафи маҷид (ояти 13-ум) иқтибос шудааст.

Дуюм, мазмунсозӣ дар асоси ишораҳо ба нукоти мазҳабӣ ва дар пирояи форсӣ овардани оёту аҳодис. Минҷумлаи он байти маъруфи Шайхи аҷалл:

Банӣ Одам аъзои якдигаранд,

Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

аст, ки асли он суханони зайли расули акрам (саллаллоҳи алайҳи олиҳи ва саллам) «инналмӯъминина фӣ таваддуҳим ва таҳоббуҳим ка узвин воҳидин» (тарҷумаи таҳтуллафз: Нест магар мӯъминин ҷуз дӯстию муҳаббат, гӯё ки як узви воҳиданд) мебошад.

Сеюм, ишора ба шахсият ва мӯъҷизоту зиндагиномаи пайғамбарон, фариштагону малоик, саҳобагон, ки дар маънигустарӣ ба амал омада, аз

ягон ҷиҳат матлабро тақвият додаанд. Дар ин бахш ба ҷуз ишора ба ном ҷузъияти дигаре низ ҳаст, ки аксари хонандагони имрӯз ва онҳо вуқуф надоранд ва ҳамин аст, ки матолиби адибонро дуруст маърифат карда наметавонанд. Байти зерини Хоқонӣ мубини ин маънист:

Чун кабӯтар нома овард аз зафар неъмалбарид,
Анкабутосо хабар дод аз хатар неъмалфато.

Он кабӯтар ва ин анкабут ба чӣ иллат дар шеър омада, барои мо равшан нест. Ин мушкиларо шореҳи девони Хоқонӣ Муҳаммад ибни Довуди Алавии Шодибодӣ бароямон осон намуда навиштааст: «Аз ин анкабут мурод он анкабут аст, ки чун ҳазрати расолатпаноҳ аз Макка ба Мадина ҳиҷрат фармуданд ва куффори Қурайш ишонро таоқуб карданд, ишон дар ғор даромаданд, анкабут парда бар дари ғор бартанид, ки куффорон гумон набаранд, ки ҳазрат дар он ғоранд ва ин маънӣ аз камолу хатару бузургии он ҳазрат нишон медиҳад. Анкабутро ба муносибати кабӯтар эрод карда, чӣ кабӯтаре низ бар дари он ғор тухм гузошт ва мақсуди он кабӯтар мақсуди анкабут буд…»

Дар ҷараёни мутолиаю маърифати осори адабиёти классик хонандагони моро ду мушкилаи дигар низ пеш меояд, ки яке маънию моҳияти як қисм таъбиру вожаҳои хоси қуруни вусто ва он дигар киноёту истиорот сухантирозии қисме аз адибони маъруф аст. Махсусан маърифати мафҳумҳои хоси ин ё он маҷал, оину русуми аҳди суханвар, ки имрӯз роиҷ нестанд, душвориҳои азим пеш меоранд. Дар байти зерини Ҳофиз таъбири «қоғазинҷома» барои хонандагони имрӯз маънои дигаре ба ҷуз ҷомаи қоғазин талқин намесозад. Вале моро маълум нест, ки чаро маҳз ҷомаи қоғазин ба хуноба ашк мешуста?! Чун аз шурӯҳи девони Хоҷа дармеёбем, ки собиқ ашхоси ҷабрдида ҷомаи қоғазин ба бар кашида назди ҳокимон додхоҳӣ меомаданд ва он аломати ҷабру зулм дидани ишон будааст, матлаб ба як бор равшан мешавад:

Қоғазинҷома аз хуноб бишӯям, ки фалак,
Раҳнамунӣ-м ба пойи аламӣ дод накард.

Дар фарҳанги мо як қисм киноёту истироoти адибони маъруфро низ ба тафсир оварда санадашро зикр кардем, то хонандагони арҷманд аз моҳияти ин мушкилаи маърифатгарӣ низ огаҳӣ дошта бошанд.

Бояд бигӯем, ки фарҳанги ҳозир таҳрири иҷмолии маводи фаровонест, ки ин муаллиф аз боррасии девонҳои ашъору куллиёти адибон ва фарҳангномаю шурӯҳи бисёре фароҳам овардааст. Азбаски танзиму таълифи ҳамаи онҳо заҳмату фурсати зиёде талаб мекунад, илова бар ин имкони нашри нусхаи комили фарҳанг фароҳам наомадааст, қарор додем, алъон барои дӯстдорони адабиёти тоҷик ва кулли ниёзмандон номаи мухтасари «Фарҳанги мушкилоти адабиёти тоҷик»-ро манзур созем. Бошад, ки рӯзи ҳуҷистае, биавнуллоҳ, бо лутфу дуои дӯстон нусхаи ҷомеи он ба зевари табъ ороста шавад.

Дар танзими ин номаи мухтасар «Фарҳанги Онандроҷ», «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Шамс-ул-луғот», «Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз», «Шарҳи қасоиди Бадри Чочӣ», «Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ», «Шарҳи қасоиди Хоқонӣ», «Баҳори борон» - шарҳи «Гулистон», осори Фирдавсию Низомӣ, Саъдию Ҳофиз, Соибу Сайидо, махсусан ду китоби судманд «Фарҳанги адабиёти форсӣ»-и Заҳрои Хонларӣ ва «Фарҳанги мутародифот ва истилоҳот»-и Муҳаммад Подшоҳ аз сарчашмаи асосӣ буданд.

**МУАЛЛИФ**

# А

АБРӮИ ШОҲИ МАҒРИБ - киноя аз моҳ.

Наъли буроқи размат абрӯи шоҳи мағриб,
Дуди чароғи базмат рӯи арӯси ховар.

**Бадри Чочӣ**

АБУЛБАШАР - ниг. ба ОДАМ.

АДН - ба маънои иқомат кардан аст, боғҳои биҳиштро низ гӯянд:

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи ҳумат яксар ба ҳавзи кавсар андозем.

АЁЗ - номи ғуломи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки маҳбуби ӯ буд ва ба зиракию ҳусну малоҳат маъруф. Дар адабиёти форсу тоҷик ба унвони маҳбубу маъшуқи Маҳмуд, ки ӯро чун бут мепарастид, зикр шудааст:

Дасти дили Маҷнуну хами турраи Лайлӣ,
Пешонии Маҳмуду кафи пои Аёз аст.

**Ҳофиз.**

Барҳамане ба Ғазнавӣ гуфт: Кароматам нигар!
Ту, ки санам шикастаӣ, банда шудӣ Аёзро.

**Муҳаммад Иқбол.**

АЗИЗИ МИСР - вазири аввали Миср, шавҳари Зулайхо, ки Юсуфро хариду дар қасри худ ҷо дод ва бар асари тӯҳмате ӯро ба зиндон афканд. Юсуф пас аз раҳоӣ аз зиндон худ ба азизии Миср расид. Аз ин рӯ дар адабиёти форсу тоҷик гоҳе аз ифодаи «азизи Миср» Юсуфро дар назар доранд:

Азизи Миср ба раҳми бародарони ғаюр,
Зи қаъри чоҳ баромаду ба авҷи моҳ расид.

**Ҳофиз.**

АЙВОНИ НУР - киноя аз фалаки чаҳорум:

Гар ӯ Кайхусрави айвони нур аст,
Чаро Бежан шуд ин дар чоҳи ялдо.

**Хоқонӣ.**

АЙЮБ - номи пайғамбар, ки дар сабру таҳаммули ранҷ машҳур аст. Дар ривоят ҳаст, ки Худои таоло ӯро ба балоҳо мубтало кард ва сабрашро озмуд. Ибтидо моли ӯро гирифт ва фақираш гардонид, сипас фарзандонаш мурданд ва худи ӯ бемор шуду дар баданаш кирм афтод. Аммо ӯ нанолид ва сабр кард. Айюб худро ба об шусту сиҳат ёфт ва он чашма ба чашмаи «Айюб» ё «айни Айюб» маъруф гашт. Ҳар беморе, ки худро дар он мешуст, шифо меёфт. Сабри Айюб дар адабиёти мо масал аст:

Ҳар кӣ дар ғам сабр кард Айюб медонем, мо,
Хӯ ба ҳиҷрон кардаро Яъқуб медонем мо.

**Сайидо.**

АЙЮҚ- аз ситорагони собит, ки дар канори Каҳкашон ҷойгир аст:

Бисуда дасти ҷалоли ту доманаш Айюқ,
Сипарда пойи камоли ту зарваи аъло.

АЛАСТ - яъне «оё нестам». Ишора ба ояти Қуръон аст, ки дар он Худованд ба одамиён хитоб кард, ки «Аласту бираббикум», яъне «Гуфтанд, ки оре». Дар шеъри форсу тоҷик ба маънои рӯзи азал омадааст:

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хӯрда магир,
Ки надоданд ҷуз ин тӯҳфа ба мо рӯзи аласт.

**Ҳофиз.**

АЛБУРЗ - номи силсилакӯҳе, ки дар қисмати шимолии Теҳрон воқест. Мувофиқи ривояти «Шоҳнома» Рустами гурд Кайқубодро аз он ҷо ҳамроҳ овард ва бар тахти шоҳӣ нишонд ва симурғ Золро бар фарорзи он парвариш дод:

Агар Кайқубодам зи Албурзкӯҳ,
Ба зорӣ фитода миёни гурӯҳ.
Наёвардаме ман ба Эронзамин,
Набастӣ камарбанду шамшери кин.
Туро ин бузургӣ набудиву ком,
Ки гӯӣ суханҳо ба Дастони Сом.

**Фирдавсӣ.**

Албурз дар шеъри форсӣ тимсоли шукӯҳу иқтидор ва ҷовидоният аст:

Ба зери сангҳои собиту сайёри гардунҳо,

Ало, Албурзи побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

**Лоиқ.**

АНГУЗА ДАР ҚАНД ХӮРДАН - ба маънои фиреб хӯрдан, гирифтори макру ҳилла шудан:

Зи ширинкории Ширини дилбанд,

Фаровон хӯрдаам ангуза дар қанд.

**Низомӣ.**

АНГУШТАРИ СУЛАЙМОН - ангуштаре, ки Сулаймон дар даст дошт ва ба василаи он бар инсону ҷонварон подшоҳӣ мекард. Тибқи «Қасас-ул-анбиё» деве онро рабуду чиҳил рӯз ба ҷои Сулаймон бар тахт нишаст:

Аз мулки ту гар ёбам ангуштаре, зинҳор,

Сад мулки Сулаймонам дар зери нигин бошад.

**Ҳофиз.**

Ман он нигини Сулаймон ба ҳеҷ настонам,

Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти аҳриман бошад.

**Ҳофиз.**

АНГУШТ НИҲОДАН - ба маънои таъзим кардан:

Чарх таъзими даратро моҳу сол,

Бар ҷабин менҳад ангушти ҳилол.

**Зулолӣ.**

АНКАБУТ - таҳти ин вожа анкабутеро ирода кунанд, ки вақти аз таъқиби куффори Қурайш аз Макка ба Мадина фирор кардани Муҳаммад алайҳиссалом боиси наҷоти эшон гардида буд. Чун ҳазрати расул ба ғоре паноҳ оварданд, ба зудӣ анкабуте бар даромадгоҳи он тор танид ва бо ин амали хеш шубҳаи дар ғор паноҳ овардани касеро бартараф кард:

Чун кабӯтар нома овард аз зафар неъмалбарид,

Анкабутосо хабар дод аз хатар неъмалфато.

**Хоқонӣ.**

АНҚО - паррандаи афсонавӣ, маънои луғавии «анқо» дарозгардан аст. Дар адабиёти форсу тоҷик тамсил аз камёбӣ ва инзивою истиғност:

Бибур зи халқу зи анқо қиёси кор бигир,

Ки сити гӯшанишинон зи Қоф то Қоф аст.

**Ҳофиз.**

АНӮШЕРВОН - шоҳи сосонӣ, писари Қубод. Номи ӯ дар арабӣ ба сурати Кисро омадааст. Дар замони Қубод Маздак оини наве овард ва Қубод дини ӯро пазируфт, вале пас аз чанде аз ӯ рӯ баргардонд ва Кисро ба фармони падар Маздаку маздакиёнро бикушт. Чун бар тахт нишаст, бар кишвардорию ободӣ пардохт. Духтари хоқони Чинро ба занӣ гирифт ва дӯстии Эрону Чинро мустаҳкам кард. Дар замони Анӯшервон шатранҷ аз Ҳинд ба Эрон омад, ҳамчунин ба дастури ӯ китоби «Калилаву Димна» аз Ҳинд ба Эрон оварда шуд ва ба забони паҳлавӣ тарҷума гардид.

Анӯшервонро Нӯшинравони одил низ гӯянд ва дар адабиёти мо тимсоли додгарию раиятпарварист.

АРНӢ - ишора ба қиссаи Мӯсо пайғамбар, ки ба Худо гуфт. «Раббун арни унзура илайка» (Парвардигоро, худро ба ман бинамо, то ба сӯи ту бинигарам). Ҷавоб омад: «Лантаронӣ» (Ҳаргиз маро нахоҳӣ дид);

Бо ту он аҳд, ки дар водии Айман бастам,

Ҳамчу Мӯсо аранӣ гӯй ба миқот барем.

**Ҳофиз.**

АРДАВОН - охирин подшоҳи ашконӣ, ки Бобак - ниёи Ардашер аз тарафи ӯ фармонравои Истахр буд. Ардавон чун овозаи Ардашер - набераи Бобакро шунид, ӯро аз падар хост ва азизаш дошт. Аммо ногаҳон бар хашм гирифт ва ба нигаҳбонии аспон водораш кард.

Ардашер бо Гулнор ном канизаки Ардавон фирор кард ва лашкаре ҷамъ оварду ба ҷанги Ардавон рафт ва ӯро мағлуб кард.

АРДАШЕРИ БОБАКОН - шоҳи сосонӣ, писари Сосон аз духтари Бобак. Мувофиқи нақли «Шоҳнома» Сосон - писари Доро пас аз кушта шудани падар ба Ҳиндустон гурехт ва фарзандони ӯ то чанд пушт дар Ҳиндустон монданд. Писари чаҳорум, ки Сосон ном дошт, ба Порс омад ва назди Бобак - ҳокими Истахр ба саршубонӣ расид. Шабе Бобак хоб дид, ки Сосон дар пили жаён нишаста ва ҳар кас ба наздаш меояд, ӯро намоз мебарад. Бобак Сосонро хост ва чун донист, ки аз нажоди шаҳриёрон аст, духтари худро ба вай дод ва аз ӯ Ардашери Бобакон ба вуҷуд омад.

Рисолаи паҳлавии «Корномаки Артахшери Попакон» дар шарҳи воқеъи замони ин подшоҳи сосонист, ки ба афсона омехтааст ва Фирдавсӣ мазмуни онро ба риштаи назм кашидааст.

АРДАШЕРИ ДАРОЗДАСТ - лақаби шоҳи Сосонӣ - Баҳман аст;

Шунидастам, ки бар пой истода,
Расидӣ то ба зону дасти Баҳман.

**Манучеҳрӣ.**

АРЖАНГ - номи китоби мансуб ба Монӣ, ки дорои тасвирҳои зебою диловез будааст. Аржанг дар адабиёти форсӣ тимсоли зебоист;

Танаш чун номаи «Аржанг» зебо,
Миён чун хомаи Монӣ мусаввар.

**Масъуди Саъди Салмон**.

АРӮСИ СУБҲИДАМ - киноя аз офтоб.

Ба боми чорумин айвон баромад,
Ба боми чорумин айвон баромад.

**Амир Хусрав.**

АРӮСИ ХОВАР - киноя аз офтоб.

Наъли буроқи размат абрӯи шоҳи мағриб,
Дуди чароғи базмат рӯи арӯси ховар.

**Бадри Чочӣ.**

АРЎСИ ҲАФТКАРДА - арўси оро дода шуда ва киноя аз офтоб.

Саҳар, к-ин арўси ҳафткарда,
Бурун омад ба ноз аз пушти парда.

**Ваҳид.**

АСАД - ба истилоҳи нуҷум яке аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ. Дар минтақат-у-лбуруҷ (ниг.) ба шакли шер. Бурҷи Асад баробари моҳи Мурдод аст;

Асад дар пеши Харчанг истода,
Камонкирдор дум ба сар ниҳода.

**Фахриддини Гургонӣ.**

АСИР - табақае аз осмон, болои кураи ҳаво, ки онро курраи оташ низ гўянд:

Баршаванд аз пули оташ, ки асираш хонанд,
Пас сари моидаи ҷаннати маъво бинанд.

**Хоқонӣ.**

АСОИ МЎСО - асое, ки чун Мўсо пайғамбар дар ҳузури Фиръавн бар замин андохт, аждаҳо шуд ва ин аз мўъҷизоти бузурги Мўсост:

Асо баргирифтан на мўъҷиз бувад,
Ҳаме аждаҳо кард бояд асо.

***

Гар асои Мўсавӣ шуд аждаҳо,
Ман асо андозаму Мўсо шавад.

Ҳамчунин вақте ки Мўсо дар биёбон асои худро бар санге зад, чашмаҳои об аз он ҷорӣ шуданд.

Хоро чу мор баркашаму пас ба як асо,
Даҳ чашма чун Калим зи хоро бароварам.

**Хоқонӣ.**

АСҲОБИ КАҲФ - каҳф ба маънои ғор аст ва асҳоби каҳф шаш тан буданд, ки дар аҳди Дақёнус ба худопарастӣ гароиданд ва аз тарси ў шабона гурехтанд. Дар роҳ шубоне ба эшон ҳамроҳ шуд. Хостанд, ки саги шубонро бозпас ба шаҳр баргардонанд, вале саг ба сухан даромад

ва гуфт: «Ман низ он касро металабам, ки шумо металабед». Даст аз ӯ боздоштанд ва ҳамагӣ ғоре рафтанд ва хобиданд. Пас аз сесаду нӯҳ сол бедор шуданд. Яке аз онҳо ба шаҳр рафт, то таоме фароҳам кунад. Чун сикка ба номи Дақёнус буд, таббоҳ ӯро пеши фармонравои шаҳр бурд. Фармонраво забони ӯро намефаҳмид. Донишмандеро ҳозир кард, ки забони ӯро дарёфт ва воқиаро дарк кард. Ҳамагӣ ба зиёрати он идда ба ғор рафтанд, то эшонро бо таҳлилу эҳтиром ба шаҳр биёваранд, вале асҳоби каҳф ба ин амр тан дарнадоданд ва дуо карданд, то Худо марг бар эшон фиристод:

Саги асҳоби каҳф рӯзе чанд,
Паи некон гирифту мардум шуд.

**Саъдӣ.**

АҚРАБ - ба истилоҳи мунаҷҷимон яке аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки бар шакли каждум аст. Бурҷи Ақраб баробари моҳи обон.

Думи Ақраб битобид аз сари кӯҳ,
Чунон чун чашми шоҳин аз нишеман.

**Манучеҳрӣӣ.**

АҲРИМАН - тибқи Авасто мазҳари нопокию тирагӣ, ки пайваста бо Аҳурамаздо - худои покӣ ва сафою нур дар ҷанг аст. Аҳриман гоҳе ишора ба девест, ки ангуштари Сулаймонро ба даст овард ва чиҳил рӯз ба ҷои ӯ бар тахт нишаст. Шайтон ҳам гоҳе дар адабиёти форсу тоҷик Аҳриман хонда мешавад. Аҳриман тимсоли зиштию нопокист:

Ман он ангуштари Сулаймон ба ҳеҷ настонам,
Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти Аҳриман бошад.

**Ҳофиз.**

## Б

БАДР - ҳолате аз моҳ, ки ниме аз он, ки ба ҷониби замин аст, комилан равшан шавад ва ин ҳол дар шаби чаҳордаҳуми ҳар моҳ рух медиҳад. Дар адабиёти форсӣ тамсил аз ҳусни расост:

Қурси маҳ чун ҳилолу бадр шавад,

Наъли якрону қурси хони ту бод.

**Абулфарҷи Рунӣ.**

БАЙЗА ДАР КУЛОҲ ШИКАСТАН - киноя аз аҷзу мағлубият.

Шикаста байзаи хуршед дар кулоҳи сипеҳр,

Ба давлати ту, ки дорои афсаркулаҳӣ.

**Заҳири Форёбӣ**.

БАЙЗАИ ЗАРРИН - киноя аз офтоб.

Пеш аз он, к-ин байзаи заррин ба ташти зар шавад,

Дар хурӯш ояд хурӯс аз нолаҳои зори ман.

**Бадри Чочӣ.**

БАЙЗАҲОИ ЗАР - киноя аз ситорагон.

Ғизоле, к-аз даҳан андохт дӯш он байзаҳои зар,

Рабудаш аз қазо ногаҳ уқоби оташиншаҳпар.

**Бадри Чочӣ.**

БАЙТУЛЭҲЗОН - байтулҳазан низ гӯянд, ниг. ба «кулбаи эҳзон».

Эй зи васлатхонаҳо дорушшифо,

В-эй зи ҳаҷрат байтҳо байтулҳазан.

**Саъдӣ.**

БАЛЪОМ - номи обиде аз банӣ Исроил, ки рондашудаи даргоҳи Худо шуд. Дар Қуръон вай ба саг ташбеҳ шудааст (сураи Аъроф, ояти 175):

Аз мояи бечорагӣ қитмир мардум мешавад,

Мохулиён меҳтарӣ саг мекунад Балъомро.

**Саъдӣ.**

ШАРҲ: «Қитмир» ба маънои зарраи хурду камарзиш, ки ба туфайли кеҳтарӣ ва шикастагӣ то ба манзалаи мардумӣ мерасад, вале Балъом, ки аз ашхоси соҳибэътибор буд, ба маҳзи худписандию даъвои бузургманишӣ ва савдои меҳтарӣ ба саг нисбат ёфт.

БАНОТУННАЪШ - ҳафтдодарон, Дубби Акбар низ меноманд. Сувари фалакии ҳафт ситора аст, ки чаҳор ситораи ба шакли тахт дар чаҳор гӯша ҷойгиршударо банот ва се ситораи дигарро наъш хонанд:

Банотуннаъш гирди ӯ ҳамегашт,
Чу андар дасти марди чап фалохун.

**Манучеҳрӣ.**

БАР(Р)А - бурҷи барра ё бурҷи ҳамал, мутобиқи моҳи фарвардин, ки дар он шабу рӯз баробар мешавад:

Чу омад ба бурҷи ҳамал офтоб,
Ҷаҳон гашт бофарру ойину тоб.
Битобид з-ин сон зи бурҷи бара,
Ки гетӣ ҷавон шуд аз ӯ яксара.

**Фирдавсӣ.**

БАТИ БОДА - зарфе батшакл (мурғобишакл), ки май андаруни он меоранд:

Нашъаи бодаи тавҳид бар он ринд ҳалол,
Ки бати бода кам аз мурғи ҳарам нашносад.

**Соиб.**

БАЧЧАИ ХУНИН - киноя аз ашк.

Ҳар дам ҳазор баччаи хунин кунам ба хок,
Чун лӯъбатони дида ба зодан дароварам.

**Хоқонӣ.**

БАҒДОДИ КӮҲНА - киноя аш шиками холӣ, ки онро Бағдоди маъмур, Бағдоди холӣ низ гӯянд:

Ҳеҷ гаҳ аз таом пур дидӣ?
Ҳоли Бағдоди кӯҳна пурсидӣ?

**Лоардӣ.**

БАҲМАН - писари Исфандиёр, ӯро Ардашери Дароздаст низ гӯянд. Чун падараш ба дасти Рустам кушта шуд, Рустам парвариши ӯро ба ӯҳда гирифт ва ҳунар омӯхту чун писар азизаш дошт. Чун бузург шуд, номае ба Гуштосп фиристод ва ӯро аз кори Баҳман огоҳ кард. Баҳман пас аз

Гуштосп ба шоҳӣ расид. Вай ба хунхоҳии падар ба Зобулистон лашкар кашид ва чун Рустам дар ин замон ба ҳиллаи бародараш Шағод кушта шуда буд, вай дари ганҷи хонадони Рустамро кушод ва ганҷҳоро ғорату Золро асир кард. Писари рустам Фаромурз чун шунид, ки Зол асир гаштааст, ба ҷанги Баҳман омад, вале шикаст хӯрд. Баҳман аз кори худ пушаймон гашт ва Золро озод кард.

БАҲМАНҶАНА - баҳманрӯз низ гӯянд, ки рӯзи дуюм аз моҳи баҳман аст. Порсиён ин рӯзро ҷашн мегирифтанд ва ин ҷашн то чанд қарн пас аз ислом низ маълум будааст:

Расми баҳман гиру аз нав тоза кун баҳманҷана,
Эй дарахти мулк борат, иззу бедорӣ тана.

**Манучеҳрӣ.**

БАҲРИ ХАЗРО - киноя аз осмон.

Боғест фазои кибриёит,
Берун зи риёзи сабзторам.
Аз ҳар варақаш чу баҳри хазро,
Овехта сад ҳазор шабнам.

**Салмони Соваҷӣ.**

БАҲРОМ - сайёраи Миррихро гӯянд. Ситораи фитнаю ҷанг аст. Рамзи нуҳусат ва шумӣ маҳсуб мешавад. Ҷояш фалаки панҷум будааст:

Баҳром тофт аз фалаки панҷумин ҳаме,
Чунонки дида сурх кунад шаржаи жаён.

**Анварӣ.**

БАҲРОМИ ГӮР - писари шоҳи сосонӣ Яздигурд. Падараш ӯро назди Мунзир бинни Нӯъмон фиристод, то тарбият диҳад. Чун Баҳром ҳунару фарҳанг омӯхт ва аз марги падар хабар ёфт ва донист, ки бузургон яке аз шоҳзодагонро ба номи Хусрав ба тахт нишондаанд, бо сӣ ҳазор савор ба рон омад. Эрониён тоҷи шоҳиро миёни ду шер гузоштанд, то ҳар як аз ду шоҳзода, ки онро бардошт, бар тахт бинишинад. Баҳром шеронро бикушт ва тоҷро баргирифту бар сар ниҳод.

Дар адабиёти мо Баҳром ба раиятпарварию таҷаммул ва хушгузаронии умр шӯҳрат дорад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ қиссаҳои зиёде аз шикору маҷлиси базми Баҳром ва саркашиву расидагӣ ба вазъи мардумон ва табақоти мухталиф миллату додгустарии ӯ омадааст. Манзумаи «Ҳафт пайкар» ё «Баҳромнома»-и Низомӣ дар бораи ӯст.

Саранҷом Баҳром ҳангоме, ки аз пайи гӯрхаре метохт, ба ботлоқе фурӯ рафт ва нопадид шуд:

Он қаср, ки Баҳром дар ӯ ҷом гирифт,
Оҳу бача карду гург ором гирифт.
Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,
Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт.

**Хайём.**

БЕЖАН - паҳлавони эронӣ, писари Гев.

Мувофиқи ривояти «Шоҳнома» ба фармони Кайхисрав ҳамроҳи Гургин ба ҷанги гурозон рафт. Вале Гургин ӯро фиреб дода ба даште раҳнамоӣ кард, ки духтари Афросиёб - Манижа дар он хайма зада ва ҷашн барпо карда буд. Бежан ошиқи Манижа шуд ва ӯро ба чодари худ хонд, пас аз он ба кохи худ бурд. Чун Афросиёб огоҳ шуд Бежанро дар чоҳ андохт ва Манижаро сарупо бараҳна аз кох берун афканд. Манижа ҳар рӯз ба сари чоҳ мерафт ва нонеро, ки аз гадоӣ ба даст оварда буд, ба Бежан мерасонид. Саранҷом Рустам дар ҷомаи бозаргонон ба Тӯрон омад ва ба раҳнамоии Манижа бар сари чоҳ рафт ва Бежанро наҷот дод. Чоҳи Бежан дар адабиёти форсу тоҷик тимсоли гирифторист:

Сурайё чун Манижа бар сари чоҳ,
Ду чашми ман бад-ӯ чун чашми Бежан.

**Манучеҳрӣ.**

БИЛҚИС - номи маликаи шаҳри Сабо, ки Сулаймон хабари қудрати ӯро шуниду оҳанги шаҳри ӯ кард. Билқис чун донист, ки ӯ пайғамбар аст, ба даргоҳаш равона шуд. Сулаймон аз Худо хост, ки тахти Билқис пеш аз расидани худи ӯ ба даргоҳ ҳозир шавад. Тахти Билқис дар маҷлиси

Сулаймон ҳозир шуд ва Билқис ба Сулаймон имон овард ва ба никоҳаш даромад:

Ҳазрати Билқис бонуи Сабо,
Бар сари арши муалло дидаам.

**Хоқонӣ.**

БИРҶИС - сайёраи Муштарӣ. Аз сайёрагони ҳафтгонаи масъуд аст, онро қозии фалак низ гӯянд:

Дорад аз лутфи ту Бирҷису зи қаҳри ту Зуҳал,
Ин саодат мустафоду он нуҳусат мустаор.

**Анварӣ.**

БОДИ САБО - боде, ки фармонбардори Сулаймон буд ва ӯро аз шаҳр ба шаҳре мебурд:

Андар он мавкиб, ки бар пушти сабо бананд зин,
Бо Сулаймон чун биронам ман, ки мӯрам маркаб аст.

**Ҳофиз.**

БОЗИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Хез, ки боз бози зар бар сари чатри нилгун,
Гашт падид, боз мурғ аз ғами дил фиғон гирифт.

**Низомӣ.**

БОЗИЧАГУН ҲУҚҚА - киноя аз осмон.

Ҳанӯзам ақл чун тифлон сари бозича медорад,
Ки ин бозичагун ҳуққа ба бозӣ кард ҳайронам.

**Хоқонӣ.**

БОМИ ХАЗРО - киноя аз осмон.

Ба сури субҳгоҳӣ баршикофам,
Салиби равзани ин боми хазро.

**Хоқонӣ.**

БОМИ ЧОРУМИН АЙВОН - киноя аз осмон ва фалаки чаҳорум, ки қароргоҳи хуршед аст:

Арӯси субҳидам якчашма карда,
Ба боми чорумин айвон баромад.

**Амир Хусрав.**

БУЗУРГМЕҲР - номи вазири донишманди Анӯшервон. Дар адабиёти форсу тоҷик тимсоли донишмандию лаёқат ва тақвост:

Базми Нӯшинравон сипеҳрӣ буд,
К-аз ҷаҳонаш Бузургмеҳре буд.

**Низомӣ.**

БУЛБАШАР - яъне Одам алайҳиссалом, Абулбашар низ гӯянд:

Ба сафои сафии ҳақ Одам,
Ки сари анбиёву Булбашар аст.

**Анварӣ.**

БУРОҚ - номи аспе, ки Муҳаммад, алайҳиссалом, дар шаби меъроҷ бар он нишаста буданд, ба маънои мутлақи асп ҳам омадааст:

Буроқи ҳимматаш меъроҷпаймой,
Уқоби давлаташ наҳматшикор аст.

**Абулфарҷи Рунӣ.**

Барқе, ки Буроқ буд номаш,
Рифқи равиши ту кард ромаш.

**Низомӣ.**

БУТИ ОЗАРӢ - ишора ба бутҳое, ки Озари буттарош - падари Иброҳим пайғамбар метарошид. Дар шеъри форсу тоҷик киноя аз зебоию хубрӯист:

Дигар ба рӯи қасам дида барнамебошад,
Халили ман ҳама бутҳои озарӣ бишкаст.

**Саъдӣ.**

БӮТАИ ГИЛ - киноя аз колбуди одамӣ.

Туро дар бӯтаи гил баҳри он доданд ин фурсат,
Ки сими ноқиси худро кунӣ комилиёр ин ҷо.

**Соиб.**

# В

ВАҚВОҚ - номи ҷазираест ва баъзе гӯянд, номи кӯҳест, ки дар он кӯҳ маъдани тилло ҷой дорад ва мардуми он ҷо ҷамеи ашёи рӯзгори худро аз тилло кардаанд. Он ҷо бӯзинагони зиёде ҳастанд ва мардум онҳоро хона ҷорӯб кардан ва ҳезум аз ҷангал овардан омӯхтаанд. Дар он кӯҳ дарахте низ ҳаст, ки меваи он ба сурати одамӣ ва ҳайвоноти дигар буда, аз он суратҳо садоҳои аҷибу ғариб бармеомадааст. Чун он меваҳо аз дарахт бияфтанд, ё онҳоро бичинанд, дигар овоз намедодаанд. Номи ҳамон дарахтро низ вақвоқ дар Ҳиндустон месабзидааст, ки ҳар субҳ барг баровrouta баҳор мекарда ва шом хазон гардида, баргҳояш мерехта.

Басе намонд, ки ябрӯҳ дар замини Хутан,
Сухансарой шавад чун дарахтаки вақвоқ.

**Хоқонӣ.**

ВАРАҚ ДАРНАВАШТАН - ба маънои роҳ паймудан, қадам задан.

Чу лахте заминро варақ дарнавашт,
Зи паҳлӯи водӣ баромад ба дашт.

**Низомӣ.**

ВАҲШАТ КАШИДАН - ба маънои хавотирию тарс.

Ғӯта зан дар баҳри ҳайрат в-арна аз ҳар мавҷае,
Ҳамчу моҳӣ ваҳшатии қуллоб мебояд кашид.

**Соиб.**

ВОДИИ АЙМАН - биёбоне, ки Мӯсо дар он бар дарахте равшании оташ дид ва хитоб омад: «инна ано аллоҳ» (ба дурустӣ, ки ман Оллоҳам) ва оташи намудоршударо қабас (ниг.) гуфтаанд:

Шаби тор асту раҳи водии Айман дар пеш,
Оташи Тур куҷо, ваъдаи дидор куҷо.

**Ҳофиз.**

ВОДИИ ХОМӮШОН - киноя аз мазористон.

Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,
Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз.

**Ҳофиз.**

# Г

ГАНДУМ - донае, ки хӯрданаш барои Одаму Ҳавво манъ шуда буд, вале онҳо ба иғвои иблис аз он хӯрдану аз биҳишт ронда шуданд.

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.

**Ҳофиз**.

ГАНҶИ ГОВ - дар адабиёти форсу тоҷик таҳти ин мафҳум ду ривоятро ирода мекунанд. Аввал он аст, ки дар замони Мӯсо пайғамбар шахсе буд, ки давлати бисёр дошт. Хешовандонаш ӯро бо ҷумлаи молҳояш ҳалок карда ба ҷои дигар андохтанд ва барои дафъи гумон тӯҳмат ба мардуми он ҷо заданд. Барои рафъи шубҳа ба Мӯсо, алайҳиссалом, муроҷиат карданд. Мӯсо ба даргоҳи илоҳӣ муноҷот кард. Ҳақ таоло фармуд, ки як гов бад-он шаклу намуди гови он шахс бикушанд ва як ҷузве аз дил ё забони онро бурида бар он шахси мақтул бизананд, ӯ зинда шавад. Баъди ҷустуҷӯи зиёде як гови комилан ба гови он шахс монанд пайдо карда, онро ба ивази як чарми гови пур аз зар хариданд. Чун он амал иҷро карданд, шахси кушташуда ба сухан даромад ва гуфт, ки ӯро хешу ақрабояш ба қатл расониданд. Бад-ин маънӣ Ҳоқонӣ гуфтааст:

Маро чун даъвати Исост иде ҳар замон дар дил,
Дилам қурбони иди фақру ганҷи гови қурбониаш.

Дуюм, номи ганҷест, аз ганҷҳои Ҷамшед, ки онро дар замони Баҳроми Гӯр пайдо кардаанд. Гӯянд, ки деҳқоне зироатро об медод, ногоҳ сӯрохе пайдо шуду об тамом ба он сӯрох мерафт ва садои аҷибе аз он берун мешуд. Деҳқон ба назди Баҳром омаду аҳволро гуфт. Баҳром фармуд, замини он ҷойро кананд. Иморате пайдо шуд басе олӣ.

Мўъбадеро ишора кард, ки ба он хона дарой. Чун даромад ду говмеш дид, ки аз тилло сохта буданд ва чашмҳои онҳо аз ёқути қимате буд ва шикамҳои онҳоро пур аз анору себ ва амруди заррин карда ва даруни меваҳои зарринро пур аз марворид сохта буданд. Дар пеши говмеш охуре аз тилло сохта, онҳоро аз гавҳари қимате пур карда буданд ва бар говмешҳо номи Ҷамшедро канда буданд. Дар атрофи говмешҳо намудҳои гуногуни паррандагон, чарандагон ва ҷонварони дигарро аз тилло сохта будаанд. Чун хабар ба Баҳром оварданд, ў фармуд, ки тамоми он ганҷро ба мардуми камбизоат ва афтодаҳол тақдим кунанд. Ин қиссаро Фирдавсӣ бад-ин шева тасвир кардааст;

Зи зар карда бар пой ду говмеш,
Яке охуре карда заррин зи пеш.
Забарҷад ба охур - дарун рехта,
Ба ёқути сурх андар омехта.
Чу ду гови гардун миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.
Миёни биҳӣ дурри хушоб буд,
Ки ҳар донае қатраи об буд.
Ҳамон говро чашм ёқут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.
Ҳама гирд бар гирди ў шеру гўр,
Яке дида ёқуту дигар булўр.
Тазарвони зарину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар…
Ба ҳангми Ҷам чун сухан ронданд,
Варо ганҷи говон ҳамехонданд.

ГАНҶИ ОБОВАРДА - киноя аз ашк.

Агар як ганҷи бодоварда Хусрав дид дар умре,
Маро сад ганҷи обоварда ҳар дам канор уфтад.

**Солики Яздӣ.**

ГАНҶИ ҚОРУН - ганҷе, ки Қорун - писари амаки Мӯсо пайғамбар ба василаи кимиёгарӣ андӯхта буд ва бо ғурури он ганҷ бар Мӯсо исён кард. Мӯсо пайғамбар дуое кард, то Қоруну ганҷаш дар замин фурӯ рафтанд;

Ба ибрат назар кун, ки гардун чӣ кард,
Фаридун куҷо рафту Қорун чӣ кард?!

**Ҷомӣ.**

ГАРОНПОЯ - ниг. ба гаронсоя.

Чу дарё нагӯям, гаронсояӣ,
Ҳамоно, ки чун кон гаронпояӣ.

**Низомӣ.**

ГАРОНСОЯ - ба маънои олиқадр, боарҷ.

Чу дарё нагӯям, гаронсояӣ,
Ҳамоно, ки чун кон гаронпояӣ.

**Низомӣ.**

ГАРШОСП - номи яке аз ниёгони Зол, ки аз Зобулистон буд. Асадии Тӯсӣ қиссаи диловариҳои ӯро дар «Гаршоспнома» (анҷоми таълифаш соли 1065) ба қалам овардааст.

ГЕВ - аз паҳлавонони «Шоҳнома», писари Гударз, ки диловариҳо зоҳир кардааст. Аз корҳои маъруфи ӯ овардани Кайхисрав ба Эрон аст. Дигар ёфтани духтаре дар шикоргоҳ ва овардани ӯ назди Ковус. Ковус он духтар ба занӣ мегирад ва аз ӯ Сиёвуш ба дунё омадааст. Гев падари Бежани номдор аст, ки достони ӯ бо духтари Афросиёб - Манижа аз қисматҳои дилкаши «Шоҳнома» аст.

ГОВИ ГАРДАНДА - ба истилоҳи аҳли нуҷум ва шуаро бурҷи Саврро гӯянд.

В-аз фалак овард дар вай Моҳиву Гову садаф,
Гови гарданда садафҷунбону Моҳӣ ошно.

**Хоқонӣ.**

Дар ин байти Ҳоқонӣ мурод аз Моҳӣ бурҷи Ҳут ва аз садаф ситорагони самти қутб.

ГУДАРЗ - аз паҳлавонони номдори «Шоҳнома», писари Кашвод. Гударз ҳафтод писар дошт, ҳама паҳлавонони номӣ, ки аз миён Гев Гударз машҳуранд. Хонаводаи ӯ дар «Шоҳнома» Гударзиён хонда шудааст. Худи Гударз дар даргоҳи Ковус обрӯю эътибори бисёре дошт.

ГУЛ - киноя аз рӯй.

Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.

**Низомӣ.**

ГУЛ ЧИДАН - ба маънои файз бардоштан.

Ба сайри боғу бӯстон эҳтиёҷе нест ошиқро,
Ки ҳам аз кори худ Фарҳоди ширинкор гул чинад.

**Соиб.**

ГУЛИ СУРХ - киноя аз офтоб.

Саҳаргаҳ, ки омад ба некахтарӣ,
Гули сурх бар тоқи нилуфарӣ.

**Низомӣ.**

ГУЛГУН - номи аспи Ширин, аз қиссаи «Хусраву Ширин».

Набуд он рӯз Гулгун дар висоқаш,
Гар аспе дигар уфтод иттифоқаш.

**Низомӣ.**

ГУНБАДИ ЗАРНИГОР - киноя аз осмон.

Нигаҳ кун ба ин гунбади зарнигор,
Ки сақфаш бувад бе сутун устувор.

**Саъдӣ.**

ГУРБАИ АБӮҲУРАЙРА - Абӯҳурайра аз саҳобагони Муҳаммад алайҳиссалом буд, ки ҳофизаи қавие дошт. Аз ин ҷиҳат бисёр аз суханони пайғамбарро дар хотир дошт ва асҳоби дигар аз номи вай нақли қавл мекарданд. Абӯҳурайра гурбаро дӯст медошт. Як бор дар ҳузури пайғамбар бачаи гурбае ба зону дошт, пайғамбар ба навозиш ба ӯ

номи Абӯҳурайра (маънояш гурбаи хурд) бидод. Гурбаи Абӯҳурайра монанди саги асҳоби каҳф дар адабиёти форсу тоҷик тимсоли ҳайвони боиззату ҳурмат ва қобили эҳтиром мебошад.

«Молдореро шунидам, ки ба бухл чунон маъруф буд, ки Ҳотами Той дар карам…то ба ҷое, ки ноне ба ҷоне аз даст надодӣ ва гурбаи Абӯҳурайраро ба луқмае нанвохтӣ ва саги асҳоби каҳфро устухоне наяндохтӣ».

**Саъдӣ.**

ГУРДОФАРИД - духтари диловаре, ки ба ҷанги Сӯҳроб рафта, далерию шуҷоат нишон дод ва бо ҳилла Сӯҳробро то дарвозаи Дижи сапед оварду худ вориди диж шуд ва дар ба Сӯҳроб баста, худ ва эрониёни дигарро наҷот дод.

ГУРГ - дар адабиёти форсу тоҷик ишора ба гургест, ки бародарони Юсуф бардурӯғ ӯро ба даридани бародари хурдиашон муттаҳам кардаанд. Аз ин сабаб гурги Юсуф тимсоли гунаҳгори бегуноҳ қарор гирифтааст:

Дар кӯи ту маъруфаму аз рӯи ту маҳрум,
Гурге даҳанолудаю Юсуф надарида.

**Саъдӣ.**

ГУРГОШТӢ - киноя аз риёву нифоқ.

Эй сабо, дарди дили Юсуф бигӯ Яъқубро,
Оштӣ карданд ихвонаш, вале гургоштӣ.

**Осафӣ.**

ГУШТОСП - писари шоҳ Лӯҳросп. Падараш ба сари тахт омадани ӯро намехост, бинобар ин вай ба Рум рафта, духтари Қайсари Рум - Катоюнро ба занӣ мегирад. Оқибат Лӯҳросп писари дигараш Зарирро ба ҷустуҷӯи Гуштосп мефиристад, то ба Эрон бозгардаду тахти шоҳиро соҳиб шавад. Гуштосп аз Катоюн ду писар дошт: Исфандиёр ва Пашутан. Аз муҳимтарин воқеаҳои замони Гуштосп зуҳури Зардушт аст, ки Гуштоспу писаронаш ва бузургони дигар ба дини ӯ гаравиданд. Дигар

ҷанг бо Арҷосп аст, ки барои пирӯзиҳои кеши зардуштӣ бурда мешуд ва он ҷанг бо ғалабаи Исфандиёр анҷомид.

ГУҲАР (гавҳар) - киноя аз дандон.

Гар шуд гуҳаре зи дурҷи нӯшинат кам,
Дар ҳусн нагашт ҳеҷ тамкинат кам.
Сад моҳ зи атрофи рухат метобид,
Гӯ, бош ситорае зи парвинат кам.

**Ҷомӣ.**

ГӮСОЛАИ СОМИРӢ - гӯсолае, ки дар замони Мӯсо пайғамбар Сомирӣ ном марде аз тилло сохт ва мувофиқи ривоёт аз хоке, ки аспи Ҷабраил дар он по ниҳода буд, бар он афшонд, то гӯсола ба садо омаду ҳаракат кард. Дар адабиёти форсу тоҷик гӯсолаи Сомирӣ тамсил аз сеҳру ҷодугарист, ки ҳаргиз ба мартабаи эъҷоз нарасад.

# Д

ДАБАРОН - манзили чаҳорум аз манозили қамар ва ситораест равшану сурх, ки ба арабӣ онро тобеъуннаҷм гӯянд. Дар пушти Сурайё ҷойгир аст:

Гар Савр чу Ақраб нашудӣ ноқису бечашм,
Бар қабзаи шамшер нишондӣ Дабаронро.

**Анварӣ.**

ДАЙРИ МИНО - киноя аз осмон.

На руҳуллоҳ дар ин дайр аст, чун шуд,
Чунин Даҷҷолфеъл ин дайри мино.

**Хоқонӣ.**

ДАЛВ - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли далви обкашист. Бурҷи Далв баробари моҳи баҳман аст:

Фитода обкашро далв дар чоҳ,
Бимонда обкаш хира чу гумроҳ.

**Фахриддини Гургонӣ.**

ДАМИ ИСО - нафаси Исо, ки мурдаро зинда мекард:

Ҳар насиме, ки ба ман бӯи Хуросон орад,
Чун дами Исо дар колбудам ҷон орад.

**Сайид Ҳасани Ғазнавӣ.**

ДАМОВАНД - номи кӯҳест дар шимоли шарқи Теҳрон, туфайли дар он кӯҳ Заҳҳокро ҳабс кардани Фаридун маъруф аст.

ДАРАХТИ ДОНО - дарахте будааст, ки агар касеро чизе форомӯш шуда бошад, барги он зери болини худ ниҳода хуспад, он чиз ӯро ба ёд меомадааст. Онро шаҷарулҳаким низ номидаанд.

Муҳаққиқони сухан з-ин дарахт мева баранд,
В-агар шаванд саросар дарахтаки доно.

**Хоқонӣ.**

ДАСТ ДАР ТАҲТИСАНГ БУДАН - киноя аз оҷизӣ ва мағлуб шудан.

Аз ин диёр сафар сахт мушкил аст маро,
Ки даст дар таҳи санг асту мор дар кафи по.

**Нодими Гелонӣ.**

ДАСТ ГАЗИДАН - киноя аз афсӯсу надомат ва пушаймонӣ:

Азбаски даст мегазаму оҳ мекашам,
Оташ задам чу гул ба тани лахт-лахти хеш.

**Ҳофиз.**

ДАСТ ЗАДАН - киноя аз шодию сурур.

Ғамро чӣ заҳра бошад, то номи мо барад,
Дасте бизан, ки аз ғаму ғамхор фориғем.

**Мавлавӣ.**

ДАҶҶОЛ - номи шахси мавҳуме буда, ки чун қиёмат наздик ояд, аз чоҳи Исфаҳон берун шуда, халқро бероҳ кунад ва ба сӯи куфр кашида дар зулм шӯҳра шавад. Баъдан бояд Исо алайҳиссалом аз фалаки чаҳорум ба замин фуромада Даҷҷолро бикушад ва халқро аз шарри ӯ раҳоӣ диҳад. Тибқи ривоёт Даҷҷол байни мардум харсавор мегаштааст ва танҳо як чашм доштааст:

Ба фан Даҷҷолро маъзул карда,

Ба шакл Иблисро махзул карда.

**Хусрави Деҳлавӣ.**

ДИЛ ШИРИН КАРДАН - киноя аз завқу шодӣ.

Бидон ширин кунам боре дили хеш,

Бирезам бар шакар шӯри дили реш.

**Хусрави Деҳлавӣ.**

ДИРАФШИ КОВИЁН - ливое, ки Коваи оҳангар аз пешдомани чармини хеш бар сари чӯбе сохт ва мардумро ба Заҳҳок шӯронид. Аз он пас ин чармпора, ки ба гавҳарҳои гаронбаҳо ороста шуда буд, дирафши шоҳии Эрон шуд. То поёни кори Сосониён дирафши расмии Эронро дирафши Ковиён меномиданд.

ДОВУД - номи пайғамбар, ки овози бағоят хуш дошт ва ҳангоме, ки китоби осмонии худ «Забур»-ро мехонд, мурғ аз парвоз бозмеистод:

Ба Довудӣ диламро тоза гардон,

«Забур»-амро баландовоза гардон.

**Низомӣ.**

***

Кӯҳи донишро ду Довуд аз нафас,

Мантиқ-ут-тайр аз хушовоӣ фирист.

**Хоқонӣ.**

ДОМОДИ ШУАЙБ - ишора ба Мӯсо пайғамбар, ки духтари Шуайбро ба занӣ гирифта буд.

ДОРО - писари шоҳи каёнӣ Дороб аст, ки дар дувоздаҳсолагӣ бинобар даргузашти падараш ба шоҳӣ расид ва аз румиён бож хост. Искандар, ки ба ривояти «Шоҳнома» писари дигари Дороб буд, ба ӯ ҷавоби сахт дод. Байни онҳо ҷанг оғоз шуд. Дар ин ҷанг эрониён шикаст хӯрданд. Ду тан аз саркардагони Доро чун вазъи ӯ дигаргун диданд, шабона корд ба синаи ӯ заданд. Чун хабар ба Искандар расид, бар болини Доро омад ва зорӣ оғоз кард ва фош кард, ки бародари ӯст. Доро пас аз он, ки Искандарро ба додгарӣ васият кард, ҷон дод. Зории

Искандар бар болини Доро аз қисматҳои бисёр муассири «Шоҳнома» аст. Дар «Искандарнома»-и Низомӣ низ ин қисмат бо шевоии том суруда шудааст.

ДОРОБ - писари Баҳман. Модараш барои он ки тоҷу тахтро аз даст надиҳад, ӯро баъди таваллуд шудан бо ҷавоҳироти бисёр ба сандуқе гузошт ва ба об андохт. Гозуре сандуқро аз об гирифт ва ба хона бурда кӯдакро Дороб ном кард. Дороб бузургу нерӯманд шуда, фарҳангу саворӣ омӯхт. Азбаски ба падару модари гозурпеша меҳре эҳсос намекард, аз нажоди худ пурсид. Чун розро донист, силоҳу аспе хариду ба хидмати марзбон омад. Иттифоқан румиён ба он марз омаданд ва марзбонро куштанду ҷанг оғоз карданд. Маликаи Эрон Ҳумо (модари Дороб) шахсеро ба номи Рашнавод бо лашкаре ба ҷанги Рум фиристод. Дороб дар он ҷанг мавриди навозиши Рашнавод қарор гирифт. Чун аз нажоди ӯ огоҳ шуд, номае ба Ҳумо навишту Доробро ба даргоҳ фиристод. Ҳумо, ки писарро чунон дид, аз гузашта пӯзиш хост ва бузургонро ҷамъ кард ва ӯро ба тахти шоҳӣ нишонд. Дороб духтари қайсари Румро ба занӣ гирифт. Аммо чун даҳонаш бӯи нохуш дошт, ӯро назди падараш фиристод. Духтар обистан буд ва писаре зоид ба номи Искандар, ки қайсари Рум ӯро писари худ хонд.

ДОРУССАЛОМ - ишора ба биҳишт:

Дар айши нақд кӯш, ки чун обхур намонд,
Одам биҳишт равзаи доруссаломро.

**Ҳофиз.**

ДУББИ АКБАР - аз суратҳои фалакӣ, ки дар шимоли минтақулбуруҷ қарор гирифта ва ба шакли хирси бузурги ба пой истода аст.

ДУББИ АСҒАР - аз суратҳои фалакӣ, ҳафт ситораи ба шакли хирси кӯчак. Ҷумла ситорагони хирси кӯчакро банотуннаъши хурд хонанд.

ДУНБА НИҲОДАН - кинояи аз фирефтан, даға додан ва ғофил кардан аст:

Туро аз гӯсфанди чарх дунё мениҳад дунба,
Ту бар гови замин асоси чарху бунёнаш.

**Хоқонӣ.**

ДӮЛОБИ МИНО - киноя аз осмон.

Ин оташинкоса нигар дӯлоби мино дошта,
Ин абри кавсаркоса низ оҳанги дарё дошта.

**Хоқонӣ.**

## Ж

ЖОЛА - киноя аз ашк.

Жола аз наргис фурӯ бориду гулро об дод,
Аз тагарги рӯҳпарвар тобиши уннob дод.

**Бадри Чочӣ.**

## З

ЗАБОНИ ЗАРГАРӢ - забоне, ки чанд нафар барои худ тартиб бидиҳанд ва бо он сӯҳбат бикунанд:

Нест ҳарфи хайр гуфтан бар лаби аҳли тамаъ,
Он чи медонанд ин мардум, забони заргарист.

**Алихони Орзӯ.**

Сухансанҷу қадаҳнӯшу ғазалхон,
Адофаҳму забони заргаридон.

**Фавқии Яздӣ.**

ЗАМЗАМ - номи чоҳе наздики хонаи Каъба:

Ба сони чоҳи Замзам аст чашми ман,
Ки каъбаи вуҳуш шуд сарои ӯ.

**Манучеҳрӣ.**

ЗАНГӢ - аҳли Зангборро гӯянд, маҷозан сиёҳии зулф ва фарорасии шаб ирода мешавад:

Зулфаш ба сони зангиён дарҳам шуда аз ҳар карон,
Бар оразаш бозикунон афтону хезон дидаам.

**Хоқонӣ.**

ЗАРРИНСОҒАР - киноя аз офтоб.

Аз барои ташнагони роҳи меҳраш офтоб,

Бар сари ин нӯҳ хуми фирӯза заррин соғар аст.

**Бадри Чочӣ.**

ЗАХИРАҲОИ ДИЛ - ба маънои ғами дил.

Тан дардиҳам ба ҳаҷри ту азбаски нолаҳо,

Як-як захираҳои дилам аз забон кашид.

**Шонӣ.**

ЗАҲҲОК - Беварасп низ гӯянд. Аз нажоди араб, ки бар тибқи «Шоҳнома» ба иғвои иблис падарро кушт ва иблис ду китфи ӯро бӯсиду нопадид гашт. Аз ҷои бӯсаҳо ду мор падид омаданд, ки Заҳҳокро сахт ранҷ медоданд. Табибон чораи онро намедонистанд. Иблис ба сурати пизишке зоҳир шуд ва доруи дардаш, яъне ором кардани морҳоро мағзи сари одамӣ гуфт. Аз он пас ҳар рӯз ду ҷавонро мекуштанд, то ғизои морҳои Заҳҳок ҳозир шавад. Заҳҳок бар Эрон ғалаба кард, Ҷамшедро кушт, бар тахт нишаст ва бисёр ситам кард. Саранҷом оҳангаре ба номи Кова, ки Заҳҳок писаронашро кушта буд, мардонро ба шӯриш даъват кард ва Фаридунро, ки аз нажоди Таҳмурас буд, ба салтанат хонд. Фаридун Заҳҳокро асир ва дар кӯҳи Домаванд зиндонӣ кард:

Дасти оҳангар маро дар моҳи заҳҳокӣ кашид,

Ганҷи Афредун чи суд андар дили донои ман.

**Хоқонӣ.**

ЗЕРИ НИГИН КАРДАН - киноя аз тасхир кардан ва ба итоати хеш овардан:

Бурди фаровон ранҷи дил, дидӣ фаровон ранҷи тан,

Аз ранҷи дил в-аз ранҷи тан кардӣ ҷаҳон зери нигин.

**Фаррухӣ.**

ЗОБУЛ/ ЗОВУЛ - номи вилояти Систон, дар машриқи Эрон, ки ба ривояти «Шоҳнома» сарзамини аҷдоди Рустам будааст.

ЗОЛ - писари Сом, падари Рустам. Чун ҳангоми зодан мӯяш сафед буд, ба дастури Сом бар болои кӯҳи Албурз гузоштанд. Симурғ ӯро назди чӯҷаҳои худ бурд ва бузург кард. Сом баъди чандин сол

писарашро дар хоб дид ва ба ҷустуҷӯи ӯ рафт. Симурғ Золро ба падарш супурд ва паре аз худ ба Зол дод, ки ҳангоми ҳоҷат онро оташ занад ва аз симурғ ёрӣ бихоҳад. Зол, ки аз симурғ Дастон лақаб гирифта буд, назди бузургон ба дониш омӯхтан пардохт ва паҳлавоне донишвару нирӯманд шуд.

ЗОЛИ МАДОИН - пиразанеро гӯянд, ки дар шафати қасри Нӯшервон кулбаи вайронае доштааст. Чун ӯ барои таҳияи таом аз хасу хошок оташ меафрӯхт, дуди он дарбориёнро ранҷ медод. Хостанд, барои ӯ ҷои дигар хонае бунёд кунанд, пиразан розӣ нашуд. Нӯшервон дар маслаки адолатпешагии худ устувор монда то даргузашти пиразан нагузошт, ки ба ӯ халал расонанд.

Не золи Мадоин кам аз пиразани Кӯфа,
Не кулбаи танги ин беҳтар зи танӯри он.

**Хоқонӣ.**

ЗУЛАЙХО - зани азизи Миср, ки ошиқи Юсуф гашт ва чун Юсуф таслими вай нашуд, бар ӯ хашм гирифт ва шавҳарашро водошт, ки ӯро ба зиндон афканад. Саранҷом Юсуф аз зиндон наҷот ёфт ва азизи Миср шуд. Зулайхо, ки фақиру оҷиз гашта буд, пайваста ба даргоҳи Худо менолиду сари роҳи Юсуф менишаст. Чун дини Юсуфро пазируфт, бар асари мӯъҷизаи ӯ Зулайхо ҷавону бино гашт ва ба ҳамсарии ӯ даромад.

Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.

**Ҳофиз.**

ЗУЛМАТ/ ЗУЛМОТ - ниг. ба Зулумот.

ЗУЛУМОТ - торикие, ки Хизр пайғамбар барои ба даст овардани оби ҳаёт ва андаруни он рафт:

Қатъи ин марҳала беҳамраҳии Хизр макун,
Зулумот аст, битарс аз хатари гумроҳӣ.

**Ҳофиз.**

ЗУЛФИҚОР - шамшери ҳазрати Алиро гӯянд:

Самсоми шоҳ чун зи ҳунар чошнӣ диҳад,
Захмаш баробар ояд бо захми зулфиқор.

**Абулфараҷи Румӣ.**

ЗУЛФИ КОФ - киноя аз хами зулф.

Аз хами зулфи кофу турраи нун,
Ҳар замон шакле оварад берун.

**Калим.**

Зулф дар шеъри форсӣ ҳамчунин тавсифоту кинояти зерин дорад: оташпараст, ошуфта, абр, ошуфтарӯзгор, бунафшаи бодпаймо, беқарор, ҷавгон, сунбули тофта, пардадор, ҷим, ҳола, ҳабола, лайл, ғайн, таноб, нофакушо, мушкбӯ, мушкранг, мушкпош, мушкрез, мушкогин, анбарфон, анбаршикан, шаби ялдо, ғолиягун, ғолияфом, ғолиябу, гулпӯш, камарпӯш, шоми ғарибон, шабистон, шабранг, диловез, саркаш, саргашта, сар ба бод дода, камандандоз, расани тобдода, расанбоз, кофаркеш, зуннор, чалипо, чавгонбанд, занҷир, шӯрида, доми зоғ, ҳам андар ҳам, сунбулистон, парешон, шаби дайҷур, шаби бадр, Мочин, зангубор, ҳинду, сунбули тар, сунбули наврас, чавгони мушкин, доми мушк, дуди сияҳ, а краби шабранг, атрпош, пари товус, пари ғуроб, парешонрақам, ҳабл-ул-матин, ҳабаши хуфта, хӯшаи инаб, сабукинон, сияҳмаст, шерозаи ҷамъият, шерозаи девони қиёмат, шергир, шоҳи шикаста, кофари нозфурӯш, кофарниҳод, лом, мавҷ…

ЗУЛҚАРНАЙН - лақаби Искандар, ки тибқи баъзе ривоёт аз ҷумлаи пайғамбарон аст. Ӯ садди Яъҷуҷу Маъҷуҷро сохт, ки бо номи садди искандарӣ шӯҳрат дорад, бо Хизр ба талаби оби ҳаёт рафт вале ба он даст наёфт.

Искандар сурати дигаргуншудаи Александр - шоҳи юнонӣ писари Филипп аст, ки сию се сол умр дида ҷаҳонро тасхир кардааст.

Калимаи Зулқарнайн дар Қуръон омадааст ва муфассирон онро ба Искандари Мақдунӣ татбиқ кардаанд. Баъзе донишмандон (Мавлоно Абулкаломи Озод) бар онанд, ки Зулқарнайни мазкур дар Қуръон на Искандари Мақдунӣ, балки Куруши Кабир аст:

Фармонбари Худою нигаҳбони халқ бош,

Ин ҳар ду қарн агар бигирифтӣ, Сикандарӣ.

**Саъдӣ.**

ЗУҲАЛ - номи сайёра, ки Кайвон низ номанд. Дар фалаки ҳафтум қарор гирифта ва се ҳалқаи нур даври онро гирифтааст. Қадимиён онро наҳс медонистанд.

Бигир турраи маҳчеҳраеву қисса махон,

Ки саъду наҳс зи таъсири Зӯҳраву Зуҳал аст.

**Ҳофиз.**

ЗӮҲРА - номи сайёра, ки нисбат ба Замин баъд аз Уторид қарор гирифтааст Ноҳид (Аноҳита) низ гӯянд. Аз дурахшонтарин ситораҳост. қадимиён онро аз сайёраҳои нек медонистанд ва ба хунёгарӣ нисбат медоданд. Аз ин рӯ, мутрибаи фалак, Зӯҳраи чангӣ, Зӯҳраи барбатнавоз низ хондаанд.

Биёвар май, ки натвон шуд зи макри осмон эмин,

Зи лаъби Зӯҳраи чангиву Миррихи силаҳшӯраш.

**Ҳофиз.**

Ривояте аст, ки гӯё Зӯҳра аслан зани соҳибҷамоле будааст. Фариштагон Ҳоруту Морут ба ӯ ошиқ шудаанд. Зӯҳра хоҳиш кардааст, ки нахуст ба ӯ исми аъзамро биёмӯзанд. Чун исми аъзам омӯхт, Зӯҳра онро хон два аз дасти онҳо халосӣ ёфта, ба фалаки сеюм рафт ва он ҷо ситораи тобоне шуд.

# И

ИБЛИС - аз малоики муқарраб, ки чун аз амри Худо печид ва Одамро монанди дигарон саҷда накард, аз даргоҳи Худо ронда шуд ва пас аз он Одаму Ҳавворо фиреб дод ва ба хӯрдани гандум водошт. Ниҳоят мӯҷиби берун афтодани эшон аз биҳишт гардид:

Гуфтаи бадсигол чун Иблис,
Дур кардам аз он чу хулди ҷаноб.

**Саъди Салмон.**

ИБНИ ЁМИН - бародари Юсуф пайғамбар, ки бо вай аз як модар буд. Бар тибқи ривоёт ҳангоме, ки Юсуф азизи Миср шуд ва бародарони Юсуф барои харидани ғалла ба Миср омаданд, Юсуф дастур дод, ки паймонаи тиллоиро дар анбони Ибни Ёмин бигузоранд, то ба ин баҳона ўро дар назди худ нигоҳ дорад ва дар натиҷа Яъқубро ба Миср биёвард:

Чу Юсуф нест, к-аз қаҳтам раҳонад,
Маро чӣ Ибни Ёмин, чӣ Яҳудо.

**Хоқонӣ.**

ИБРОҲИМ - номи пайғамбар, ки писари Озари буттарош буд. Иброҳим Намруд ва мардумони дигарро аз бутпарастӣ бозмедошт ва ба парсатиши Худои ягона даъват мекард, вале Намруд даъвати ўро напазируфт ва саранҷом ба раҳнамоии Ибилис дастур дод, ки Иброҳимро бигиранд ва дар оташ дарандозанд. Ба фармони Худои таоло оташ сард шуд ва гулистон гашт:

Ё раб, ин оташ, ки дар ҷони ман аст,
Сард кун з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

Иброҳим хонаи Каъбаро сохт ва ҳаҷар-ул-асвад (санги сиёҳи Каъба) ба фармони Худо дар он хона гузошта шуд ва аз он вақт ҳаҷ кардан фарз шуд.

Иброҳим аз Ҳоҷар - канизи худ писаре ёфт ба номи Исмоил. Чун назр карда буд, ки писаре ёбад, қурбон кунад, ба ҳангоми чаҳордаҳсалогии Исмоил аз Худованд фармон расид, ки бояд ба аҳдаш вафо кунад. Иброҳим ва Исмоил аз ин кор кароҳат нишон надоданд. Ба фармони Худо ба мавқеъ гўсфанде расид, то ба ҷои Исмоил қурбон шавад. Аз он пас қурбонӣ кардан дар Каъба фарз шуд:

Бимон з-оташи ғавғои ҳодисот масун,
Чунон к-аз оташи Намруд буд Иброҳим.

**Анварӣ.**

Килкаш аз баҳри шараф таслими теғ омад, бале,
Мартабат бифзуд Исмоилро таслими ӯ.

**Хоқонӣ.**

ИДРИС - номи пайғамбар. Гӯянд, ки илми нуҷум мӯъҷизаи ӯст. Дар асоси дониши ситорашиносӣ аз тӯфони Нӯҳ хабар дод. Чун умраш ба ҳаштсаду шасту панҷ сол расид аз малакулмавт хост, то рӯҳашро ба амри Худо қабз кард ва биҳишту дӯзахро ба ӯ нишон дод. Идрис чун аз биҳишт берун омад, ба баҳонаи он, ки наълайнро он ҷо фаромӯш кардааст, бозгашт ва дар биҳишт монд:

Бимир, эй дӯст, пеш аз марг, агар умри абад хоҳӣ,
Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо.

**Саноӣ.**

ИНҚИЛОБ - ду нуқта аз минтақатулбуруҷ аст, ки замин чун дар гардиши худ ба даври офтоб ба он нуқта мерасад, шабу рӯз ба ҳадди аълои тафовут бо ҳам мерасанд. Инқилоб бар ду гуна аст: инқилоби сайфӣ ва инқилоби шитавӣ. Инқилоби сайфиро инқилоби тобистонӣ низ мегӯянд, ки он ҳангоми рӯз ба мунтаҳои дарозӣ ва шаб ба мунтаҳои кӯтоҳӣ мерасад. Инқилоби шитавӣ ё инқилоби зимистонӣ баръакс буда, дар он шаб ба мунтаҳои дарозӣ ва рӯз ба мунтаҳои кӯтоҳӣ мерасад.

ИРАМ - номи боғе, ки Шаддод сохт ва дар зебоию сарсабзӣ беназир буд. Дар шеъри тоҷикӣ киноя аз боғҳои бисёр мусаффост:

Дар гулистони Ирам дӯш чу аз лутфи ҳаво,
Зулфи сунбул зи насими саҳарӣ меошуфт.

**Ҳофиз.**

ИРФОН - маслакест, ки дар асарҳои аввали зуҳури ислом дар Аҷам низ ба вуҷуд омадааст. Пайравони он Худоро асли олам вуҷуд медонанд, ки танҳо ҳастии воқеист ва дар ҳама мавҷудот таҷаллӣ мекунад ва ҳар кӣ бихоҳад, ба мақоми ӯ пай бибарад ва зоти ӯро бишиносад, бояд ба

риёзати нафс, ворастагӣ, тарки тааллуқоти дунявӣ, тарки шавҳат машғул бошад ва ба зоти аҳадийяти эътиқод варзад ва бо ишқи шадид барои пайвастан ба асл хӯ гирад. Ҳамчунин даст аз талаб боздошта, ба мақоми шуҳуду кашф бирасад. Чун оинаи дил аз нопокиҳо бизудояд, Худо дар он таҷаллӣ мекунад. Он чи ҳакимон мехоҳанд, аз роҳи ақлу истидлол ба он бирасанд, орифон аз роҳи ишқу риёзати нафс бар он ноил меоянд. Ориф нисбат ба ҳамаи мазҳабҳо ба дидаи эҳтирому муҳаббат менигарад ва мӯътақид аст, ки ҳама дар роҳи вусул ба як мақсад пеш мераванд, чунонки Ҳофиз гуфтааст:

Ҳама кас толиби ёранд чӣ ҳушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст чӣ масҷид чӣ куништ.

ИСКАНДАР - бинобар ривояти «Шоҳнома» писари Дороб аз духтари қайсари Рум, ки назди падар тарбият ёфт ва бо Доро писари дигари Дороб - шоҳи Эрон ҷанг кард. Дар ин ҷанг Доро маҷрӯҳ шуд ва чун Искандар он хабарро шунид, худро ба болини Искандар расонид ва зор гиристу хост, ки пизишк ҳозир кунанд, аммо суде накард ва Доро пас аз васият ҷон дод. Искандар бинобар васияти ӯ духтараш Равшанакро ба занӣ гирифт ва ба Ҳинду Миср лашкар кашид. Дар Ҳинд пире ӯро аз шигифтиҳо хабар дод ва ҷои торикеро ба ӯ нишон дод, ки дар он чашмаи обе буд, ки ҳар кас аз он бихӯрад, ҳаргиз намемирад. Ҳангоме, ки Искандар ба сӯи торикӣ мешитофт, дар рӯшноие кӯҳе дид. Аз кӯҳ боло рафт Исрофилро дид, суре ба даст ва мунтазири фармон, ки дар сур бидамад. Искандарро овоз дод, ки барои тоҷу ганҷ он қадар ба худ озор надиҳад. Искандар ба нола фуруд омад ва ба тарафи Бохтар рафт. Мардум аз ҷонвароне ба ном Яъҷуҷу Маъҷуҷ шикоят карданд, ки гӯшҳояшон ба андозае будааст, ки якеро бистару дигареро рӯйпӯш месохтаанд. Искандар бо иддае аз донишмандон ба гузаргоҳи Яъҷуҷу Маъҷуҷ рафт ва ба фармони ӯ деворҳои баланде сохтанд аз оҳану сангу гаҷу қир ва бо сохтани ин садд мардумро аз шарри Яъҷуҷу Маъҷуҷ раҳонид. Оинаи Искандар ва садди Искандар аз тимсолҳои маъруфи адабиёти форсу тоҷик аст:

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, Сикандарӣ донад.

**Ҳофиз.**

ИСО - номи пайғамбар, ки писари Марям, ки китоби осмониаш Инҷил ном дорад. Марям аз рӯҳи пок обистан шуда Исоро таваллуд кардааст. Исо қавми Исроилро ба дини худ даъват кард, вале онҳо напазируфтанд ва аз ӯ мӯъҷиза хостанд. Ӯ бо хоҳиши онҳо ба дами хеш мурдаеро зинда кард. Саранҷом бадхоҳонаш қасди куштани ӯ карданд. Исо гурехт, вале яке аз ҳавориюн, ки Яҳудо ном дошт ба ивази сӣ дарам Исоро ба онҳо нишон дод. Онҳо хостанд, Исоро бигиранд, вале ба амри илоҳӣ ӯ нопадид гашт ва саркардаи онҳо Ишуъро ба сурати Исо даровард. Онҳо ҳамин Ишуъро Исо пиндошта дастгир ва ба дор кашиданд. Исо ба осмон рафт. Марям ба пояи дор рафта лобаву зорӣ мекард, зеро ӯ ҳам пиндошта буд, ки писарашро ба дор кашиданд. Шаби ҳафтум Исо барои таскини модар аз осмон ба замин бозомад. Ҳафт нафар аз ҳавориюн он шаб Исоро диданд ва то субҳ бо ӯ буданд, саҳаргоҳ Исо боз ба осмон рафт.

Ба ғайрат аз нафсаш рӯҳи Исии Марям,
Ба ҳиҷлат аз қаламаш чӯби Мӯсии Имрон.

**Анварӣ.**

ИСФАНДИЁР - писари Гуштосп, мулаққаб ба Рӯинтан. Бо фармони падар ба ҷанги Арҷосп рафт ва пас аз гузаштан аз Ҳафт хону фатҳи Рӯиндиж, Арҷоспро кушт ва аз падар тоҷу тахт хост. Гуштосп бо мақсади гузаронидани фурсат ӯро назди Рустам фиристод, то он паҳлавони номдорро даст баста ба даргоҳ оварад. Рустам ба нанг тан дарнадод ва кор ба ҷанг анҷомид. Дар ин ҷанг пас аз диловариҳои ду ҳариф Рустам ба дастури симурғ Исфандиёрро бо тире, ки аз чӯби газ сохта буд, кӯр кард ва Исфандиёр аз он захм ҷон супурд. Достони ҷанги Рустаму Исфандиёр аз қитъаҳои бисёр зебои «Шоҳнома» аст.

ИСҲОҚ - писари Иброҳим пайғамбар. Исҳоқ ду писар дошт. Номи яке Ийс ва дигаре Яъқуб. Яъқуб рамаи гӯсфандонро дӯст медошт ва

Исҳоқ шикорро. Рӯзе Исҳоқ аз писарон гӯштбирён хост. Чун Яъқуб барраи бирёнкардаро зудтар фароҳам кард, Исҳоқ ӯро дуо кард ва пайғамбарӣ ба ӯ расид.

## К

КАБУДҒАДИР - киноя аз осмон.

Зи меҳри завраќи симини моҳ бар хуршед,
Ҳазор чашмаи симоб аз ин кабудғадир.

**Бадри Чочӣ.**

КАБӮТАР - дар адабиёти форсӣ кабӯтареро ирода кунанд, ки боиси наҷоти Муҳаммад алайҳиссалом аз таъқиби куффори Қурайш гардид. Воқеа чунин сурат гирифта: Чун ҳазрати расолатпаноҳ аз Макка ба Мадина ҳиҷрат фармуданд, гурӯҳи мушрикон бо мақсади куштани эшон он касро таъқиб карданд. Ҳазрати пайғамбар ба ғоре паноҳ оварданд, ба даромадгоҳи ғор анкабуте зуд тор танид ва кабӯтаре тухм гузошт. Мушрикон ин ҳолро дида гумон карданд, ки даруни ғор касе пинҳон нашудааст:

Чун кабӯтар нома овард аз зафар неъмалбарид,
Анкабутосо хабар дод аз хатар неъмалфато.

**Хоқонӣ.**

КАВСАР - чашмаест дар биҳишт, ки ҳама чашмаҳои биҳишт аз он ҷорӣ мешавад.

Зоҳид шароби кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостам кирдугор чист?

**Ҳофиз.**

КАЙВОН - сайёраи Зуҳалро гӯянд, ки аз ҷумлаи ситорагони наҳс будааст, аз ин ҷиҳат таъбири наҳси Кайвон маъруф.

Зане бошад, ки марде, к-аз ду олам хонае созад,
Ки Ноҳид аст, не Кайвон, ки бошад хона Мизонаш.

**Хоқонӣ.**

**Шарҳ:** Ноҳид- сайёраи Зӯҳра, Кайвон- Зуҳал ва Мизон номи бурҷест аз бурҷҳои дувоздаҳгона ба шакли тарозу, ки хонаи Зӯҳра аст. Зӯҳра мода аст ва мутриби фалак низ гӯяндаш. Яъне дил маро гуфт, касе, ки ду оламро хона созад, он зан бошад мард набошад, зеро ки ду олам ба мисоли ду паллаи тарозуст ва бурҷи тарозуи хонаи Зӯҳра аст, ки мода аст, на хонаи Зуҳал, ки нар аст, пас агар ту мард ҳастӣ, аз ду олам хонаи худ масоз, тарки кавнайн бигир ва озодаву вораста бизӣ.

КАЙХИСРАВ - аз шоҳони силсилаи Каёнӣ, писари Сиёвушу Фарангис, ки баъди даргузашти Сиёвуш дар Тӯрон ба дунё омад. Пирони вазир ӯро ба чӯпонҳо бахшид, то бузург шавад. Паҳлавони эронӣ Гев барои овардани Кайхисрав ба Тӯрон рафт ва пас аз ҳафт соли ҷустуҷӯ ӯро дар марғзоре ёфт ва аз ҳоле, ки дар бозу дошти он нишони Каёниён буд, Кайхисравро шинохт ва бо худ ба Эрон овард. Аъёну ашрофи дарбор ба подшоҳии Кайхисрав тарафдор набуданд ва мехостанд, ки писари Ковус Фарибурз сари тахт ояд. Ковус барои озмоиш ҳардуро ба фатҳи қалъаи Баҳман фиристод. Кайхисрав ғолиб омад ва соҳиби тахти шоҳӣ гардид. Ӯ барои интиқоми падараш Сиёвуш бо Афросиёб ҷангид ва саранҷом Афросиёб кушта шуд. Бузургони кишварро ҷамъ карда, тоҷи шоҳиро ба Луҳросп бахшид, ба ҳама ганҷ бахшид, сипосгузорию хайрухуш кард ва худ рӯ ба кӯҳе ниҳоду нопадид гашт.

КАЙХИСРАВИ АЙВОНИ НУР - бинобар дар айвони нур, яъне фалаки чорум, ки қароргоҳи офтоб аст, маскан доштанаш Исои пайғамбарро чунин номидааст:

Гар ӯ Кайхисрави айвони нур аст,
Чаро Бежан шуд дар ин чоҳи ялдо.

**Хоқонӣ.**

КАЛБИ АКБАР - «калб» ба маънои саг, «акбар» бузургро гӯянд, аз суратҳои фалакӣ дар ҷануби минтақат-ул-буруҷ, ки ба шакли саги бузург аст.

КАЛБИ МУКДИМ - «муқдим» ба маънои далер, аз суратҳои фалакӣ дар ҷануби минтақат-ул-буруҷ, ки ба шакли саг аст.

КАЛИМ - ниг. ба МЎСО.

Хоро чу мор баркашаму рас ба як асо,
Даҳ чашма чун Калим зи хоро бароварам.

**Хоқонӣ.**

КАМАР СИХ КАРДАН - киноя аз осоиш ва ором гирифтан.

Аз нахустин нигаҳат масту харобам кардӣ,
Камаре сих накардам, ки кабобам кардӣ.

**Мўҳсини Таъсир.**

КАМОНИ РУСТАМ - киноя аз тирукамон, ки қавси қуҳаз низ гўянд.

Чун теғ занад офтоби роят,
Бар абр бигиряд камони Рустам.

**Абулфарҷи Рунӣ.**

КАНЪОН - шаҳре, ки Яъқуб пайғамбар он ҷо дар хонаи тағоияш паноҳ ёфт ва минбаъд духтари ўро ба занӣ гирифт, ҳамон ҷо муқимӣ шуд.

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махўр,
Кулбаи эҳзон шавад рўзе гулистон, ғам махўр.

**Ҳофиз.**

КАЮМАРС - нахустин шоҳи Пешдодӣ, ки оини тоҷгузорию тахтнишиниро ба вуҷуд овард ва сӣ сол подшоҳӣ кард. Хўрок пухтан, аз пўсти ҷонварон либос дўхтанро ба мардум омўхт.

КАҲКАШОН - ниг. ба МИҶАРРА.

Чашми бузғола бар он Хўша, ки хирман карда шаб,
Доси каждандон зи роҳи Каҳкашон ангехта.

**Хоқонӣ.**

КОВА - оҳангаре, ки бинобар писаронашро куштани Заҳҳок бар ў шўрид ва чармпораеро сари чўб карда мардумро ба пайкори зидди Заҳҳок барангехт ва ниҳоят Фаридунро бар сари тахт нишонд.

КОВУС - аз шоҳони силсилаи каёнӣ, писари Қайқубод, ки бо ёрии Рустам Мозандаронро фатҳ кард ва барои саркўб кардани шоҳи

Ҳомоварон рафту ба зиндон афтод. Ӯро Рустам наҷот дод. Ковус духтари шоҳи Ҳомоварон - Судобаро ба занӣ гирифта, ба Эрон баргашт. Бо фиреби Аҳриман ба осмон парвоз кард ва уқобҳое, ки тахти ӯро мебурданд, вайро дар сарзамини Омул фуруд оварданд. Ковус ба хештанпарстию тундӣ маъруф буд ва бо Рустам, ки борҳо ӯро аз ранҷҳо раҳонида буд, ба дуруштию тундӣ рафтор мекард, чунончи аз додани нӯшдору барои Сӯҳроб сар печид. Ҳамчунин бо писари худ Сиёвуш рафтори ноҷавонмардона пеш гирифт, бар ӯ хашмгин шуду Сиёвушро ба сарзамини Тӯрон фиристод ва дигар ӯро надид. Ниҳоят Ковус аз подшоҳӣ канорагирӣ кард ва тоҷу тахтро ба писари Сиёвуш - Кайхисрав бахшид.

ҚОҒАЗИНҶОМА - ҷомаеро гӯянд, ки дар аҳди қадим ҷабрдидагон онро бар тан пӯшида барои додхоҳӣ назди ҳокимон мерафтанд.

Қоғазинҷома ба хуноб бишӯям, ки фалак,
Раҳнамунӣ-м ба сӯи алами дод накард.

**Ҳофиз.**

КУЛБАИ ЭҲЗОН - хонае, ки Яъқуб дар он мезист ва дар фироқи Юсуф мегирист, ба тамсил кулли ғамхонаро гӯянд.

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр.

**Ҳофиз.**

КУЛОҲ БАР ҲАВО АФКАНДАН - киноя аз шодмонию сурур.

Бар ҳаво меафканад насрин кулоҳ аз ибтиҳоҷ,
Лаб намеояд фароҳам ғунчаро аз ибтисом.

**Салмони Соваҷӣ.**

КУЛОҲИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Субҳи фанакпӯшро абри зиреҳзаб қабо,
Бурд кулоҳи зараш қундузи шабро зи тоб.

**Хоқонӣ.**

КУСУФ - гирифтани хуршед аст. Агар моҳ миёни замину офтоб воқеъ шавад, офтобро аз чашм мепӯшонад ва сиёҳие, ки бар офтоб дида мешавад, сояи моҳ аст. Кусуф тамому куллӣ ва ноқису ҷузъӣ мешавад.

То ҳашр мункасиф нашавад офтоб, агар,
Ояд ба зери сояи адлат ба зинҳор.

**Анварӣ.**

КУШЁР - ишора ба мунаҷҷими бузурги асри XI Абулҳасани Кушёр (муаллифи «Китоб-ул-устурлоб» ва осори дигар).

Яке дар нуҷум андаке даст дошт,
Вале аз такаббур саре маст дошт.
Бари Кушёр омад аз роҳи дур,
Диле пуриродат, саре пурғурур.

**Саъдӣ.**

КӮҲКАН - ниг. ба ФАРҲОД.

Чу шаҳ бишнид қавли анҷуманро,
Талаб фармуд кардан Кӯҳканро.

**Низомӣ.**

# Л

ЛАБ ФАРОҲАМ НАОМАДАН - киноя аз ғояту шавқу сурур ва шодмонӣ.

Бар ҳаво меафканад насрин кулоҳ аз ибтиҳоҷ,
Лаб намеояд фароҳам ғунчаро аз ибтисом.

**Салмони Соваҷӣ.**

ЛАЙЛАТУЛҚАДР - ниг. ба шаби қадр.

ЛАЙЛӢ - қаҳрамони қиссаи маъруфи «Лайлию Маҷнун», ки аз қабилаи банӣ Омир буда, қиссаи ишқаш бо Маҷнун фасона гаштааст. Аз адибони форсу тоҷик бештар аз ҳаштод муаллиф ин қиссаро ба риштаи назм кашидаанд.

Шабе Маҷнун ба Лайлӣ гуфт, ки Эй маҳбуби беҳамто,
Туро ошиқ шавад пайдо, вале Маҷнун нахоҳад шуд.

**Ҳофиз.**

ЛАНБАКИ САҚО - номи сақое (обкаш), ки дар достони «Баҳроми Гӯр»-и «Шоҳнома» зикр шуда. Вай марде будааст, ки бо вуҷуди дасттангӣ, чандин рӯз Баҳромро меҳмондорӣ кардааст. Муҳимтар он аст, ки Ланбак шоҳ Баҳромро ба куллӣ нашинохта чун як марди мусофир пазирой мекунад, бархилофи шахси дигари сарватманде, ки Бароҳоми яҳудӣ ном дошт. Бароҳом бо вуҷуди он ҳама сарват Баҳромро ба хонааш роҳ надода буд.

Баҳром нангарад ба Бароҳом чун назар,
Ба рухону хони Ланбаки сақо барафканад.

ЛАНТАРОНӢ - ишораест ба қиссаи Мӯсо пайғамбар, ки гуфт: Эй парвардигор боре худро ба ман намо! Ҷавоб омад: «Лантаронӣ», яъне ки ҳаргиз маро нахоҳӣ дид.

Чу қалам зи даст монӣ, бидиҳӣ-ш бе қалам ту,
Сифате, ки нур гирад зи хитоби «лантаронӣ».

**Мавлавӣ.**

ЛОЛАИ ЗАРД - киноя аз офтоб.

Зи сабзазори фалак чун дамид лолаи зард,
Киро бувад зи гули сурху шохи бода гузир.

**Низомӣ.**

ЛУТРО - забоне, ки чанд нафар барои худ тартиб диҳанд ва бо он бо ҳам сӯҳбат кунанд. Онро лутра ва лутр ҳам гуфтаанд:

Хирад сирри ғайбӣ кунад фаҳм аз ӯ,
Чи гӯяд сари килки ту лутро.

**Камоли Хуҷандӣ.**

ЛУҚМОН - мувофиқи баъзе ривоятҳо писарамаки Иброҳим пайғамбар будааст, ки дар ҳикмат маъруф аст. Номи ӯ дар Қуръон низ сареҳон зикр шудааст.

ЛУТ - аз пайғамбарон. Ҳарчанд ӯ қавми худро ба худопарастӣ талқин мекард, қабул намедоштанд. Оқибат ба фармони Худо Лут ва шахсоне, ки ба ӯ имон оварда буданд, аз шаҳр берун рафтанд. Шаҳр сангсор шуд ва зани Лут низ, ки ба шавҳараш нофармонӣ мекард, бо дигарон сангсор шуд.

ЛӮҲРОСП - номи шоҳи каёнӣ, ки ба дастури Кайхисрав бар хилофи раъйи аъёну ашроф ба шоҳии Эрон расид. Лӯҳросп оташкадаи Озарбарзинро бино кард. Саранҷом шоҳиро ба писараш Гуштосп супурду худ дар оташкадаи Навбаҳори Балх ба ибодат машғул шуд.

# М

МАЛИКАИ САБО - ниг.ба БИЛҚИС.

МАНИЖА - духтари Афросиёб, аз духтарони номдори «Шоҳнома», ки ошиқи Бежан шуд ва ӯро ба қасри худ бурд. Чун Афросиёб аз ишқи Манижа огоҳӣ ёфт, ӯро аз қаср ронд ва Бежанро дар чоҳ зиндонӣ кард. Манижаи сарупобараҳна ба гадоӣ пардохт ва нонеро, ки ба даст меовард, барои Бежан ба чоҳ меандохт. Манижа дар ишқ фидокориҳо кард, то Рустам ба ёрии онҳо расид ва Бежанро аз чоҳ берун оварда, ҳамроҳи Манижа ба Эрон бурд.

МАННУ САЛВО - манн ба маънои тарангабин, салво ба маънои асал. Дар адабиёти форсу тоҷик ишора ба ғизоест, ки Худованд ба Мӯсо ва банӣ Исроил дар биёбони сӯзоне бирасонид.

Гар ба аҳди Мӯсӣ умматро гаҳи қаҳт аз ҳаво,
Боз манну салвии силватрасон афшонанд.

**Хоқонӣ.**

МАНОЗИЛИ МОҲ - иборат аз бисту шаш манзил дар минтақат-ул-буруҷ, ки ҳар рӯз моҳ яке аз онҳоро тай мекунад.

МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ - Ҳусайни ибни Мансури Ҳаллоҷ (соли 922 ба дор кашида шудааст) аз бузургони аҳли ирфону тасаввуф. Баъзеҳо рафтори ғайриоддии ӯро нишони кароматаш медонистанд, бахше дигар

аз мардумон афъоли ӯро сеҳру ҷоду мепиндоштанд. Мансури Ҳаллоҷ барои «Аналҳақ» («ман ҳақ ҳастам, ман Худо ҳастам») гуфтанаш аввал зиндонӣ шуд ва баъд ба фармони вазири аббосӣ Ҳомид ибни Аббос дар Бағдод ба дор кашида шуд.

Мансур ба сари дор ин нуқта хуб сароид:

Аз шофеъӣ мепурсед, амсоли ин масоил,

Гоҳе алфози ёр, дӯст маҳбуб бо лафзи дор якҷоя омада,

Мансури Ҳаллоҷро ифода мекунанд:

Гуфт: Он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,

Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.

**Ҳофиз.**

МАНУЧЕҲР - писари (ба қавле набераи) Эраҷ, ки ба сарпарастии бобояш Фаридун парвариш ёфт ва ҳунар омӯхт. Мманучеҳр қотилони падарш - Салм ва Турро кушт, дижи Алнонро кушод ва бо фирӯзӣ бозгашт. Фаридун тоҷи шоҳӣ бар сари вай ниҳод ва худ гӯшагирӣ кард. Манучеҳр бо роҳнамоию тадбири Сом подшоҳӣ мекард.

МАРЯМ - модари Исо пайғамбар, духтари Умрон. Умрон муқими масҷиди Байтулмуқаддас буд, писарони бисёре дошт ва бо шукронаи он ният кард, ки фарзанди ояндаашро муқими масҷид кунад. Марям таваллуд шуд. Азбаски духтар наметавонист дар масҷид муқим шавад, Умрон дар ҳайрат монд. Ваҳй расид ва иҷозат дода шуд, ки Марям дар масҷид муқим шавад. Писари амаки Умрон - Закариё Марямро дар масҷид муҳофизат мекард. Чун Марям ҳаждаҳсола шуд Ҷабраил худро ба сурати Юсуфи наҷҷор ба Марям намуд ва ӯро ба таваллуд шудани Исо мужда дод, ба фармони таоло рӯҳи муқаддас дар ӯ дамида шуд. Ба қавле пас нӯҳ соат ва ба қавли дигар баъди нӯҳ моҳ Исо таваллуд шуд.

Обистании Марями Умрон ба писар буд,

Обистании духтари ангур ба ҷон аст.

**Манучеҳрӣ.**

МАСЕҲО - лақаби Исо пайғамбар.

Файзи руҳулқудус ар боз мадад фармояд,

Дигарон ҳам бикунанд, он чи Масеҳо мекард.

**Ҳофиз.**

МАҶНУН - қаҳрамони қиссаи машҳури «Лайлӣ ва Маҷнун» аст, ки аслан Қайс ном дошт ва аз қабилаи банӣ Омир буд. Бинобар гирифтории азимаш ба ишқи Лайлӣ ба ӯ Маҷнун (девона) ном доданд.

Басе гаштам чу Маҷнун кӯҳу саҳро,

Магар ёбам суроғ аз манзили хеш.

**Ҳофиз.**

МЕЪРОҶ - дар луғат ба маънои боло рафтан, он чи ба воситаи он боло раванд омадааст. Дар адабиёти форсу тоҷик ишора уруҷи Муҳаммад алайҳиссалом ба сӯи Худост, то он ҷо ки баландтар аз он рафтан ба касе муяссар нашудааст.

Ишқ меъроҷ аст сӯи боми султони азал,

Аз рӯҳи ошиқ фурӯ хон қиссаи меъроҷро.

**Мавлавӣ.**

МЕҲРГОН - рӯзи шонздаҳуми меҳрмоҳро гӯянд, ки Фаридун дар он рӯз бар Заҳҳок фирӯз шуд ва ӯро дар кӯҳи Дамованд ҳабс кард. Мардуми эронинажод ҳар сол ин рӯзро ҷашн гиранд ва онро меҳррӯз низ номанд.

Меҳргон омад гирифта фолаш аз некӣ мисол,

Нек рӯзу нек ҷашну нек вақту нек ҳол.

**Унсурӣ.**

МИЖГОНИ ОФТОБ - яъне нури офтоб, ки онро теғи Афросиёб, шамшери зар, ангушти офтоб, қасаби мисрӣ, мижгони хуршед, панҷаи хуршед, найзаи оташин, асои офтоб, ханҷари зар, нохуни хуршед, расани офтоб… низ гуфтаанд:

Ин бӯстони кист, ки мижгони офтоб,

Чун хор гардан аз сари девор мекашад.

**Соиб.**

МИЗОН - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ дар минтақатулбуруҷ, ки ба шакли тарозуст ва мутобиқи моҳи меҳр аст.

Асарҳои кини ту чун наҳси Ақраб,
Назарҳои лутфи ту чун саъди Мизон.

**Анварӣ.**

МИНТАҚАТУЛБУРУҶ - доираи бузургеро гӯянд, ки аз гардиши Замин ба даври Хуршед ба вуҷуд ояд, онро фалакулбуруҷ ва нитоқулбуруҷ низ хондаанд. Минтақатулбуруҷ иборат аз дувоздаҳ бахш аст, ки ҳар якеро бурҷ гӯянд ва он бурҷҳо ба номи суратҳои фалакист. Бурҷҳои дувоздаҳгона инҳоанд: Ҳамал, Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадӣ, Далв, Ҳут.

Мувофиқан ба чаҳор унсур бурҷҳо низ бодӣ, хокӣ, обӣ ва озарӣ (ё оташӣ) мешаванд. Бурҷҳои бодӣ - Ҷавзо, Мизон, Далв; обӣ - Саратон, Ақраб, Ҳут; озарӣ - Асад, Ҳамал, Қавс; хокӣ - Савр, Сунбула, Ҷадӣ.

МИҶАРРА - маҷмӯи ситораҳост аз ҷинси ситорагони абрӣ, монанди роҳе бузург, ки ба ду бурҷ - Ҷавзо ва Қавс мегузарад. Роҳи Каҳкашон.

Миҷарра бар фалак чун коҳ бар роҳ,
Фалак дар зери ӯ чун об дар коҳ.

**Низомӣ.**

МОНӢ - номи наққоши эронӣ, ки модараш аз хонадони шоҳони Ашконӣ буд. Китоби маъруфи Монӣ «Шопургон» ном дошт, китоби дигараш «Аржанг» (ё «Атранг») низ шӯҳрат дорад. Монӣ иддаои пайғамбарӣ кард ва оинаш дар Осиёву Урупо паҳн шуд. Барои ин даъво Монӣ бо амри шоҳ Баҳроми аввал кушта шуд (соли 276 милодӣ). Монӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҳамчун наққоши мумтоз маъруф аст ва суханварон маҳз ба ҳамин фазилати ӯ масал задаанд.

Сипеҳр гуфтӣ наққоши нақши Монӣ гашт,
Ки ҳар замон бинигорад ҳазор гуна сувар.

**Анварӣ.**

МОР - мувофиқи ривоёт ҷонварест, ки Иблисро дар хони худ ҷой дод ва пинҳонӣ ӯро ба биҳишт бурд, то Одаму Ҳавворо фиребад. Баъзан ба морони Заҳҳок низ ишора кардаанд.

Дасти оҳангар маро дар мори заҳҳокӣ кашид,

Ганҷи Афредун чи суд андар дили донои ман.

**Хоқонӣ.**

МОЧИН - кишварҳои ҳамсарҳади Чинро (ба ҷуз Ҳинд) Мочин гуфтаанд.

Ду чашми шӯхи ту барҳам зада Хитову Хутан,

Ба чини зулфи ту Мочину Ҳинд дода хироҷ.

**Ҳофиз.**

МОҲИ КАНЪОН - ниг.ба Юсуф.

Моҳи Канъони ман маснади Миср они ту шуд,

Ҷои он аст, ки падруд кунӣ зиндонро.

**Ҳофиз.**

МОҲИ МИСР - ниг.ба Юсуф.

Зи сад ҳазор писар ҳамчу моҳи Миср яке,

Чунон шавад, ки чароғи падар кунад рӯшан.

**Соиб.**

МОҲИ МУҚАННАЪ - моҳи сунъиеро гӯянд, ки ҳакиме ба номи Ҳаким Ибни Ато ва маъруф ба Ибни Муқаннаъ аз омезаи симоб бо филизоти дигар сохт ва он ҳар шаб аз чоҳи кӯҳи Сиём, ки наздикии шаҳри Нахшаб воқеъ буд, берун меомад ва то чаҳор фарсангро аз нураш равшан мекард.

Кай бувад моҳи Муқаннаъ ҳамчу моҳи осмон,

Гарчи кӯтаҳдидагонро дар хаёл афтад мунир.

**Анварӣ.**

МОҲИ НАХШАБ - ниг. ба Моҳи Муқаннаъ.

Субҳ баромад зи кӯҳ чун моҳи Нахшаб зи чоҳ,

Моҳ баромад ба субҳ чун думи моҳӣ зи об.

**Хоқонӣ.**

МОҲИ СИЁМ - ниг. ба Моҳи Муқаннаъ.

На моҳи Сиёмӣ, на моҳи фалак,
Ки инат ғулом асту он пешкор,

**Рӯдакӣ.**

МОҲИ ЧОҲИ КАШ - ниг. ба Моҳи Муқаннаъ.

Ҳамчу моҳи чоҳи каш бадхоҳ меҷуст иртифоъ,
Аз тулӯи хеш ҳам дар мабдаи оғоз монд.

**Бадри Чочӣ.**

МУЛКИ СУЛАЙМОН - кишвари Сулаймон, қаламраваш бисёр васеъ буд, зеро ки Худои таоло илова бар пайғамбарӣ ба ӯ подшоҳӣ низ дода буд, то бар одамию деву парӣ ва вуҳуш ҳукумат кунад. Бод маъмур, буд, ки ҳарчи дар мулки Сулаймон мегузашт, ба гӯши ӯ бирасонад.

Пеши соҳибназарон мулки Сулаймон бод аст,
Балки он аст Сулаймон, ки зи мулк озод аст.

**Хоҷуи Кирмонӣ.**

МУМСИКУЛИНОН - аз суратҳои фалакӣ дар шимоли минтақат-ул-буруҷ, ки шомили чаҳордаҳ ситора аст ва ба шакли мардест, ки ба як даст тозиёна ва ба дасти дигар инон дорад.

МУРҒИ ИСО - шабпаракро гӯянд, ки Исо аз гил сурати мурғи шабпаракро сохт ва чун дар ӯ дам зад, зинда шуд ва паридан оғоз кард. Вале аз ихтилофоти даҳр аст, ки шабпарак тоқати офтоб надорад, ҳол он ки Исо ҳамсояи офтоб аст ва чун ӯ дар фалаки чаҳорум маскан гирифтааст.

Чи ҳоҷат мурғи Исоро зи Исо,
Ки ҳамсояст бо хуршеди азроҳ.

**Хоқонӣ.**

МУРҒИ СУБҲ - киноя аз офтоб.

Фарози чатри марворид аз он шуд боз зарринпар,
Ки мурғи субҳро як дам набуд аз нола оромаш.

**Низомӣ.**

МУРҒИ СУЛАЙМОН - ниг. ба ҲУДҲУД.

Қофилаи шаб чӣ шунидӣ зи субҳ,
Мурғи Сулаймон чӣ хабар аз сабо.

**Ҳофиз.**

МУШКИНМЎҲРА - киноя аз замин.

Назора мекунам, вайҳак, дар ин ҳангома чун тифлон,
Ки мушкинмўҳра осудасту нилӣ ҳуққа гардонаш.

**Хоқонӣ.**

МУШКНОБ МУШКИ НОБ - киноя аз зулфи маҳбуб:

Ба нохун зираҳ бофт аз мушкноб,
Бияндохт аз паҳлўи офтоб.

**Фирдавсӣ.**

МУШТАРӢ - сайёраи фалаки шашум аст, онро Бирҷис, Ҳурмуз, Саъди Акбар ва Қозии фалак низ гўянд.

Бар осмони макрамат аз рўшанони илм,
Чун Муштарӣ ба нури хирад Саъди Акбарам.

**Анварӣ.**

МУҚАННАЪ - лақаби Ҳаким ибни Ато, ки даъвои пайғамбарӣ мекард ва гўянд барои намоиши мўъҷизаи хеш моҳе сохта буд, ки шабонгаҳ аз як чоҳ берун меомад ва дар чоҳи дигар фурў менишаст ва нураш то чаҳор фарсангро равшан мекард. Моҳи Муқаннаъ дар шеъри форсу тоҷик аксар маънои моҳи пўшидарўйро ифода кардааст. Ин таъбир маънои иҳомӣ дорад. Яке маънӣ маҳбуби зери сатру ҳиҷоб бошад, маънои дигар ишора ба худи Муқаннаъ аст, ки марди бағоят зиштрўй буд ва аз ин ҷиҳат пайваста ниқобе бар рўй дошт.

Маънои калимаи муқаннаъ низ пўшидарўй аст.

МУҚОБАЛА - он аст, ки миёни ду бурҷ нимдавраи фалак, яъне шаш бурҷ фосила бошад ва дар истилоҳи мунаҷҷимон назар кардани ҳар бурҷро ба бурҷи ҳафтум аз худи он гўянд ва он нишони некӣ будааст.

Зи ахтарам назари саъд дар раҳ аст, ки дўш,
Миёни моҳу рухи ёри ман муқобала буд.

**Ҳофиз.**

МУҲОҚ - ҳолате аз Моҳ, ки ниме аз он, ба ҷониби хуршед аст, аз назар нопайдост ва ниме, ки комилан торик аст, ба сӯи замин аст. Ин ҳол одатан дар охири моҳ рух медиҳад ва онро иҷтимоъ ва иттисол низ мегӯянд, аз он ки Офтобу Моҳ бо ҳам меоянд.

Моҳ ар нахоҳад, ки бувад наъли маркабат,
Аз нохуни муҳоқи абад чеҳра хаста бод.

**Анварӣ.**

МӮСО - аз пайғамбарони соҳиби азму иродаи бузург, ки ӯро Мӯсо калимуллоҳ гӯянд. Вай дар замони шоҳии Валид ибни Мусъаб - Фиръавни Миср таваллуд шуд. Чун мунаҷҷимон ба Фиръавн гуфта буданд, ки писаре аз банӣ Исроил ботилкунандаи ҳукми ӯ хоҳад шуд, аз ин рӯ дастур дод, ҳар писаре, ки аз банӣ Исроил ба вуҷуд ояд, бикушанд. Вақте ки Мӯсо таваллуд шуд модараш аз тарси Фиръавн ӯро дар сандуқе гузоште ба рӯди Нил андохт. Он сандуқро зери қасри Фиръавн бурд, канизи зани Фиръавн ӯро грифту назди бонуи худ бурд. Осия - зани Фиръавн ӯро ба фарзандӣ пазируфт. Кӯдак аз пистони ҳеҷ кас шир нахӯрд ҷуз аз модараш. Модарашро ба доягӣ интихоб карданд ва Мӯсо дар хонаи Фиръавн ба камол расид. Рӯзе яке аз қибтиёнро (мардуми қадими Мисрро қибтӣ гӯянд) кушт, аз ин сабаб гурехта назди Шуайб рафт ва дар ивази даҳ соли шубонӣ духтари ӯро ба занӣ гирифту ба Миср рафт. Шуайб асое ба ӯ бахшид. Дар роҳ ҳангоми торикшаб занашро дарди зоиш гирифт. Дар он биёбон, ки водии Айман ном дошт, Мӯсо ба ҷустуҷӯи об рафт. Бар сари дарахте равшание дид ва хитоб омад: Инно инналлоҳ ва мӯъҷиза бар ӯ каромот шуд. Мӯсо мӯъҷизотро ба Фиръавн арза дошт. Фиръавн ӯро ба сеҳру ҷоду муттаҳам карду имон наёвард. Чун қитбиён ба банӣ Исроил ҷабр мекарданд, Мӯсо бо банӣ Исроил аз Миср ҳиҷрат карданд. Мӯсо чун асояшро ба рӯди Нил андохт, пуле ҳосил шуд ва онҳо аз он гузаштанду қитбиён дар об ғарқ шуданд. Мӯсо барои наҷот ба кӯҳи Тур рафт ва Худои таоло «Таврот»-ро, ки ба алвоҳ (лавҳ) навишта буд, бар ӯ нозил кард. Вақте Мӯсо бо Худо сухан гуфту дидор хост, ҷавоб омад: «Лантаронӣ» (ниг. ба «Лантаронӣ»).

МЎҲРАИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Бози кабудест чарх болзанон дар ҳаво,
Мори сафедест субҳ мўҳраи зар дар қафо.

**Бадри Чочӣ.**

## Н

НАВРЎЗ - нахустин рўз аз фарвардинмоҳ. Дар адабиёти форсу тоҷик тимсоли шодию фараҳ, пайки некӣ.

Бар лашкари зимистон наврўзи номдор,
Кардаст ройи тохтану қасди корзор.

**Манучеҳрӣ.**

НАЗАР - ё нигаристан, он аст, ки вазъи ҳар бурҷро нисбат ба бурҷҳои дигар нишон диҳад ва ақсоми он чаҳор аст: тасдис, таслис, муқобала, тарбеъ.

Аз нигоҳи мунаҷҷимон баъзе аз ин ҳолҳо саъду баъзе наҳс аст.

Зи чорум ҳаме бингарид офтоб,
Ба ҷанги бузургон-ш омад шитоб.

**Фирдавсӣ.**

НАКИСО - ромишгари бузурги дарбори Хусрави Парвезро гўянд, ҳамроҳо Борбаду Саркаш адои хидмат мекард.

НАМАКДОНИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Намакдони зар аз Моҳӣ ба сўи Барра моил шуд,
Чӣ шўришҳо, ки дар бозори гарми Навбаҳор уфтод.

**Бадри Чочӣ.**

НАМРУД - шоҳи бутпарасте, ки дар замони Иброҳим алайҳиссалом мезист. Иброҳим чун Намрудро ба худопарастӣ даъват карду бутҳоро шикаст, Намруд фармон дод, то ўро ба оташ афкананд. Аммо ба амри илоҳӣ оташ бар ў гулистон шуд.

Ё раб, ин оташ, ки бар ҷони ман аст,

Сард кун з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

Намруд хост, бо Худо ҷанг кунад ва фармуд, то сохтанду чаҳор пора гӯштро дар сари чаҳор найза овехтанд ва ба чаҳор пояи сандуқ чаҳор каргаси гурусна бастанд ва ӯ дар сандуқ нишаст. Каргасон сандуқро ба ҳаво бурданд. Намруд тире ба осмон андохт. Ба амри илоҳӣ тири андохтаи ӯ хунолуд ба пешаш бозгашт. Намруд ба гумони он, ки Худоро маҷрӯҳ кардааст, гумроҳ шуд ва даъвои худоӣ карда, хост, ки бори дигар бо Худо биҷангад. Худо лашкаре аз пашша, ки заифтарин махлуқот аст, ба ҷанги ӯ фиристод. Лашкари Намруд аз неши пашша ҳалок шуданд, пашшае ба бинии Намруд рафту мағзи сари ӯро хӯрда, Намрудро ҳалок кард:

Дасти Намруд бин, ки новаки куфр,

Дар сипеҳри мудаввар андозад.

**Хоқонӣ.**

Сад ҳазорон пашша дар лашкар фитод,

То Бироҳим аз миён бо сар фитод.

**Аттор.**

Гӯӣ, ки дубора тири хунин,

Намруд бар осмон барафканад.

**Хоқонӣ.**

НАРГИС - киноя аз чашм.

Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,

Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.

**Низомӣ.**

НАРИМОН - мувофиқи «Шоҳнома» падари Сом ва ба ривояти «Гаршоспнома» бародарзодаи Гаршосп, баъзеҳо ӯро набераи Гаршосп низ донистаанд.

НАСРИ ВОҚЕЪ - аз ситорагони собит, ки мардум онро сепоя мегӯянд ва ба шакли каргасест, ки ду болашро ба худ ҷамъ кардааст:

Умри зоеъшударо сулвати ҷон боз оред,
Насри Воқеъшударо қуввати пар боз диҳед.

**Хоқонӣ.**

Насри Воқеъ бо Насри Тоир якҷоя истифода шавад, онро насрайн номидаанд.

Парвона чархи ахзараш парвози насрайн азфараш,
Парвози саъдайн бар сараш чандон ки парво дошта.

**Хоқонӣ.**

НАСРИ ТОИР - аз ситорагони собит, монанди каргасе бошад, ки ҳарду боли он кушода аст.

Бар сари он хони иззат Насри Тоир дон магас,
Балки парри Ҷабраил он ҷо магасрон омада.

**Хоқонӣ.**

НАФАС ДУРУСТ КАРДАН - осоишу ором гирифтан.

Сабо расиду намонд он қадар, ки оҳ кашам,
Нафас дуруст накард он зи раҳ расидаи мо.

**Иродатхони Возеҳ.**

НАФАСИ МАСЕҲО - ишора ба мўъҷизаи Исо пайғамбар, ки бо нафаси хеш метавонист мурдаро зинда кунад.

Мужда, эй дил, ки Масеҳонафасе меояд,
Ки зи анфоси ҳушаш бўи касе меояд.

**Ҳофиз.**

НАФХИ СУР - дамидан дар сур ва мурод аз он сурест, ки дар рўзи қиёмат Исрофил дар он медамад, то мурдагон бархезанд. Дар шеъри форсу тоҷик нафхи сур киноя аз рўзи қиёмат аст:

Аз мидҳаташ, ки зиндакунӣ дўстони ўст,
То нафхи сур сури дуюм дар даҳони мост.

**Хоқонӣ.**

НАЪОИМ - манозили бистум аз манозили қамар, ки шомили чаҳор ситораи равшан аст ба шакли шутурмурғ.

Наъоим пеши ӯ чун чор хотиб,
Ба пеши чор хотиб чор муаззин.

**Манучеҳрӣ.**

НАҒМАИ ДОВУД - ишора бар овози хуши Довуд, ки аз шунидани он ҳатто мурғон ба шӯру шааф омада, аз парвоз бозмеистоданд.

Чу гул савор шавад бар ҳаво Сулаймонвор,
Саҳар, ки мурғ дарояд ба нағмаи Довуд.

**Ҳофиз.**

НАҚШИ АРЖАНГӢ - ишора ба нақшҳои дилкаши китоби «Аржанг», ки ба Монии наққош мансуб аст:

Гар илтифоти худовандияш биёрояд,
Нигорхонаи чиниву нақши аржангист.

**Саъдӣ.**

НИГИНИ СУЛАЙМОН - ангуштари Сулаймон, ки исми аъзам бар он навишта шуда буд ва Сулаймон ба василаи он ба одамию деву парӣ ва кулли ҷонварон ҳукумат мекард. Азбаски аз Сулаймон гуноҳе сар зада буд, ба амри илоҳӣ деве худро ба намуди як шахси мӯътамади Сулаймон бар ӯ намудор кард ва ангуштариро гирифту худро ба намуди Сулаймон ба мардум нишон дод ва шоҳи кулли олам шуд. Пас аз чиҳил рӯз ба тасодуфе ангуштарӣ аз дасти дев ба дарё афтод, моҳие онро фурӯ бурд, сайёде моҳиро гирифт. Сулаймон ангуштарро аз сайёд хариду ба тахти шоҳӣ баргашт.

Ман он нигини Сулаймон ба ҳеҷ настонам,
Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти аҳриман бошад.

**Ҳофиз.**

НИЛИҲУҚҚА - киноя аз осмон.

Назора мекунам, вайҳак дар ин ҳангома чун тифлон,
Ки мушкинмӯҳра осудасту нилиҳуққа гардонаш.

**Хоқонӣ.**

НОХУНИ ХУРШЕД - киноя аз шуои офтоб.

Ҳазор ҳайф, ки аз кори хеш шабнами мо,

Гиреҳ ба нохуни хуршед во накарда гузашт.

**Шавкат.**

НОҚАИ СОЛЕҲ - шутури Солеҳ пайғамбар, ки қавми Оду Самуд онро куштанд.

Шахсе зи араб ноқаи Солеҳ пай кард,

Пайғамбари мо ҳаром май бар вай кард.

НОҲИД - сайёраи Зўҳраро гўянд, ки ситораи мутрибону хунёгарон аст:

Ғазалсароии Ноҳид сарфае набарад,

Дар он мақом, ки Ҳофиз баровroutарад овоз.

НУҚТАИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Бар вараҷи лоҷувар нуқтаи зар шуд рақам,

Сўи лаби мо маёр ҷуз хати ҷом, эй санам.

**Бадри Чочӣ.**

НЎЗАР - аз шоҳони Пешдодӣ, писари Манучеҳр, ки пас аз падар ба шоҳӣ расид ва ба мардум ҷабру ситами бисёре кард. Мардумон ба ҷон омаданду аз Сом хостанд, ки бар тахти шоҳӣ нишинад, вале ў напазируфт. Саранҷом Нўзар ба дасти Афросиёб кушта шуд.

НЎШДОРУ - дар «Шоҳнома» нўшдору он аст, ки Рустам пас аз даридани ҷигарҳои Сўҳроб ба василаи Гударз аз Ковус хост. Вале Ковус аз ҷиҳати кинае, ки ба Сўҳроб дошт ва аз тарси он ки Рустам бо чунин писар хеле нирўманд шуда, ўро ҳақир шуморад, аз додани нўшдору худдорӣ кард.

Баъд аз ин лутфи ту бо мо ба чӣ монад, донӣ,

Нўшдору, ки пас аз марг ба Сўҳроб расид.

НЎҲ - аз пайғамбарон, ки мутобиқи ривоятҳои мазҳабӣ ҳафтод нафар аз зану мард бар ў имон оварданд ва дигарон ба ў нагаравиданд. Ба амри илоҳӣ ў дарахти соҷ бинишонид ва чун дарахт бузург шуд, аз чўби он киштие сохт, ки сесад газ дарозӣ, панҷоҳ газ бар ва сӣ газ баландии деворҳояш буд. Гуфтанд, ки ин киштӣ се табақа дошт: яке

барои одамиён, яке барои паррандагон, яке барои ҳайвонот. Чун ба амри илоҳӣ тӯфон оғоз шуд, Нӯҳ бо хонаводааш ба киштӣ нишаст ва баъди фурӯ нишастани тӯфон киштии ӯ дар Ҷудӣ, дар ҳудуди Мавсул қарор гирифт ва ҳамаи мавҷудоти дигар ғарқ шуданд.

Чӣ ғам девори умматро, ки дорад чун ту пуштибон,
Чӣ бок аз мавҷи баҳр онро, ки бошад Нӯҳ киштибон.

**Саъдӣ.**

НӮҲ ПАРДА - киноя аз нӯҳ фалак. Нӯҳ фалак иборат аз ҳафт фалаке, ки сайёрагони ҳафтгона аз Моҳ то Зуҳал дар онҳо ҷойгиранд. Ба он фалаки ҳаштум, ки қароргоҳи бурҷҳои осмонист ва фалакулафлокро ҳамроҳ карда нӯҳ фалак ё нӯҳ сипеҳр меноманд:

Аз ханҷари заҳробгун ҳафт аждаҳоро рехт хун,
Ҳиммат зи нӯҳ парда бурун дар ҳашт маръо дошта.

**Хоқонӣ.**

НӮҲ ФАЛАК - аслан ҳафт табақаи фалак маъруф аст, вале гоҳо ба он фалакулафлок ва аршро ҳамроҳ карда нӯҳ сипеҳр ё нӯҳ фалак мегӯянд:

Нӯҳ курсии фалак ниҳад андеша зери пой,
То бӯса бар рикоби Қизил Арслон диҳад.

**Заҳири Форёбӣ.**

НӮҲ ХУМИ ФИРӮЗА - киноя аз осмон.

Аз барои ташнагони роҳи меҳраш офтоб,
Бар сари ин нӯҳ хуми фирӯза заррин соғар аст.

**Бадри Чочӣ.**

# О

ОБ ДАР МИНО КАРДАН - киноя аз фиреб додан.

Ашк мерезам ба хун, ҳар гаҳ ки шавқ аз ҳад гузашт,
Чун шавад бадмаст меҳмон, об дар мино кунам.

**Калим.**

ОБ ДАР ҶИГАР НАДОШТАН - ба маънои эҳтиёҷмандӣ ва муфлисӣ.

Намонд дар ҷигарам обу ин сияҳчашмон,
Ҳанӯз аз деҳи вайрон хироҷ металабад.

**Бобо Фиғонӣ.**

ОБИ БАҚО - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Оби ҳайвон нест чун хоки қаноат созгор,
Аз Хизир пурсидаам, оби бақоро дидааст.

**Калим.**

ОБИ ЗИНДАГӢ - ниг. ОБИ ХИЗР.

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нахӯрӣ.

**Саъдӣ.**

ОБИ СИКАНДАР - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Бахшид ҳаёти тан агар ба об Сикандар,
Дил зиндагӣ аз чашмаи ҳайвони ту ёбад.

**Саъдӣ.**

ОБИ ХИЗР/ ОБИ ХИЗИР - обе, ки Хизр дар талаби он ба зулумот рафт ва аз он нӯшиду умури ҷовидон ёфт. Оби ҳаёт, оби ҳайвон, оби зиндагӣ низ гӯянд. Азбаски Искандар аз торикистони пешомада ҳаросид, аз оби ҳаёт бенасиб монд. Ҳиммату ирода Хизрро ба ҷовидоният раҳнамоӣ кард:

Файзи азал ба зӯру ар омадӣ ба даст,
Оби Хизир насибаи Сикандар омадӣ.

**Ҳофиз.**

ОБИ ЧАШМАИ ҲАЙВОН - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост
Хун чакад аз шохи гул, абри баҳоронро чӣ шуд?

**Ҳофиз.**

ОБИ ҶОВИДОН - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Сарбасар мазмуни рангин неъмати алвони мост,
Маънии тар дар ҳақиқат оби ҷовидони мост.

**Мӯҳсини Таъсир.**

ОБОИ УЛВӢ - киноя аз ҳафт кавкаб, ки ба ақидаи қудамо дар сарнавишти инсон таъсир доранд:

Ба ман номушфиқанд обои улвӣ,
Чу Исо з-он або кардам зи обо.

**Хоқонӣ.**

ОД - номи қабилае аз насли Од бинни Нӯҳ, ки Ҳуд пайғамбари онҳо буд. Бинобар нофармонӣ ба гуфтаҳои Ҳуд онҳо аз тӯфони бисёр тунди бод ҳалок шуданд.

Лашкари Оданду килки ман чу сарсар аз сарир,
Насли Яъҷуҷанду нутқи ман чу сур андар садо.

**Хоқонӣ.**

ОДАМ - инсони нахустин, ки Худованд ӯро аз хок офарид ва бар тибқи оёти Қуръон пас аз чиҳил рӯз рӯҳ ба колбуди ӯ дамида шуд. Ҳамаи малоик ба фармони Худо Одамро саҷда карданд ҷуз Иблис. Худои таоло Одамро дар биҳишт ҷой дод ва Ҳавворо аз паҳлӯи чапи ӯ офарид ва эшонро аз хӯрдани гандум ва ба ривояти Таврот аз хӯрдани себ манъ кард. Иблис ба кӯмаки мор ба биҳишт рафт ва Одаму Ҳавворо фирефт, то гандум хӯранд. Ҳақ таоло бар эшон хашм гирифт ва дарахти тӯбиро фармуд, то шохаҳои худро ба ҳам овард ва Одаму Ҳавворо баргирифту аз биҳишт берун андохт. Одам ба Ҳиндустон ба кӯҳи Сарандеб фуруд омад ва сад сол дар он ҷо тоат кард ва гирист, то тавбаи ӯ қабул шуд:

Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам.

**Ҳофиз.**

ОЗАР - номи марде, ки бо дуои ҳазрати Исо алайҳиссалом зинда шуд:

Исии аҳдӣ, ки аз ту қолаби мулкат,
Чун тани Озар ба як қиём баромад.

**Хоқонӣ.**

Чӣ гуна сохт аз гил мурғ Исо,

Чӣ гуна кард шахси Озар эҳё.

**Хоқонӣ.**

ОЗАР - падари Иброҳим пайғамбар, ки пешаи буттарошӣ дошт:

Бувад бо ту ҳадар васвоси шайтон,
Чунон чун бо писар таълими Озар.

**Анварӣ.**

Бидод аз нақши Озар сад нишон об,
Намуд аз сеҳри Монӣ сад аср бод.

**Робиа.**

ОЗАРӢ - мансуб ба Озари буттарош - падари Иброҳим пайғамбар:

Дигар ба рӯи касам дида бар намебошад,
Халили ман ҳама бутҳои озарӣ бишкаст.

**Саъдӣ.**

ОИНАИ ИСКАНДАР - ниг. ОИНАИ СИКАНДАР

ОИНАИ СИКАНДАР - оинае буд, ки бар болои манори Искандария, ки аз биноҳои Искандар бар канори дарёи Рум буд, насб шуда авзои Фарангу киштиҳоро аз сад мил нишон медод. Шабе бар асари ғафлати посбонон фарангиён онро дар об андохтанд ва Искандарияро бар ҳам заданд.

Дар шеъри форсӣ гоҳе оинаи Искандар муродифи ҷоми Ҷам омадааст:

Оинаи Искандар ҷоми Ҷам аст бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро.

**Ҳофиз.**

ОИНАСИМО - киноя аз маҳбуб.

Мекунам бетобии худро тамошо бештар,
Рӯбарӯ ҳар гаҳ ба он оинасимо мешавам.

**Калими Кошонӣ.**

ОРАШИ КАМОНГИР - номи паҳлавони эронӣ, ки тибқи ривоёти бостонӣ дар лашкари Манучеҳр буд ва барои таъйини марзи Эрону Тӯронтире аз Омул ё Сорӣ андохт, ки дар канори Ҷайҳун фуруд омад:

Агар хонанд Орашро камонгир,
Ки аз Сорӣ ба Марв андохт ӯ тир.
Ту андозӣ ба ҷони ман зи Гӯроб,
Ҳаме ҳар соате сад тири пуртоб.

**Фахриддини Гургонӣ.**

ОРИФ - пайраву мӯътақиди маслаки ирфон.

Гар мавҷхези ҳодиса сар бар фалак занад,
Ориф бар об тар накунад рахти бахти хеш.

**Ҳофиз.**

ОСТИН БАР ДАҲОН ДОШТАН - ба маънои рӯй пӯшидан ва шарм доштан:

Остин аз шохи гул доранд доим бар даҳан,
Ғунчаҳо аз шарми шаккархандаи пинҳони ӯ.

**Соиб.**

ОСТОНИ ФАНО - киноя аз дунё.

Бар остони фано дил манеҳ, ки ҷойи дигар,
Барои нузҳати ту барашидаанд қусур.

**Заҳири Форёбӣ.**

ОТАШИ ВОДИИ АЙМАН - нуре, ки дар водии Айман бар Мӯсо алайҳиссалом зоҳир шуд:

З-оташи води Айман на манам хурраму бас,
Мӯсӣ ин ҷо ба умеди қабасе меояд.

**Ҳофиз.**

ОТАШИ ТУР - оташе, ки дар кӯҳи Тур бар Мӯсо алайҳиссалом зоҳир шуд ва он таҷаллии нури илоҳӣ буд, ки аз ҷилвааш кӯҳ пора-пора шуд:

Мададе гар ба чароғе накунад оташи Тур,
Чораи тирашаби водии айман чӣ кунам?!

**Ҳофиз.**

ОТАШИ ХАЛИЛ - оташе, ки бо амри Намруд барои сӯзонидани Иброҳими халилуллоҳ афрӯхта шуд, вале ба мӯъҷизоти илоҳӣ он оташи

афрӯхта, барои Иброҳим гулистоне шуд ва ба ҷисми азизаш газанде нарасид:

Ё раб, ин оташ, ки бар ҷони ман аст
Сард кун, з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

ОТАШИНКОСА - киноя аз офтоб.

Ин оташинкоса нигар дӯлоби мино дошта,
Ин абри кавсаркоса низ оҳанги дарё дошта.

**Хоқонӣ.**

ОФТОБӢ ШУДАН - яъне зоҳир шудан, ошкор гардидан.

Наметавон чу дар он кӯча офтобӣ шуд,
Магард бар сари он кӯю офтоб махӯр.

**Солики Қазвинӣ.**

Ҳар куҷо панҷаи пурзӯр кушоӣ ба ҳунар,
Офтобӣ нашавад панҷаи хуршед дигар.

**Мир Наҷот.**

ОҲУИ ДАШТИ ХОВАРОН - киноя аз офтоб.

Дар ҳудуди Бохтар оҳуи дашти ховарон
Чун фурӯ шуд дар ҳаво шохи ғизол омад падид.

**Салмони Соваҷӣ.**

ОҲУИ ЗАРД - киноя аз офтоб.

Гурги саҳар нӯки дум бар сари Ҷаббор зад,
К-оҳуи зарди Асад бо Бара шуд дар чаро.

**Бадри Чочӣ.**

ОҲУИ ОТАШИН - киноя аз хуршед аст.

Оҳуи оташинро чун барра дар бар уфад,
Кофури хушк гардад бо мушки тар баробар.

# П

ПАДАР - ишора ба ҳазрати Одам:

На ман аз хилвати тақво бадар афтодаму бас,

Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт.

**Ҳофиз.**

ПАНҶ ҲИЛОЛ - киноя аз панҷ ангушти маҳбуб.

К-он моҳи духафтаст, ки бо панҷ ҳилол аст

Ҳар лаҳза варо ҷониби Парвин назар уфтад.

**Бадри Чочӣ.**

ПАРВИН - ниг. ба СУРАЙЁ.

Осмон гӯ мафурӯш ин азамат, к-андар ишқ,

Хирмани маҳ ба ҷаве, хӯшаи Парвин ба ду ҷав.

**Ҳофиз.**

ПАШМ ДАР КУЛОҲ НАДОШТАН - ба маънои иззату эътибор надоштан ва низ ба маънои эҳтиёҷмандию муфлисӣ.

Мезанад ҳарфе барои хеш воиз, май бикаш,

Нест пашме дар кулоҳи мӯҳтасиб, соғар бинӯш.

**Соиб.**

ПИЁЛАИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Субҳ, ки ҳамчу сӯфиён ҳирқаи сабз медарад,

Он ҳама оҳи сардаш аз баҳри пиёлаи зар аст.

**Низомӣ.**

ПИР - касеро гӯянд, ки дар хонақоҳ тарбияти соликонро бар ӯҳда дорад. Ин шахс бояд иҷозати иршод ва машойихи сӯфия дошта бошад ва аз илми тариқату шариат иттилои комил дошта бошад:

Дӯш аз масҷид сӯи майхона омад пири мо,

Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо?!

**Ҳофиз.**

ПИРАЗАНИ КӮФА - пиразани таббоҳи кӯфагиро гӯянд, ки гӯё тӯфони Нӯҳ аз танӯри ӯ сар задаст ва ӯ хостааст, бо домани худ даҳони танӯрро маҳкам кунад, то тӯфон қатъ гардад. Ба ин маънӣ Хоқонӣ фармудааст:

Тӯфонам аз танӯр баромад, чӣ суд аз он-к

Доман чу пиразан ба наҳубан дароварам.

**Хоқонӣ.**

ПИРИ КАНЪОН - ишора ба Яъқуб алайҳиссалом:

Шунидаам сухане хуш, ки пири Канъон гуфт:

Фироқи ёр на он мекунад, ки битвон гуфт.

**Ҳофиз.**

ПИРИ МУҒОН - киноя аз пешвои тариқат ва муршиди орифон:

Мушкили хеш бари пири муғон бурдам дӯш,

К-ӯ ба таъёиди назар ҳалли муаммо мекард.

**Ҳофиз.**

ПИРАҲАНИ ЮСУФ - чун бародарони Юсуф бар ӯ ҳасад бурданд, аз падарашон иҷозат хостанд, то ӯро ба саҳро бибаранд. Онҳо Юсуфро дар чоҳе андохтанд ва кабӯтареро куштанду пироҳани Юсуфро аз хуни он рангин карданд ва назди падар бурдандy гуфтанд, ки Юсуфро гург хӯрд. Яъқуб он қадар дар фироқи Юсуф гирист, ки чашмонаш нобино шуданд. Юсуфро корвониён аз чоҳ берун карданд ва дар бозори Миср ба Зулайхо фурӯхтанд. Юсуф азизи Миср шуд. Дар солҳои фаровонӣ гпндум андӯхт ва дар солҳои қаҳтӣ аз захира ба кор бурду фурӯхт. Бародарони Юсуф барои харидани ғалла ба Миср рафтанд. Юсуф худро ба онҳо шиносонд ва пироҳани худро ба падарш Яъқуб фиристод. Вақте ки бародарон аз Миср хориҷ шуданд, Яъқуб бӯи пироҳанро шунид ва чун пироҳанро ба ӯ оварданд, ба чашми худ молид ва бино гашт:

Рӯзи гум гаштани фарзанд тақодири қазо,

Чоҳи дарвозаи Канъон ба падар нанмояд.

Бош, то даст диҳад давлати айёми висол,

Бӯи пироҳанаш аз Миср ба Канъон ояд.

**Саъдӣ.**

ПИСАРИ НӮҲ - фарзанди Нӯҳ пайғамбар, ки Канъон ном дошт, бо мухолифони падарш ҳамроҳ шуд ва дар тӯфон ғарқ гашт:

Писари Нӯҳ бо бадон биншаст,

Хонадони нубувваташ гум шуд.

**Саъдӣ.**

ПОЙИ ТАРСО - киноя аз суроҳи ва хуми май:

Бикр аст хум Марямсифат, маҳди Масеҳаш _оми зар,

Хуни дили Марям магар дар пойи тарсо рехта.

**Бадри Чочӣ.**

ПОРАИ МУЗАЪФАР - киноя аз офтоб.

З-он пеш, ки осмонро ҳайёти чарх дӯзад

Бар хирқаи кабудаш як пораи музаъфар.

**Бадри Чочӣ.**

ПУРИ ДАСТОН - ниг. ба РУСТАМ.

Ба мардӣ маро пури Дастон накушт,

Нигаҳ кун бар ин газ, ки дорам ба мушт.

**Фирдавсӣ.**

ПУРИ ДУХТИ УМРОН - ниг. ба ИСО.

Эй, ки зинда шуд ба ту тани мардум,

Моно, ки ту пури духти Умронӣ.

**Носири Хисрав.**

ПУРИ ЗОЛ - ниг. ба РУСТАМ.

Бад он кор хушнуд шуд пури Зол,

Бузургон, ки буданд бо ӯ ҳамол.

**Фирдавсӣ.**

ПУРИ МАРЯМ - ниг. ба ИСО.

Роқӣ ҷон дар май дамад чун пури Марям руқия,

Соқии мо ҳам мекунад чун шери ҳақ каррорие.

**Мавлавӣ.**

## Р

РАБОБ - номи марде, ки ошиқи Раъд (ниг.) будааст:

Аз дили олам мапурс ҳолати субҳи дилаш

Бар кару аннин махон қиссаи Раъду Рабоб.

**Хоқонӣ.**

РАВЗАИ РИЗВОН - киноя аз биҳишт.

Фардо агар на равзаи Ризвон ба мо диҳанд,
Ғилмон зи равза, ҳур зи ҷаннат бадар кашем.

**Ҳофиз.**

РАХШ - номи аспи Рустам, дар адабиёти форсу тоҷик ба маънои мутлақи асп низ меояд:

Садри ту ба поя тахти Ҷамшед
Хинги ту ба соя Рахши Рустам.

**Анварӣ.**

РАЪД - номи зани ҷамилае, аз қиссаи «Раъду Рабоб», ки маъшуқи Рабоб будааст:

Ҳоли мани банда зи ҳоли дигарон будӣ батар,
Ҳоли Раъд охир батар бошад чу бошад бе Рабоб.

**Анварӣ.**

РЕСМОНФУРЎШ - ишора ба касби донишманди маъруфи форсу тоҷик Имом Муҳаммади Ғазолӣ.

Он ресмонфурўш, ки буд осмонсурўш,
Кардӣ ба ресмони ишораташ эътисом.

**Хоқонӣ.**

РИЗВОН - дарбони биҳиштро гўянд:

Бурда Ризвон ба биҳишт аз пайи пайвандгарӣ,
Аз ту ҳар фазла, ки андохта бўстонпирой.

**Анварӣ.**

РОҲИБОСО МУСАЛСАЛ ДОШТАН - ишора ба оини роҳибони тарсоӣ, ки ҳамеша дар дасту пову камар занҷир медоранд:

Фалак каҷравтар аст аз хатти тарсо,
Маро дорад мусалсал роҳибосо.

**Хоқонӣ.**

РОҲИ КАҲКАШОН/ РОҲИ КОҲКАШОН - хати сапеди абрмонанде, ки аз ситораҳои бешумор ташкил гардида ва шабҳо дар осмон дида

мешаванд. Он раҳ шабеҳи роҳест, ки дар он коҳ пошида бошанд. Осмондара ва Коҳангон ҳам гуфтаанд:

Азбаски дар ин роҳи раз ангур кашонанд,
Ин роҳи раз эдун чу раҳи Коҳкашон аст.

**Манучеҳрӣ.**

РУДОБА - аз занони наҷиби достони «Шоҳнома». Духтари Меҳроби кобулӣ, ки аз нажоди Заҳҳок буд ва ба Сом боҷ медод. Рудоба ошиқи Зол шуд ва Зол низ шефтаи ӯ гашт. Пинҳонӣ дидорҳое миёни онҳо даст дод. Зол аз падар хост, то ки ба пайванди ӯ бо Рудоба иҷозат бидиҳад. Нахуст Манучеҳр - шоҳи Эрон аз пайванди Золу Рудоба ҳароснок шуд, вале чун ситорашиносон шаҳодат бидоданд, ки аз издивоҷи Золу Рудоба паҳлавони бемисле чун Рустам ба дунё хоҳад омад, иҷозат бидод. Рудоба бо Зол паймони заношӯӣ баст ва ҳамроҳи ӯ ба Систон рафт.

РУМ - мувофиқи ривояти «Шоҳнома» номи сарзамине, ки ҷузъи кишвари Фаридун буд. Чун кишвар миёни писарон тақсим намуд, Рум ба Салм расид:

Нахустин ба Салм андарун бингарид,
Ҳама Руму Ховар мар ӯро гузид.

**Фирдавсӣ.**

Дар шеъри форсӣ баромадани равшании рӯзро ба ҳуҷуму ғалабаи лашкари Рум тамсил мекунанд, гоҳо аз руму румиён сафедии чеҳраро масал задаанд:

Хуршеди румпарвару моҳи ҳабашнигор
Соянишини соҳати тубо нишони ӯст.

**Хоқонӣ.**

РУМИИ ЗАРРИНСИПАР - киноя аз офтоб.

Чун румии зарринсипар карда ҳамоил дар камар,
Зангӣ зи дасти ин хабар аз меъда савдо рехта.

**Бадри Чочӣ.**

РУМИИ ХАНДОН - киноя аз офтоб.

Вале ба вақти саҳар, ки румии хандон,

Гирифта ханҷари зар сӯи Зангубор омад.

**Низомӣ.**

РУСТАМ - паҳлавони маъруфи «Шоҳнома» писари Золу Рудоба ва набераи Сому Меҳроби Кобулӣ. Рустам дар замони шоҳии Манучеҳр ба дунё омад, ҳунару мардӣ омӯхт ва қиссаи паҳлавонии ӯ аз куштани фили сафед оғоз шуд. Пас аз он диловариҳои бисёре кард ва пирӯзиҳо ба даст овард, монанди кушудани дижи кӯҳи Сапед, ки Сому Наримон муддате онро ҳисор кардаву бар он даст наёфта буданд, овардани Кайқубод аз Албурзкӯҳ ва бар тахт нишондани ӯ, достони ҳафт хон ва фатҳи Мозандарону раҳонидани Ковус аз дасти деви сапед, ҷанг бо шоҳи Ҳомоварон ва раҳонидани Ковус аз зиндон, ҷанг бо Сӯҳробу куштани ӯ бе он ки вайро бишиносад, ҷанг бо Афросиёб ба хунхоҳии Сиёвуш, ҷанг бо тӯрониён ва гирифтор кардани хоқони Чину куштани Ашкбӯс, ҷанг бо Аквондев, раҳонидани Бежан аз чоҳ, ҷанг бо Исфандиёр ва кӯр кардану куштани ӯ. Рустам пас аз он ҳама диловарӣ саранҷом бо хиёнати бародараш Шағод ба чоҳ афтод ва пас аз куштани Шағод, худаш ҳам дар он чоҳ ҳалок гардид.

РӮ ГИРИФТАН - ба маънои рӯй пӯшидан.

Охир гирифт аз мо он рӯи дилкушоро
Аз мо гирифт рӯро нагирифт рӯи моро.

**Мӯҳсини Таъсир.**

РӮИНДИЖ - номи қалъае, ки истеҳкоми Арҷосп буд ва духтарони Гуштосп он ҷо зиндонӣ буданд. Исфандиёр аз роҳи ҳафтхон ба он ҷо рафт, онро кушуд, Арҷоспро бикушт ва хоҳаронашро озод кард.

Ё магар Исфандиёрам, к-он арӯсонро ҳама
Аз дижи Рӯин ба саъйи ҳафтхон овардаам.

**Хоқонӣ.**

РӮИНТАН - лақаби Исфандиёр, ниг. ба ИСФАНДИЁР.

Ҷамшеди каён, ки дин ҷуз ӯро

Рӯинтани ҳафтхон надидаст.

**Хоқонӣ.**

РУҲУЛЛОҲ - ишора ба Исо алайҳиссалом, ки аз рӯҳи илоҳӣ дар батни Марям ба вуҷуд омад.

На рӯҳуллоҳ дар ин дайр аст, чун шуд
Чунин даҷҷолфеъл ин дайри мино.

**Хоқонӣ.**

РӮҲУЛҚУДДУС - мақсуд рӯҳест, ки дар Марям дамида шуд ва мӯҷиби пайдоиши Исо гашт:

Файзи рӯҳулқуддус ар боз мадад фармояд,
Дигарон ҳам бикунанд, он чи Масеҳо мекард.

**Ҳофиз.**

## С

САБЗГУЛШАН - киноя аз дунё.

Ҳар замон з-ин сабзгулшан рахт берун мебарам,
Оламе аз олами ваҳдат ба каф меоварам.

**Хоқонӣ.**

САБЗТОРАМ - киноя аз осмон.

Боғест фазои кибриёит,
Берун зи риёзи сабзторам.
Аз ҳар варақаш чу баҳри хазро,
Овехта сад ҳазор шабнам.

**Салмони Соваҷӣ.**

САБЗХОН - киноя аз осмон.

Бар сари ин сабзхон хур чу ниҳад қурси зар,
Хушклабонро мабод моида ҷуз лаъли тар.

**Бадри Чочӣ.**

САБО - шаҳре, ки Билқис бар он ҳукумат мекард ва Сулаймон ба қасди ҷанг оҳанги он кард ва бо маликаи Сабо рӯбарӯ шуду ӯро ба занӣ гирифт:

Эй ҳудҳуди сабо, ба Сабо мефиристамат,
Бингар, ки аз куҷо ба куҷо мефиристамат.

**Ҳофиз.**

САВР - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли гов аст.

Бурҷи Савр баробари моҳи Урдибиҳишт аст;

Ба шоҳи Савр бар шакли Сурайё,
Чу марворидгун бори санавбар.

**Анварӣ.**

САГИ АСҲОБИ КАҲФ - саги чӯпоне, ки ба дунболи асҳоби каҳф афтод ва ҳарчанд хостанд ӯро баргардонанд, барнагашт, то он ки бар забон омад ва худопарастии худро бар эшон маълум кард. Ёрон аз ӯ даст бардоштанд ва ӯро бо худ ба ғор бурданд:

Саги асҳоби каҳф рӯзе чанд
Пайи некон гирифту мардум шуд.

**Саъдӣ.**

САДА - аз ҷашнҳои маъруфи мардуми эронинажод, ки ба даҳуми баҳманмоҳ мувофиқ меояд. Ба қавле аз он ҷиҳат онро сада мегӯянд, ки панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб пеш аз наврӯз фаро мерасад. Форсиёни қадим дар ин рӯз оташ бармеафрӯхтанд. Ин ҷашн баъди зуҳури ислом ҳам маълум буд ва имрӯз ҳам дар бисёр маҳалҳо истиқбол мегиранд:

Бар лашкари зимистон наврӯзи номдор
Кардаст ройи тохтану қасди корзор

В-инак биёмадаст ба панҷоҳ рӯз пеш
Ҷашни сада талояи наврӯзи номдор.

**Манучеҳрӣ.**

САДДИ ИСКАНДАРӢ - саде, ки Искандар дар баробари Яъҷуҷу Маъҷуҷ баст:

Яъҷуҷи зулм бинам ҷуз рои равшани ӯ
Аз баҳри садди инсоф Искандаре надорам.

**Хоқонӣ.**

САДДИ ЯЪҶУҶ - ниг. ба садди Искандарӣ.

Ту гуфтӣ садди Яъҷуҷ аст лашкар,
Ҳам эшон боз чун Яъҷуҷ бемор.

**Фахриддини Гургонӣ.**

САДАЙР - мухаффафи се дайр. Номи қасре, ки Нӯъмон ибни мунзир барои Баҳроми Гӯр сохт. Қаср дорои се гунбад ё се дайр буд.

САЛИБИ РАВЗАНАИ БОМИ ХАЗРО - ба маънои хати устуво ва хати меҳвари фалак.

Ба сури субҳгоҳӣ баршикофам,
Салиби равзани ин боми хазро.

**Хоқонӣ.**

САЛМ - писари калонии Фаридун. Чун Фаридун кишвари худро тақсим кард, Руму Ховарро ба Салм дод. Салм бо бародари худ Тур ҳамдаст шуд ва Эраҷро, ки фармонравои Эрон шуда буд, бикушт.

Нахустин ба Салм андарун бингарид,
Ҳама Руму Ховарро мар ӯро гузид.

**Фирдавсӣ.**

САЛСАБИЛ - номи чашмае дар биҳишт.

Эй рухат чун хулду лаълат салсабил,
Салсабилат карда ҷону дил сабил.

**Ҳофиз.**

САМАНДАР - мурғи афсонавие, ки дар оташ намесӯзад ва баъзеҳо гуфтаанд, ки аз оташ ба вуҷуд меояд ва чун аз он берун биёяд, мемирад.

Самандар наӣ, гирди оташ магард,
Ки мардонагӣ бояд он гаҳ набард.

**Саъдӣ.**

САМУД - номи қабилае аз фарзандони Сом ибни Нӯҳ, ки бут мепарастиданд ва Худованд Солеҳро бар эшон пайғамбар кард. Қавми Самуд аз Солеҳ мӯъҷиза хостанд. Солеҳ аз миёни харсанг ноқае бо куррааш берун овард. Аммо қавми Самуд гуфтанд, ки Солеҳ сеҳр кардааст ва ба ӯ нагаравиданд. Пас шутур ба сари чашмаи эшон рафт ва ҳама обҳоро хӯрд. Эшон шутурро куштанд. Дар ин ҳангом садои даҳшатангезе аз осмон баромад ва қавми Самуд аз ваҳшатии он мурданд:

Ин ҳама чашмаи хуршеди ҷаҳонафрӯз аст,
Ки ҳаметофт бар ормгаҳи Оду Самуд.

**Саъдӣ.**

САПЕДКОР - киноя аз риёкор ва мунофиқ.

Агар ин ройи ту будӣ, ба рӯям овардӣ
Сапедкории гардун ҳазор рӯзи сиёҳ.

**Анварӣ.**

САРАНДЕБ - ҷазираи Селон, ки дар ҷануби Ҳиндустон воқест. Дар адабиёти форсу тоҷик аз он ҷиҳат шӯҳрат дорад, ки бар асоси ривоёт Одам баъди аз ҷаннат ронда шуданаш ба Сарандеб фуруд омадааст.

САРАТОН - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки бар шакли харчанг аст. Бурҷи Саратон баробари моҳи тир аст:

Ман чу Бирҷис зи Ҳут омадаам,
Саратон мустақаре хоҳам дошт.

**Хоқонӣ.**

САРГИНИ ХАРИ ИСО - ишора ба хосияти табобатии саргини хари Исо, ки чун оби он ба бинӣ чаконанд, хунравиро бозмедоштааст.

Ба сарангини хари Исо бибандам,
Руофи Ҷосалиқи нотавоно.

**Хоқонӣ.**

САРСАР - боди тунду пурсадо ва дар адабиёти форсу тоҷик ишора ба боди сахтест, ки қавми Одро бинобар нофармонӣ карданашон аз Ҳуд пайғамбар ҳалок карда буд.

Лашкари Оданду килки ман чу сарсар аз сирир,

Насли Яъҷуҷанду нутқи ман чу сур андар садо.

**Хоқонӣ.**

САРФА - манзили дувоздаҳум аз манозили қамар. Дар байти зерин сарфа ба иҳом омадааст:

Хасми сагдил зи ҳасад нолад чун ҷабҳати моҳ,

Нур бесарфа диҳад, ваъваи уво шунаванд.

**Хоқонӣ.**

САФУРО - духтари Шуайб пайғамбар, завҷаи Мӯсо алайҳиссалом.

Мӯсӣ аз баҳри Сафуро кунад оташхоҳӣ,

В-он шубонӣ-ш ҳам аз баҳри Сафуро бинанд.

**Хоқонӣ.**

САЪДАЙН - ду сайёраи саид - муштарӣ ва Зӯҳраро гӯянд, ки қадимиён онҳоро мазҳари саодату некӣ медонистанд.

Сонии хуршед ба рӯи замин

Солиси саъдайн зи чархи барин.

**Хусрави Деҳлавӣ.**

САЪДИ АКБАР - сайёраи Муштариро гӯянд.

Бар осмони макрамат аз равшанони илм

Чун Муштарӣ ба нури хирад Саъди акбарам.

**Анварӣ.**

Бахти фирӯзи шаҳи рӯи заминро бар сипеҳр

Саъди акбар амм боду Саъди асғар хол бод.

**Сӯзанӣ.**

САЪДИ АСҒАР - яъне сайёраи Зӯҳра.

Шеъри ман фолест, номаш саъди акбар гир аз он-к

Ровии ман дар санот аз саъди асғар сохтанд.

**Хоқонӣ.**

САЪДИ ЗОБЕҲ - манзили бисту дуюм аз манозили моҳ.

Саъди зобеҳ ду ситораест, ки миёни онҳо ба андозаи як газ фосила ҳаст ва онҳо бар шохи Ҷадӣ қарор доранд.

Не саъди кифояти ту зобеҳ

На субҳи иноятӣ ту козиб.

**Ҷамолиддини Исфаҳонӣ.**

Саъди зобеҳ сар буридӣ ҳар шикореро, ки шоҳ,

Сӯи ӯ меҳвар зи хатти устуво кардӣ раҳо.

**Хоқонӣ.**

Дар ин байти Хоқонӣ мурод аз меҳвар тир ва аз устуво камон аст.

САЪДИ ХУРД - ниг. ба саъди асғар.

САЪДОН - ниг. ба саъдайн.

Осмон дар даври ҳафтум баъди соли шаш ҳазор,

Зода хуршеде, ки тахташ тоҷи саъдон омада.

**Хоқонӣ.**

САЪД-УЛ-АХБИЯ - манзили бисту панҷум аз манозили фалак, ки шомили чаҳор ситора аст, ки сетои он монанди секунҷа ва чаҳорум дар миёни он.

Гарде бар обе бехта, зар аз туранҷ ангехта,

Хӯша зи ток овехта монанди саъд-ул-ахбия.

**Манучеҳрӣ.**

САЪД-УС-СУУД - манзили бисту чаҳорум аз манозили моҳ. Саъд-ус-сууд се ситораи хурдро гӯянд, ки дар думи Ҷадӣ қарор гирифтааст.

Бар сипеҳри лоҷувардӣ сурати саъд-ус-сууд

Чун яке чоҳи ақиқин дар яке нилизақан.

**Манучеҳрӣ.**

САҲБОН - аз шоирони аҳди Муҳаммад алайҳиссалом, дар ғояти фасеҳбаёнӣ ва балоғати калом шӯҳрат дошт:

Рашки назми ман хурад Ҳасони Собитро ҷигар

Дасти нашри ман дарад Саҳбони Воилро.

**Хоқонӣ.**

САҲМИ ХИСРАВ - «саҳм» ба маънои тири камон ва «хисрав» подшоҳро гӯянд. Дар аҳди қадим русуме ҷорӣ буда, ки чун гунаҳгоре аз даргоҳи подшоҳон афву амон металабид, тири камон ба даст гирифта, ба хидмати мулук мерафт.

Банда, Хоқонӣ, ба хидмат ними рӯ хокӣ расид,

Саҳми хусрон пас ниҳоду саҳми хисрав пешво.

**Хоқонӣ.**

САҲОБӢ - панҷ кавкаб аст, аз навъи Каҳкашон, чун пораи абр.

СЕЛГОҲ - киноя аз дунё.

Аз ин селгоҳам чунон даргузор,

Ки пул нашканад бар ман ин рӯдбор.

**Низомӣ.**

СИДРА - дарахте дар ҷониби рости арш:

Ки эй баланди зар, шоҳбози сидранишин,

Нишемани ту на ин кунҷи меҳнатобод аст.

**Ҳофиз.**

СИДРАТ-УЛ-МУНТАҲО - ниг. ба сидра.

Маро мунтаҳои талаб нест сидра,

Ки аз сидрат-ул-мунтаҳо мегузарем.

**Хоқонӣ.**

СИЁВУШ - аз паҳлавонони «Шоҳнома», писари шоҳ Ковус. Сиёвуш дар назди Рустам бузург шуду ҳунар омӯхт ва чун ба даргоҳи падар баргашт, модарандараш Судоба ошиқи ӯ гашт. Сиёвуш ба иллати наҷобати табъ аз ин ишқ сар печид ва Судоба ба ӯ кинавар шуду Ковусро бар ӯ бадбин сохт. Сиёвуш баъди ранҷҳое, ки аз ишқи нопок кашид, ба дастури падар ба ҷанг бо тӯрониён рафт. Аммо бо Афросиёб сулҳ кард. Ковус паз аз шунидани ин хабар бар ӯ хашмгин шуд ва писарро сарзаниш кард. Сиёвуш аз бими падар дар Тӯрон монд ва ба духтари Афросиёб Фарангис хонадор шуд. Бародари Афросиёб Гарсеваз ба Сиёвуш ҳасад мебурд. Ба ин сабаб Афросиёбро ба Сиёвуш бадбин сохт. Саранҷом ба фармони Афросиёб Сиёвушро ба қатл расониданд.

СИКАНДАРӢ ХӮРДАН / СИКАНДАР ХӮРДАН - ба маънои пешпо хӯрдан, ба сар андар омадан:

Насиб қисмати ман кард, Ҷавҳарӣ аспе,

Ки нест рӯзии ӯ ҷуз сикандарӣ хӯрдан.

СИМОКИ АЗЪАЛ - манзили чаҳордаҳум аз манозили қамар. Симоки азъал ситораи бузургу рўшанеро гўянд, ки наздики он ҳеҷ ситорае нест ва аз ин азъал, яъне марди бесилоҳ номидаанд:

Гоҳ бо зарбат румҳе зи симоки ромеҳ
Гоҳ бо накбат азле зи симоки аъзал.

**Анварӣ.**

СИМОКИ РОМЕҲ - ситораест бузург дар рў ба рўи банотуннаъш, наздики он ду ситораи дигаре ҷойгиранд, ки онҳоро ромеҳ ё найзаи симок гўянд.

В-аз шиҳоби новакандозу симоки найзадор
Лашкари шарвоншаҳи соҳибқирон ангехта.

**Хоқонӣ.**

СИМУРҒ - паррандаи афсонавие, ки бинобар ривояти «Шоҳнома» Золро аз кўҳи Албурз баргирифт ва бо чўҷаҳои худ парвариш дод. Пас аз чанде Сом бар асари хобе, ки дида буд, ба ҷустуҷўи писараш омад. Симурғ Золро ба Сом супурд ва паре аз худ ба ў дод, то дар вақти зарурат ба оташ афканад ва ўро ба кўмак бихонад. Симурғ ба ин тартиб дар ҷанги Рустаму Исфандиёр бо хоҳиши Зол ба ёрии Рустам шитофт ва ба тадбири ў Исфандиёр ба дасти Рустам кушта шуд.

Таҳамтан газ андар камон ронд зуд,
Бад-он сон ки симурғ фармуда буд.

**Фирдавсӣ.**

Дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор симурғ ба унвони шоҳи мурдагон ва тамсиле аз ваҳдати вуҷуд омадааст, ки қароргоҳаш кўҳи Қоф аст. Мурғоне, ки ба талаби ў мераванд, пас аз расидан ба мақсуд дармеёбанд, ки он мурғи афсонавӣ вуҷуде ҷуз худи онҳо нест. Зеро аз ҳамаи мурғоне, ки ба ин сафар рафта буданд, танҳо сӣ мурғ ба мақсад расиданд ва ғараз аз симурғ ҳамон сӣ мурғ будааст:

Хешро диданд симурғи тамом,
Буд худ симурғ сӣ мурғ мудом.

**Аттор.**

СИНО - номи ноҳияе, ки кӯҳи Тур, яъне кӯҳе, ки Мӯсо барои муноҷот бар сари он мерафт, дар он воқест.

Ошнои Тури Сино Мӯсии имрон буд,
То ки аз мӯъҷиз асо дар дасти ӯ гардад чу мор.

**Амир Муиззӣ.**

СИПАР АНДОХТАН - ба маънои оҷизу нотавон мондан, таслим шудан:

Дар гулистон ба чи рӯ чира тавонад гаштан
Гул, ки дар пеши ту сад ҷо сипар андохтааст.

**Асир.**

СИПЕҲРИ ОБГУН - киноя аз осмон.

То ки сипеҳри обгун лофи ғуломи ту зад,
Аз сари ҳасрат оташе бар сари шоҳи ховар аст.

**Низомӣ.**

СОЛ ДУЗДИДАН - киноя аз кам гуфтани солҳои умр.

Ин куҳансолон, ки медузданд соли хештан
Кӯҳна duздонанд дар тороҷи моли хештан.

**Соиб.**

СОЛЕҲ - пайғамбаре, ки бар ду қавм - Од ва Самуд фиристода шуд. Он ду қавм, ки бутпараст буданд, ба ӯ нагаравиданд ва мӯъҷиза хостанд, ки ноқа, яъне шутури модае бо бачааш аз дохили харсанг берун ояд. Солеҳ дуо кард, санг бо фармони Худо шикофта шуд ва аз он ноқае бо бачааш берун омад. Қавми Оду Самуд мункир шуданд ва гуфтанд, ки ин сеҳр аст ва саранҷом ноқаро куштанд.

Шахсе зи араб ноқаи Солеҳ пай кард,
Пайғамбари мо ҳаром бар вай май кард.

СОЛИК - касеро гӯянд, ки ба қасди тайи тариқ вориди хонақоҳ мешавад ва ба итоати пир дармеояд ва дар ҳама кор аз ӯ пайравӣ мекунад. Солик бояд соҳиби сифатҳои хосе бошад, монанди роздорӣ ва фармонбарӣ.

Ба май саҷҷода рангин кун гарат пири муғон гӯяд,

Ки солик бехабар набвад зи роҳу расми манзилҳо.

**Ҳофиз.**

СОМ - бобои Рустам, писари Наримон. Ба ривояти «Гаршоспнома» бародарзодаи Гаршосп ва ба ривояти дигар набераи ӯ буд. Ҳангоми шоҳии Нӯзар мардум, ки аз ситами ин шоҳ ба ҷон омада буданд, аз Сом хостанд, ки бар тахти шоҳӣ нишинад, вале ӯ қабул накард.

СОМИРӢ - марде аз пайравони Мӯсо, ки дар вақти набудани Мӯсо гӯсолаи заррине сохт ва хоки замине, ки аспи Ҷабраил дар он пой ниҳода буд, бар ӯ афшонд. Гӯсола ба садо омад ва ҳаракат кард ва Сомирӣ бад-ин васила банӣ Исроилро гумроҳ кард. Чун Мӯсо бозгашт, мардумро аз гумроҳӣ баровард ва гӯсолаи Сомириро бикушт:

Сеҳр бо мӯъҷиза паҳлу назанад, дил хуш дор,
Сомирӣ кист, ки даст аз яди байзо бибарад.

**Ҳофиз.**

СОҚИ АРӮСОН - қисмате аз нон ба шакли соқ, ки ҷавфи онро пур аз қанд месозанд ва дар равған бирён намоянд, пас аз он пистаи хандон илова мекунанд:

Хояи мурғест кофӣ муфлисонро гар кунад
Хоҷа аз соқи арӯсон чора заъфи боҳро.

**Розӣ.**

Ҳар кӣ дар умр нахӯрда тани танҳо нонро,
Бишмард соқи арӯсон қадами меҳмонро.

**Қабул.**

СУВАРИ ФАЛАКӢ - суратҳоеро гӯянд, ки мунаҷҷимон барои шинохтани ситораҳо фарз кардаанд. Суратҳои фалакӣ чиҳилу ҳашттоанд. Дувоздаҳ сурат бар минтақат-ул-буруҷ, бисту як сурат бар шимоли он ва понздаҳ сурат дар қисми ҷанубии он ҷойгиранд. Сувари фалакии минтақат-ул-буруҷ инҳоанд: Ҳамал, Савр, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷадӣ, Далв, Ҳут.

СУДОБА - духтари шоҳи Ҳомоварон, ки Ковус ошиқи ӯ гашт ва бо ӯ ба зиндон афтод. Рустам Ковусро раҳоӣ дод ва судоба низ бо ӯ ба Эрон

омад. Аммо Судоба баъдҳо ошиқи Сиёвуш - писари Ковус шуд ва чун иҷобату худдории Сиёвушро дид, пешдастӣ кард ва ӯро назди Ковус муттаҳам сохт.

СУЛАЙМОН - писари Довуд пайғамбар. Худо ба ӯ ҳам пайғамбарӣ ва ҳам подшоҳӣ дода буд. Ангуштарие дошт, ки исми аъзам бар он набишта буд, то ба баракати он одаму парӣ, деву вуҳуш, паррандагон ва ҳатто бод мутеи ӯ шаванд. Бод ҳар чӣ дар қаламрави подшоҳии ӯ мегузашт, ба гӯши ӯ мерасонд ва тахти ӯро ба ҳар куҷо, ки мехост, мебурд.

Чун Сулаймон хабари қудратмандии маликаи Сабо - Билқисро шунид, оҳанги ҷанг бо ӯ кард. Билқис вақте бидонист, ки Сулаймон пайғамбар аст, хост, ки ба даргоҳи ӯ бишитобад. Сулаймон аз ин азми Билқис огоҳ шуда бодро фармуд, тахти Билқисро бардораду ба даргоҳи ӯ ҳозир кунад. Билқис ба Сулаймон имон овард ва ба ҳамсарии ӯ даромад.

Пеши соҳибназарон мулки Сулаймон бод аст,
Балки он аст Сулаймон, ки зи мулк озод аст.

**Ҳоҷуи Кирмонӣ.**

СУНБУЛА - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ ба сурати хӯшаи гандум. Бурҷи Сунбула баробари моҳи шаҳревар аст.

Дасти ман Ҷавзову килкам Ҳуту маънӣ Сунбула,
Сунбула зояд зи Ҳут аз ҷунбиши Ҷавзои ман.

**Хоқонӣ.**

СУРАЙЁ - шаш ситораест монанди хӯшаи ангур. Аз ин сабаб дар адабиёти форсу тоҷик онро иқди Сурайё ва хӯшаи Парвин низ номидаанд:

Сурайё чун Манижа бар сари чоҳ,
Ду чашми ман бад-ӯ чун чашми Бежан.

**Манучеҳрӣ.**

СУРИ ИСРОФИЛ - сур ё шохе, ки Исрофил дар рӯзи қиёмат барои зинда кардани халқ дар он медамад:

Сар бурун зад зи маҳд Мекоил,

Ба расадгоҳ сури Исрофил.

СУРИ СУБҲГОҲӢ - ба маънои оҳи саҳаргоҳ.

Ба сури субҳгоҳӣ баршикофам

Салиби равзани ин боми хазро.

**Хоқонӣ.**

СУРУШ - аз фариштагони оини зардуштӣ. Дар шеъри форсӣ ғолибан ба маънои нидодиҳандаи ғайбӣ мустаъмал аст.

СУТУРЛОБ - ниг.ба устурлоб.

Чашмаи хуршеди лутф, балки сутурлоби рӯҳ,

Гавҳарии ганҷи ҳаёт, балки калиди карам.

**Хоқонӣ.**

СУҲАЙЛ - аз ситорагони қадри аввал дар қисмати ҷанубии осмон, онро Суҳайли Яманӣ низ гуфтаанд.

Аз авҷи ҳаҷ яқини ту тобанда чун Суҳал,

Бар деви ширк тири ту боранда чун шиҳоб.

**Абулфарҷи Рунӣ.**

СУҲО - ситораи ниҳоят хурде дар Дубби Асғар, ин ситора ба камнурӣ масал шудааст ва гоҳо тезчашмии мардумро аз дидани он месанҷанд.

Суҳо дар ҷилвагоҳӣ худнамоист,

Ба Меҳраш даъвии соҳибзиёист.

**Мирзо Насир.**

СӮЗАНИ ИСО - ишора ба сӯзане, ки ба амри тасодуф дар гиребони либоси пашминаи дурушти Исо пайдо кардаанд. Гӯянд, Исо пайғамбарро ба осмон мебурданд, чун ба фалаки чаҳорум расид, амр шуд, ки ҷустуҷӯ кунанд, оё чизе аз асбоби дунявӣ ҳамроҳи худ дорад. Агар чизе надорад, ӯро ба осмони ҳафтум баред! Нигоҳ карданд. Аз вай сӯзане ёфтанд дар гиребони либоси пашминаи дурушти, ки чиҳил сол боз онро мепӯшид. Он вақт се шабонарӯз буд, ки Исо пайғамбар чизе нахӯрда буд. Чун он сӯзан бо вай диданд, нидо омад, ки «Исоро ҳамон ҷо

бидоред». Сабаб он будааст, ки Исо пайғамбар гӯё ба молу асбоби дунё дилбастагӣ доштааст, вагарна ӯ сӯзанеро ҳамроҳи худ намегирифт.

Ба по занҷир шуд як сӯзани беришта Исоро
Балое бадтар аз ҳамроҳи ноқобил намебошад.

**Сайидо.**

Барфишон ҷайб, ки хори қадами таҷрид аст,
Ними сӯзан, ки сар аз ҷайби Масеҳо задаст.

**Абдураҳмони Ҷомӣ.**

СӮМАНОТ - буткадаи маъруф дар Ҳиндустон, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ вақти тасарруфи Ҳинд бутҳои онро шикаст.

СӮФӢ - пайраву мӯътақиди маслаки тасаввуфу ирфон, ба қавле аз калимаи сӯф, ба маънои пашминапӯш, ки ишора ба фақру қаноат аст.

СӮҲРОБ - писари Рустам, аз паҳлавонони номдори «Шоҳнома». Достони паҳлавонии ӯ дар ҷанг бо падараш маъруф аст. Падару писар якдигарро нашинохта дар набардгоҳ баробари ҳам омаданд. Як бор пушти Рустам бар замин омад, аммо бо баҳонае аз дасти Сӯҳроб раҳо шуд. Бори дуюм Рустам писарро ба замин заду бо ханҷар ҷигарҳои ӯро шикофт ва чун бозубандашро дид ӯро шинохт. Зуд назди Ковус ба ҷустуҷӯи нӯшдору кас фиристод. Ковус аз додани нӯшдору худдорӣ кард ва Сӯҳроб қолаб тиҳӣ кард. Масали «Нӯшдору пас аз марг ба Сӯҳроб расид» ишора ба ин қисмат аз саргузашти ӯст.

# Т

ТАГАРГИ РӮҲПАРВАР - киноя аз дандони маҳбуб.

Жола аз наргис фурӯ бориду гулро об дод,
Аз тагарги рӯҳпарвар тобиши уннoб дод.

**Бадри Чочӣ.**

ТАРБЕЪ - ҳолате аз моҳ, ки аз ҷониби рӯ ба замини он як рубъаш равшан менамояд. Ин ҳолат як бор дар шаби ҳафтуми моҳ зоҳир

мешавад, ки онро тарбеи аввал меноманд ва бори дуюм дар шаби бисту дуюми ҳар моҳ, ки онро тарбеи сонӣ номидаанд. Дар истилоҳи мунаҷҷимон тарбеъ он аст, ки миёни ду бурҷ як чаҳорум давраи фалак, яъне се бурҷ фосила бошад, ба истилоҳи дигар ҳар бурҷе ба бурҷи чаҳорумаш назар кунад:

Ба таслиси бурҷу моҳу анҷум,
Ба тарбеъву ба тасдиси салосо
Ба таслисе куҷо саъди фалакрост,
Ба тарбеъи салиби бод парво.
Ки баҳри дидани Байтулмуқаддас
Маро фармон бихоҳ аз шоҳи дунё.

**Хоқонӣ.**

ТАРОЗУИ АНЧУМ - он аст, ки миёни ду ситора як шашум давраи фалак, яъне ду бурҷ фосила бошад ва ба истилоҳи нуҷум бурҷе ба сӯи бурҷи саввумаш назар кунад:

Маҳ ба тасдиси Зуҳал карда назар бо офтоб
Васлате кардӣ ба расмӣ бихрадони бостон.

**Анварӣ.**

ТАСЛИС - он аст, ки миёни ду бурҷи як саввум давраи фалак, яъне чаҳорум бурҷ фосила бошад ва ба истилоҳи дигар он, ки ҳар бурҷе ба бурҷи панҷумаш назар кунад, таслиси баъзе аз сайёраҳо саъд аст, монанди таслиси Моҳу Муштарӣ:

Ба таслиси буруҷу моҳу анҷум
Ба тарбеъву ба тасдиси салосо
Ба таслисе куҷо саъди фалакрост
Ба тарбеъи салиби бод парво.
Ки баҳри дидани Байтулмуқаддас
Маро фармон бихоҳ аз шоҳи дунё.

**Хоқонӣ.**

ТАХТИ БИЛҚИС - тахти маликаи Сабо - Билқис, ки девон онро бардошта назди Сулаймон бурданд:

Нишастам аз бараш чун тахти Билқис,

Биҷаст ӯ чун яке ифрити ҳоил.

**Манучеҳрӣ.**

ТАХТИ ТОҚДИС - тахти шоҳи сосонӣ Хусрави Парвезро гӯянд, ҳамчунон номи навоест аз навоҳои Борбад:

Ба гирдогирди тахти тоқ дисаш

Даҳони тоҷдорон хоклеваш.

**Низомӣ.**

Чу тахти тоқдисӣ соз кардӣ,

Биҳишт аз тоқҳо овоз кардӣ.

**Низомӣ.**

ТАШТИ ЗАР - киноя аз осмон.

Пеш аз он, к-ин байзаи заррин ба ташти зар шавад,

Дар хурӯш ояд хурӯс аз нолаҳои зори ман.

**Бадри Чочӣ.**

ТАШТИ КАБУД - киноя аз осмон.

Нози хурӯши хурӯс бар сари ташти кабуд,

Байзаи зар афканад зоғи сияҳ аз даҳон.

**Лоардӣ.**

ТАЯММУМГОҲИ ИСО - киноя аз фалаки чаҳорум, ки он ҷо об нест.

Шуда аз оҳи дарёҷӯшиши ман,

Таяммумгоҳи Исо қаъри дарё.

**Хоқонӣ.**

ТАҲАМТАН - лақаби паҳлавони номдори «Шоҳнома» - Рустам:

Таҳамтан газ андар камон ронд зуд

Бад-он сон ки симурғ фармуда буд.

**Фирдавсӣ.**

ТАҲМИНА - духтари шоҳи Самангон, ки ошиқи Рустам шуд ва ба ҳамсарии ӯ даромад. Аз Рустам писаре ёфт бо номи Сӯҳроб. Сӯҳроб

барои ёфтани падар ба Эрон омад. Модар бозубандеро, ки Рустам ба ӯ дода буд, бар бозуи писар баст, то битавонад худро ба падар бишиносонад. Аммо Сӯҳроб ношинохта ба дасти Рустам кушта шуд.

ТАҲМУРАС - писари Ҳушанг, мулаққаб ба Девбанд, ки бо девон ҷангҳо кард ва бар эшон ғолиб шуд. Бино ба ривояти «Шоҳнома» пашм риштан ва қолин бофтанро ӯ омӯхт ва мурғону ҷонваронро ром кард.

ТАҶАЛЛӢ - дар луғат ба маънои ошкору равшан шудан ва ҷилва кардан аст. Дар адабиёти форсу тоҷик киноя аз таҷаллии Худост дар дили соликони тариқат пас аз тайи манозили сулук ва расидан ба мақоми фано филлоҳ. Баъзан киноя аз зуҳури нури илоҳӣ бар кӯҳи Тур аст, ки Мӯсо аз он беҳуш гашт.

Он Суҳайл аст барқи ҳайбати ӯ,
Ки таҷаллӣ-ш сакинаи Тур аст.

**Абулфарҷи Рунӣ.**

ТИБИТ - номи шаҳрест дар ҳудуди Чин, ки дар адабиёти форсу тоҷик бо мушки худ маъруф аст:

Навбаҳор омаду овард гулу ёсумано,
Боғ ҳамчун Тибиту роғ ба сони Адано.

**Манучеҳрӣ.**

ТИР - сайёраи Уторид, ки дабири фалак низ гӯянд:

Тир зи шасти сипеҳри пири муқаввас
Ҳам бишуд зуду дар камон бинмонд.

ТИҲ - номи биёбоне, ки Мӯсо ва банӣ Исроил дар он роҳ гум карданд ва саргардон шуданд ва чиҳил сол дар он монданд. Ниҳояти кор аз санге, ки Мӯсо асои худро бар он зад, об равон гардид ва эшон халосӣ ёфтанд:

Бубин, ки кавкабаи умр Хизрвор гузашт,
Ту бозмонда чу Мӯсо ба Тиҳи хавфу риҷо.

**Хоқонӣ.**

ТУБО - номи дарахтест дар боғи биҳишт:

Боғи биҳишту сояи тубою қасри ҳур,

Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам.

**Ҳофиз.**

ТОВУС - ишора ба товуси биҳиштӣ, ки буттаи гандумро ба иблис нишон дод, то Одаму Ҳавво ба иғвои ӯ гандумро хӯрданду аз биҳишт ронда шуданд. Барои ин ҷурмаш товус низ аз биҳишт ронда шуд.

Бодия боғи биҳишту бар сари хонҳои ҳоҷ,
Парри товуси биҳиштиро магасрон дидаанд.

**Хоқонӣ.**

ТОВУСИ МАШРИҚХИРОМ - киноя аз офтоб

Саҳаргаҳ чу товуси машриқхиром
Бурун зад сар аз тоқи фирӯзафом.

**Низомӣ.**

ТОЛЕЪ - дар истилоҳи аҳли нуҷум бурҷу дараҷаест, ки ҳангоми таваллуди шахсе, ё ҳангоми вуқӯи амре аз уфқ намудор бошад ва аз рӯи он мунаҷҷимон сарнавишти навзодро таъйин мекунанд, ё дар бораи натиҷаи коре ё вуқӯи ҳодисае хабар медиҳанд.

Кавкаби бахти маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт,
Ё раб, аз модари гетӣ ба чӣ толеъ зодам?!

**Ҳофиз.**

ТОТОР - номи вилояте, ки дар шеъри форсу тоҷик ба мушки ноби хеш маъруф аст:

Дар он чаман, ки насиме вазад зи турраи дӯст,
Чӣ ҷои дам задании нофаҳои тоторист.

**Ҳофиз.**

ТОҚИ НИЛУФАРӢ - киноя аз осмон.

Саҳаргаҳ, ки омад ба некахтарӣ
Гули сурх бар тоқи нилуфарӣ.

**Низомӣ.**

ТОҚИ ФИРӮЗАФОМ - киноя аз осмон.

Саҳаргаҳ чу товуси машриқхиром

Бурун зад сар аз тоқи фирӯзафом.

**Низомӣ.**

ТУР - кӯҳест, ки Мӯсо пайғамбар бар он ба муноҷот мерафт. Гӯянд, Мӯсо алайҳиссалом вақте аз Худо хост, ки ӯро бубинад хитоб омад! «Лантаронӣ» (яъне «маро намебинӣ»). Пас Худо ба сатҳи кӯҳ таҷаллӣ кард ва аз нури ҷамоли ӯ кӯҳ пора-пора шуду Мӯсо мадҳуш афтод. Гӯянд, ки кӯҳи Аҳад аз пораҳои он аст:

Шаби тор аст раҳи води Айман дар пеш

Оташи Тур куҷо, мавъиди дидор куҷост?

**Ҳофиз.**

ТУР - тибқи ривоёти бостонӣ писари миёнаи Фаридун, ки ҳангоми тақсими кишвари Фаридун сарзамини Турку Чин насиби ӯ шуд, вале аз саҳми худ норозӣ буд ва ба ҳамин ҷиҳат ба ҳамдастии бародари бузургаш Салм ба Эрон лашкар кашид ва бародари хурдиаш Эраҷро бикушт:

Дигар Турро дод Тӯронзамин

Варо кард солори туркони Чин.

**Фирдавсӣ.**

ТУРАНҶ - ишора ба туранҷе, ки занони Миср ҳангоми дидани Юсуф дар хонаи Зулайхо дар даст доштанд. Занон чунон мафтуни зебоии Юсуф шуданд, ки дастҳои худро ба ҷои туранҷ бо корд буриданд ва аз он пас дигар Зулайхоро таънаву сарзаниш накарданд:

Гараш бубиниву даст аз туранҷ бишносӣ,

Раво бувад, ки маломат кунӣ Зулайхоро.

**Саъдӣ.**

ТУРИ СИНО - ниг. ба ТУР.

Ошнои Тури Сино Мӯсии Имрон буд,

То ки аз мӯъҷиз асо дар дасти ӯ гардад чу мор.

**Ҳофиз.**

ТУРК - дар адабиёти форсу тоҷик тимсоли хубрӯӣ ва зебоист:

Он турки паричеҳра, ки дӯш аз бари мо рафт

Оё чӣ хато дид, ки аз роҳи хато рафт.

**Ҳофиз.**

ТУРКИ ЗАРДКУЛОҲ - киноя аз офтоб.

Бидод чарх ба ҳинду қабои марворид,
Ки то ҷамол бипӯшад турки зардкулоҳ.

**Бадри Чочӣ.**

ТӮС - аз шоҳзодагони маъруфи Эрони бостон, писари Нӯзар, ки дар ҷангҳои Эрону Тӯрон сипаҳдори лашкари Эрон будааст.

ТӮФОН - ишора ба тӯфоне, ки дар замони Нӯҳи пайғамбар воқеъ шуд ва Нӯҳ бо фармони Худо бо наздиконаш дар киштӣ нишасту наҷот ёфт:

Ҳофиз, аз даст мадеҳ давлати ин киштии Нӯҳ,
Варна тӯфони ҳаводис бибарад бунёдат.

# У

УВО - манзиле аз манзилҳои фалак, ки шомили чаҳор ситора аст, ба сурати саги фарёдкунанда.

Хасми сагдил зи ҳасад нолад чун ҷабҳати моҳ,
Нур бе сарфа диҳад ваъдаи уво шунаванд.

**Хоқонӣ.**

УММАҲОТИ СУФЛӢ Ё УММАҲОТИ АРБАА - киноя аз чаҳор унсур: обу боду хоку оташ.

УММУЛХАБОИС - киноя аз май:

Он талхваш, ки суфӣ уммулхабоисаш хонд,
Ашҳолано ва аҳло мин қиблатулузоро.

**Ҳофиз.**

Тавсифу киноятии май дар адабиёти классик боз инҳоанд: бинтулкарам, бинтулинаб, духти раз, шоҳиди зардрух, арзани заррин,

оташшаҷар, оташи тавбасӯз, шамъи яҳудиваш, оби шақоиқ, офтоб, оби Зӯҳра, ашки талх, забонбанди хирад, оби ҳаром, гули нишот, оташи бедуд, оташи ҷом, оташи махлул, хуни ток, хуни раз, хуни хум, хуни шиша, хуни мино, хуни хурӯс, хуни хом, хуни бат, хуни сиёвуш, хуни кабӯтар, хуни дили Марям, оби сурх, оби ангур, оби ток, оби арғувон, оби гулранг, оби оташлибос, оби оташранг, оби Шероз, оби харобот, оби тараб, оби шангарфӣ, оби талх, оби сияҳоташ, оташи тар, оташиндурроҷ, оташи бебод, офтоби зард, ашки ток, ашки духтари ток, ашки суроҳи, иксирранг, иксири мардумӣ, баччаи ангур, пири деҳқон, ҷони парвин, ҷони париён, чароғи муғон, чашми хурӯс, чакидаи хун, хотуни инаб, хуршеди суроҳӣ, духтари хум, духтари офтоб, равғани каду, риши қозӣ, зодаи ток, заҳри мино, сими музоб, шӯъбаи ток, шамъи ангурӣ, шираи ангур, шири шангарфӣ, тифли шашмоҳаи раз, арӯси хок, ақиқи ноб, ҳинои қудс, шӯълаи ҷом, Исои ҳар дард, Исои ҳар дармон, Исои деҳқон, кимиёи ҷони обгина, кашнизи хазрам, луоби лаъл, луоби равон, лаъли суфта, лаъли музоб, майи динорӣ, насли Адҳам, ёқути музоб, офтоби соғар, буссади ҳалшуда, луоби муррадниқоб, оли Шероз, духтари Шероз…

УСТУРЛОБ - аз калимаи юнонии астролабион (астрон - ситора, лабе - доштан). Тибқи фарҳангномаҳо устур - тарозу, лоб - офтоб. Олатест барои андоза кардани кунҷҳо ва муайян намудани мавқеи ситораҳо ва иртифои онҳо, ки дар асоси хутути бисёри бар он мунаққаш сурат мегирад:

Нигоҳ кардам аз дур ман тале дидам,
Ки чоҳи жарф намояд аз он баланд уқоб.

Ки гар мунаҷҷим бар вай шавад, чунон бинад,
Буруҷи чарх, ки беғам шавад зи устурлоб.

**Масъуди Саъди Салмон.**

УСТУХОНСАНГИН - ба маънои шариф, боҳаё, ботамкин:

Хоҳам аз барои дил дилбаре батамкине,

Баҳри ин ҳумо бояд устухонсангине.

**Камоли исмоил.**

УТОРИД - номи сайёрае, ки аз ҳамаи сайёраҳо ба офтоб наздиктар аст ва баъди Моҳ наздиктарин сайёра ба замин. Онро Тир ҳам гӯянд. Мувофиқи ривоятҳои юнонӣ Уторид қосиди худоён будааст. Сайёраи дабирон ва аҳли қалам аст, бинобар он дабири фалак низ гуфтаанд.

Дар донише, ки он хирадамро зиён шудаст,
Бар осмони ҷон чу Уторид суханварам.

**Анварӣ.**

УҚОБИ ОТАШИНШАҲПАР - киноя аз офтоб.

Ғизоле, к-аз даҳан андохт дӯш он байзаҳои зар
Рабудаш аз қазо ногаҳ уқоби оташиншаҳпар.

**Бадри Чочӣ.**

# Ф

ФАЛАК - мувофиқи эътиқоди мунаҷҷимони қадим ҷисмест чун гӯй гирда, ки пайваста дар гардиш аст ва ғайринуронист. Замин гӯё дар маркази он қарор гирифтаву афлоки дигар ба давраи он мепечидаанд. Фалакро дорои ҳашт табақ медонистанд, ки инҳоанд: Моҳ, Уторид, Зӯҳра, Офтоб, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал ва ситорагони беҳаракат, ки онҳоро анҷуми собит ё ситорагони биёбонӣ низ гуфтаанд.

ФАРАНГИС - аз занони «Шоҳнома», духтари Афросиёб, ки Сиёвуш ӯро ба занӣ гирифт ва ҳангоме, ки Афросиёб ба куштани Сиёвуш иқдом кард, Фарангис ба лобаву зорӣ назди падар рафт, аммо Афросиёб аз куштани Сиёвуш бознагашт ва фармон дод Фарангисро он қадар бизананд, ки тифли аз Сиёвуш дар батнаш буда, бияфтад. Пирони вазир Фарангисро аз назди падар бибурд ва ҷонашро наҷот дод. Аз Фарангис Кайхисрав ба дунё омад. Фарангис бо кӯмаки Гев писарашро ҳамроҳ гирифта ба Эрон фирор кард.

ФАРИДУН - аз нажоди Таҳмураси девбанд, писари Отибин, ки дар хурдсолӣ Заҳҳок падарашро кушта буд ва модараш Фаронак ӯро ба воя расонида буд. Чун Коваи оҳангар бар Заҳҳок шӯрид, Фаридунро ба шоҳӣ хонд. Фаридун бар Заҳҳок ғалаба кард ва ӯро дар кӯҳи Дамованд зиндон карду худ бар тахти шоҳӣ нишаст.

ФАРҚАДАЙН - ду ситора, аз ситораҳои собит, ки дар синаи Дубби Асғар ҷойгир аст:

Эй расонида ба давлат фарқи худ бар Фарқадайн,
Густоронида ба ҷуду фазл дар олам ядайн.

**Абулаббоси Марвазӣ.**

ФАРҲОД - қаҳрамони қиссаҳои маъруфи «Хусраву Ширин» ва «Фарҳоду Ширин». Фарҳод дар ишқ рақиби Хусрав аст ва ба хотири маҳбуби хеш ба корҳои душвор тан дармедиҳад. Фидокорию пойдории ӯ дар ишқ Хусравро бармеангезад, ки ӯро ба кандани кӯҳи Бесутун фармояд. Фарҳод аз дилу ҷон ин амрро мепазирад ва муддатҳо дар орзуи васли Ширин ба кӯҳ кандан мепардозад. Ниҳоят бо супориши Хусрав бардурӯғ хабари марги Ширинро мерасонанд. Фарҳод бе Ширин зиндагиро бар худ беҳосил дониста, бо тешааш фарқи худро мешикофад ва дармегузарад.

Дил ба уммеди садое, ки магар бар ту расад,
Нолаҳо кард дар ин кӯҳ, ки Фарҳод накард.

**Ҳофиз.**

ФИРӮЗАХУМ - киноя аз осмон.

Хишти заррин гар барафтад аз сари фирӯзахум,
Ҷоми моломоли меҳр аз соқии ваҳдат ситон.

**Бадри Чочӣ.**

ФУМ-УЛ-ҲУТ - аз ситорагони қадри аввал, ки дар охири бурҷи Далв ва бар даҳони бурҷи Ҳут қарор гирифтааст:

В-аз фум-ул-ҳут ниҳодӣ дандон
Бар сари тиркаши туркони Асад.

**Хоқонӣ.**

ФЎТАРАБОЁН - киноя аз duздон.

Нест аз фўтарабоён ҷаҳон парвояш,
Мўйи жулидаи худ ҳар кӣ ба сар мебандад.

**Соиб.**

## Х

ХАЙМАИ РЎҲОНИЁН - киноя аз осмон.

Зад нафси сар ба мўҳр субҳи муламмаъниқоб,
Хаймаи рўҳониён гашт муанбартаноб.

**Хоқонӣ.**

ХАЙМАИ САБЗ - киноя аз осмон, ҳамчунин аз таъбирҳои зерин низ мурод осмон аст: обгун қафас, бодбони ахзар, боми кушодаравоқ, баҳри ахзар, баҳри ҳазро, бунафшагун торам, пардаи нилгун, пардаи шабранг, тоҷи фирўза, ҷуббаи ҳазормех, тахти фирўза, чодари кабуд, чодари нилгун, чодари кўҳлӣ, чатри обгун, чашмаи зангорӣ, чашмаи кабуд, чатри мино, чархи ахзар, ҳалқаи обгун, хиргоҳи говпушт, хуми оҳангун, хуми лоҷуворд, хаймаи азрақ, хаймаи зангорӣ, хаймаи рўҳониён, садафи мушкинранг, торами ахзар, тоқи хазро, тўтии товуспар, тоқи фирўзаранг, тоқи муқарнас, тошти нагун, фирўзадарё, фирўзасақф, қабои зарбафт, қуббаи забарҷадӣ, қуббаи улё, қуббаи гарданда, қадаҳи лоҷувардӣ, қафаси самобӣ, қулмузи нагун, қандили дусар, косаи сарнагун, гунбади сўфилибос, мўҳраи лоҷуворд, дарёи қор, зангорӣ сипар, ҳисни ҳазормех, лагани зумуррадӣ, ҳавдаҷи гулрез, ҳисори муаллақ ва ғ.

Ба вақти субҳ, ки дар пешгоҳи хаймаи сабз,
Шаби сиёҳқабо зад зи зари сурх сарир.

**Бадри Чочӣ.**

ХАЛИЛ/ХАЛИЛУЛЛОҲ - ниг. ба ИБРОҲИМ.

Ё раб, ин оташ, бар ҷони ман аст,

Сард кун з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

ХИЗР - номи пайғамбар, ки гӯё муосири Искандари Зулқарнайн будааст, ки бо ӯ ба талаби оби ҳаёт рафт. Искандар аз зулумоти пешомада ҳаросид. Хизр дар он торикистон чашмаи оби ҳаётро ёфт, нӯшид ва умри ҷовидонӣ ёфт:

Шоҳ дар як ҳол ҳам Хизр асту ҳам Искандар аст,
К-оина дин карду шуд бо оби ҳайвон ошно.

**Хоқонӣ.**

ХИРҚА - либосе, ки пирону муршидони хонақоҳ бар тани соликони тариқат мепӯшониданд ва ин кор ҳангоме сурат мегирифт, ки солик пас аз раёзати бисёр барои дохил шудан ва сафи сӯфиён шоиста дониста мешуд. Хирқа пӯшонидан бо одоби хосе анҷом мегирифт ва ба соҳиби он мақоми волое мебахшид:

Дар хирқа зан оташ, ки хами абрӯи соқӣ
Бармешиканад гӯшаи меҳроби имомат.

**Ҳофиз.**

ХИТО - номи вилояте дар Туркистони Чин, ки мушки он маъруф будааст:

Эй гумшуда оҳуи хитой,
Ҳам з-обхури Хито-т ҷӯям.

**Хоқонӣ.**

ХИШТИ ЗАРРИН - киноя аз офтоб.

Хишти заррин гар барафтад аз сари фирӯзахум,
Ҷоми моломоли меҳр аз соқии ваҳдат ситон.

**Бадри Чочӣ.**

ХОНАҚОҲ - ҷойгоҳе, ки соликонро барои расидан ба мақоми воқеии ирфон иршод мекунанд. Аҳли тасаввуф дар он ҷо ба риёзату ибодат ва тафаккур мепардозанд:

Манам, ки гўшаи майхона хонаҳи ман аст,
Дуои пири муғон вирди субҳгоҳи ман аст.

**Ҳофиз**.

ХОТАМИ СУЛАЙМОН - ниг. ба АНГУШТАРИ СУЛАЙМОН:

Гарчи шириндаҳонон подшоҳанд, вале
Ў Сулаймони замон аст, ки хотам бо ўст.

**Ҳофиз.**

ХУНИ СИЁВУШ/ХУНИ СИЁВУШОН - номи гиёҳест, ки чун ба фармони Афросиёб Сиёвуш кушта шуд, аз замине, ки хуни ўро рехтанд, бардамид. Ин гиёҳро чун дору низ ба кор баранд:

Шаб чоҳи Бежан баста сар, машриқ кушода Золи зар,
Хуни Сиёвушон нигар бар хоку хоро рехта.

**Хоқонӣ.**

ХУСРАВИ ПАРВЕЗ - писари Ҳурмуз, набераи Нўшервони одил. Шўришгарон падари Хусрав Ҳурмузро куштанд ва ўро бар тахт нишонданд. Хусрав ибтидо ба дафъи Баҳроми Чўбина пардохт ва барои ин кор аз қайсари Рум кўмак хост. Қайсар духтари худ Марямро ба ў дод ва ба ў кўмак кард, то Баҳроми Чўбинаро дафъ кард ва пас аз он ба кишвардорӣ пардохт. Ў тахти тоқдисро сохт ва айвони Мадоинро бино кард. Дар адабиёти форсу тоҷик Хусрави Парвез тимсоли шавкату ҷалол аст:

Хусрав он аст, ки дар сўҳбати ў Ширин аст,
Дар биҳишт аст, ки ҳамхобаи ҳурулъин аст.

**Саъдӣ.**

Сипеҳри баршуда парвезанест хунафшон,
Ки резааш сари Кисрову тоҷи Парвез аст.

**Ҳофиз.**

ХУСУФ - ҳар гоҳ моҳ ба хуршед муқобала кунад, хусуф воқеъ мешавад. Муқобала он аст, ки хуршед бар як тарафи қутр, яъне бар хате бошад, ки аз маркази кура мегузарад ва моҳ бар тарафи дигари он қутр

ва замин ҳоил миёни моҳу хуршед гардад, дар ин сурат хусуф эҷод мешавад:

Маҳи навӣ ту ба мулк андар хусуф матарс,
Аз он ки роҳ набошад хусуфро ба ҳилол.

**Анварӣ.**

ХУТАН - номи вилоятест дар Туркистон, ки мушки он маъруф аст:

Муждагонӣ бидеҳ, эй хилватии нофакушой,
Ки зи саҳрои Хутан оҳуи мушкин омад.

**Ҳофиз.**

ХУШХАЁЛ - киноя аз шоир:

Ҳар куҷо бошанд рангинфитратон дар гулшананд,
Хушхаёлон бо парӣ дар зери як пироҳананд.

**Соиб**.

Дар шеъри классик суханваронро ҳамчунин бо тавсифоти зайл ёд кардаанд: ҷодузабон, ҷодухаёл, ҷодусухан, хушнигар, забонвар, забондон, суханзан, сухандон, суханбоф, сухантироз, суханпардоз, сухансанҷ, савсаззабон, тӯтимақол, ғазалтироз, ғазалпардоз, ғазалбоф, қофиясанҷ, тӯтии шакарҳо, маънигустар, парастори хаёл, сухангӯ…

## Ч

ЧАРОҒИ ОСМОНӢ - киноя аз офтоб.

Ту шабҳои сияҳ дидӣ чӣ донӣ,
Фурӯғи ин чароғи осмонӣ!

**Ваҳшии Бофқӣ.**

Зи май шуд чеҳраи он моҳи оламтоб рӯшантар,
Чароғи осмонӣ мешавад аз об рӯшантар.

**Соиб.**

ЧАРОҒИ СИПЕҲР - киноя аз офтоб.

Ки чун бомдодон чароғи сипеҳр
Ҷамоли ҷаҳонро барафрӯхт чеҳр.

**Низомӣ.**

ЧАРХИ АСИР - ниг. ба асир.

Шиҳоби килки ту бо деви давлати ту ба сайр
Ҳамон кунад, ки бо девони шиҳоб чархи асир.

**Анварӣ.**

ЧАШМАИ НӮШ - киноя аз даҳони маъшуқ.

Чун барги гул аст он бунодӯш,
Ё сабза ба гирди чашмаи нӯш.

**Саъдӣ.**

ЧАШМАИ ОТАШФИШОН - киноя аз офтоб.

Вақт сард аст, оташ афзун кун, к-аз абр,
Чашмаи оташфишон пӯшидаанд.

**Хоқонӣ.**

ЧАШМАИ СИМОБ - киноя аз ситорагон.

Зи меҳри завраќи симини моҳ бар хуршед,
Ҳазор чашмаи симоб аз ин кабудғадир.

**Бадри Чочӣ.**

ЧАШМАИ ХИЗР - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Забон дар даҳон пок гӯиё, ки магар
Миёни чашмаи Хизр аст моҳии гӯё.

**Хоқонӣ.**

ЧАШМАИ ХОВАРӢ - киноя аз офтоб.

Синони Сикандар дар он доварӣ
Сабақ бурд аз чашмаи ховарӣ.

**Низомӣ.**

ЧАШМАИ ҲАЙВОН - ниг. ба ОБИ ХИЗР.

Заҳри сафар нӯш кун аввал чу Хизр,
Пас бираву чашмаи ҳайвон талаб.

**Хоқонӣ.**

ЧАШМИ РӮЗ - киноя аз офтоб

Новаки исмат бидӯзад чашми рӯз,

Гар кунад дар сояи чатрат нигоҳ.

**Анварӣ.**

ЧАҲОР УММАҲОТ - киноя аз чор унсур (обу хоку боду оташ):

Ба сад қирон биназояд яке натиҷа чу ту
Зи имтизоҷи чаҳор уммаҳоту ҳафт обо.

**Хоқонӣ.**

ЧИГИЛ - номи шаҳрест дар Туркистон. Дар шеъри форсу тоҷик аҳли он тимсоли зебоиянд:

Сафои хилвати хотир аз он шамъи Чигил ҷӯям,
Фурӯғи чашму нури дил аз он моҳи хутан дорам.

**Ҳофиз.**

ЧОДАРИ ТАРСО - киноя аз равшании офтоб.

Аз пушти кӯҳ чодари эҳром баркашад
Бар китфи абр чодари тарсо барафганад.

**Хоқонӣ.**

ЧОДАРИ ЭҲРОМ - киноя аз офтоб.

Аз пушти кӯҳ чодари эҳром баркашад
Бар китфи абр чодари тарсо барафганад.

**Хоқонӣ.**

ЧОР АРКОН - иборат аз обу хоку боду оташ:

Сипеҳр мисли ту аз иттисоли ҳафт ахтар,
Замона мисли ту аз имтизоҷи чор аркон.

**Анварӣ.**

ЧОР МУРҒИ ХАЛИЛ - товус, хурӯс, тӯтӣ ва зоғро чаҳор мурғи Халилуллоҳ гӯянд. Ривоят аст, ки Иброҳими халилуллоҳ ин чаҳор мурғро кушта гӯшти онҳоро ба ҳам даромехтааст ва ба чор кӯҳи гирдогирди хеш андохтааст, чун даъват кардааст, аз як сӯй товус, сӯи дигар тӯтӣ, ҷониби сеюм хурӯс ва тарафи чаҳорум зоғ ҳозир шудаанд. Габрон хостанд, он мурғонро бо камонгурӯҳа бизананд, вале муваффақ нашуданд.

Камонгурӯҳаи габрон надорад он мӯҳра,

Ки чор мурғи Халил андар оварад зи ҳаво.

**Хоқонӣ.**

ЧОР ТАКБИР - киноя аз тарки чизҳост. Дар асл чаҳор такбирест, ки дар намози майит мехонанд:

Ман ҳамон дам, ки вузӯъ сохтам аз чашмаи ишқ,
Чор такбир задам яксара бар ҳар чӣ ки ҳаст.

**Ҳофиз.**

ЧОР ТОҚИ АРКОНӢ - киноя аз дунё.

Ба шамъи рӯшани хуршед мезанад панҷа,
Чароғи бахти ту дар чор тоқи арконӣ.

**Мулло Мунир.**

ЧОҲИ БЕЖАН - чоҳе, ки Бежан бо фармони Афросиёб дар он афганда шуда буд:

Шабе чун чоҳи Бежан тангу торик,
Чу Бежан дар миёни чоҳи ӯ ман.
Сурайё чун Манижа бар сари чоҳ,
Ду чашми ман бад-ӯ чун чашми Бежан.

**Манучеҳрӣ.**

ЧОҲИ ЮСУФ - руҷӯъ шавад ба Юсуф.

Бубин, ки себи занахдони ту чӣ мегӯяд:
Ҳазор Юсуфи Мисрӣ фитода дар чаҳи мост.

**Ҳофиз.**

# Ш

ШАБ ШИКАСТАН - ба маънои шаб ба сар бурдан:

Шаб нишастан баҳри шабгир асту баҳри зулфи ту,
Шаб шикасту ҳеҷ дилро заҳраи шабгир нест.

**Рукнои Масеҳ.**

ШАБДЕЗ - номи аспе, ки Ширин ба Хусрав бахшида буд:

Агар Шабдези Хусравро таке ҳаст
Зи тезӣ низ гулгунро раге ҳаст.

**Низомӣ.**

ШАБИ ЯЛДО - шаби аввали моҳи май, ки дарозтарин шаби сол аст:

Ҳама шабҳои ғам обистани рӯзи тараб аст,
Юсуфи рӯз ба чоҳи шаби ялдо бинанд.

**Хоқонӣ.**

ШАБИ ҚАДР - яке аз шабҳои моҳи рамазон, ки дар «Қуръон» ба он ишора шудааст ва гӯё шаби бисту ҳафтум аст:

Он шаби қадре, ки гӯянд аҳли хилват имшаб аст,
Ё раб, ки таъсири давлат аз кадомин кавкаб аст.

**Ҳофиз.**

ШАЙХ САНЪОН - аз ашхоси китоби «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор, ки бо ҳама зӯҳду тақводорӣ дил ба тарсодухтаре баст ва дилу имони худро дар роҳи ӯ ба бод дод ва хамр хӯрд, «Қуръон» сӯзонд, зуннор баст ва хукбонӣ кард. Саранҷом пас аз дуои дӯстон ҳушёр шуд ва ба роҳи пеш даромаду аз маъшуқ баргашт. Духтар аз дунболи ӯ ба роҳ афтод ва дини ӯро пазируфт:

Гар муриди роҳи ишқӣ, фикри бадномӣ макун,
Шайх Санъон ҳирқа раҳни хонаи ҳаммор дошт.

**Ҳофиз.**

Шайх Санъонро шунидӣ, баҳри он тарсонасаб
Кард бар гардан ҳамоил оқибат зуннори ишқ.

**Муҳйӣ.**

ШАМЪИ ЛАГАНИ ЧОРУМ - киноя аз офтоб.

Мавҷи дили сад қулзум як қатра зи таъсираш,
Шамъи лагани чорум як зарра зи анвораш.

**Бадри Чочӣ.**

ШАРАФ - ниг. ба қадр.

ШАШДАРАИ СИТАМГАРОН - киноя аз дунё ва гоҳе ду чашм, ду гӯш ва даҳону биниро низ ирода кардаанд:

Май дардеҳу мӯҳр неҳ ба таъҷил
Ин шашдараи ситамгаронро.

**Хоқонӣ.**

ШАШ ҶИҲАТ - мақсуд шимолу ҷанубу шарқу ғарб ва зеру болост:

Шаҳрест пуркарашмаву хубон зи шаш ҷиҳат,
Чизем нест, варна харидори ҳар шашам.

**Ҳофиз.**

ШАҒОД - писари Зол, ки аз канизаки хушовозе ба вуҷуд омад ва ба бадхӯиву ситезаҷӯӣ маъруф будааст. Зол ӯро ба даргоҳи шоҳи Кобул фиристод, то ҳамон ҷо парвариш ёбад. Чун шоҳи Кобул рашодати ӯро дид, духтари худро ба ӯ дод ва хост, то аз боҷ додан ба Рустам саркашӣ кунад. Шағод чоҳе дар шикоргоҳи Рустам канд ва бо найранг Рустаму Рахшу ҳамроҳони ӯро дар чоҳ афканд ва ба ин тариқ Рустам кушта шуд.

ШАҲРАВО - дирамеро гӯянд, ки дар замони қадим подшоҳе аз пӯст сохта сикка бар он зада буд ва дар мамлакати ӯ истифода мешуд, вале дар кишварҳои дигар қабул намекарданд. Зеро дар муомила одатан тангаҳои тиллову нуқра истифода мешуд. Бинобар ҳамин агар аз зулми касе таъбир кунанд, одатан мегуфтанд: «дар мамлакат пӯст роиҷ кардааст».

Бузургзодаи нодон ба шаҳраво монад,
Ки дар диёри ғарибаш ба ҳеҷ настонанд.

**Саъдӣ.**

ШЕРИ АҶАМ - киноя аз офтоб.

Эй, ки аз адли ту шери аҷам оҳубарaро
Бе забон парварадаш дар даҳани худ чу забон.

**Низомӣ.**

ШЕЪРОИ ШОМӢ - аз ситораҳои собит, ки бар даҳони Қалби асғар ё Қалби муқдим аст. Шеърои шомӣ ва Шеърои яманиро Шаърайон гӯянд:

Чу посе аз шаби деранда бигзашт
Баромад шаърайон аз кӯҳи Мавсул.

**Манучеҳрӣ.**

ШЕЪРОИ ЯМАНӢ - аз кавокиби собит, ки бар даҳони Қалби акбар ё Қалб-ул-ҷаббор аст:

Шеъри шоир дар баландӣ бартар аз Шеъро шудаст,
То санои ту ба шеър андар шиори шоир аст.

**Муиззӣ.**

ШИРИН - аз ашхоси маъруфи достони ишқии аҳди бостон. Ширин духтари арманӣ, бародарзодаи маликаи Арманистон - Меҳинбонуст, ки шоҳи сосонӣ Хусрави Парвез бар ӯ ошиқ гашт. Ширин бо вуҷуди шефтагии бисёр ба Хусрав ҳаргиз қадам аз роҳи иффат берун нагузошт. Ширин пас аз он, ки Хусрав ба дасти писараш Шерӯя кушта шуд, худро биёрост ва дар канори тобути Хусрав бо ханҷар синаи худро бидарид.

ШИҲОБ - сангҳо ва ҷирмҳои фалакӣ, ки ба сатҳи замин меафтанд. Шиҳоб дар осмон монанди тири шӯълавар ба чашм меояд. Қадимиён мепиндоштанд, ки шиҳоб тозиёнаи оташинест, ки фариштагон бо он шайтону девҳоро аз осмон меронанд:

Дев аз шиҳоб гашта гурезон бар он мисол,
Чун хасми мунҳазим зи синони худойгон.

**Анварӣ.**

ШИҲОБИ СОҚИБ - ниг. ба шиҳоб.

Дасти ту сипеҳри нурбахш аст,
Килки ту дар ӯ шиҳоби соқиб.

**Ҷамолиддини Исфаҳонӣ.**

ШОПУР - ба ҷуз қаҳрамони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ Шопур, ки надими Хусрави Парвез буд, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик боз ду Шопури дигар маълуманд. Шопури аввал писари Ардашери Бобакон аз духтари Ардавон, ки то ҳафтсолагӣ падар аз вуҷудаш бехабар буд.

Вазире, ки модарашро пинҳон карда буд, ӯро назди падар овард. Шопур рӯзе ба шикор рафт ва дар боғ духтареро дид, ки дар сари роҳ далви вазнинеро, ки дигарон аз берун кашиданаш оҷиз буданд, ба осонӣ берун кашид. Чун нажодашро пурсид, духтари худро зодаи Меҳраки Нӯшзод - аз душманони Ардашер муаррифӣ кард, ки ҳамаи хонадонаш ба дасти Ардашер кушта шуда буданд. Шопур духтарро ба занӣ гирифт ва аз ӯ писаре бо номи Ҳурмуз ёфт. Шопур сӣ сол шоҳӣ кард ва дар замони ӯ миёни Эрону Рум ҷанге даргирифт, ки ба шикасти румиён анҷомид. Шопури дигар даҳумин подшоҳи сосонӣ, маъруф ба Шопури Зулактоф аст, ки вақти дар шиками модараш будан ба салтанат расидааст. Монии наққошро, ки даъвои пайғамбарӣ дошт, ба фармони Шопури Зулактоф куштаанд.

ШОХИ ҒИЗОЛ - киноя аз моҳ.

Дар ҳудуди бохтар оҳуи дашти ховарон
Чун фурӯ шуд дар ҳаво, шоҳи ғизол омад падид.

**Салмони Соваҷӣ.**

ШОҲАНШОҲИ ЗАНДУ УСТО - киноя аз офтоб.

Ваҷҳи тасмия он аст, ки ҳам дар «Авасто» ҳам дар тафсири он «Занд» аз кеши офтобпарастӣ зикр рафтааст:

Маро ҳиммат чу хуршед аст - шоҳаншоҳи Занд, Усто,
Ки чархаш зери рон асту сари Исо бари ронаш.

**Хоқонӣ.**

ШОҲИ ЗАНБӮРОН - ишора ба шоҳи занбӯри асал, ки Яъсуб ном дошта, назди амиралмӯъминин Алӣ ибни Абетолиб имон овардааст ва асл аз луоби занбӯрон ихтирокардаи ӯ будааст:

Ба аввал нафс чун занбӯри кофар доштам, лекин,
Ба охир ёфтам чун шоҳи занбӯрон мусулмонаш.

**Хоқонӣ.**

ШОҲИ ХОВАР - киноя аз офтоб.

То ки сипеҳри обгун лофи ғуломии ту зад,
Аз сари ҳасрат оташе бар сари шоҳи ховар аст.

**Низомӣ.**

ШОҲИ ШАРҚ - киноя аз офтоб.

Чу шоҳи шарқ пайдо шуд ба каф бар лаългун ҷомаш
Сипоҳи шом пинҳон шуд зи саҳми барқсамсонаш.

**Низомӣ.**

ШУАЙБ - аз пайғамбарон, ки чун рисолати худро ба мардум ошкор кард, иддаи бисёре бар ӯ имон наёварданд. Шак овардагон ба ҷазо гирифтор шуданд, ба онҳо аз ҷониби Худо гармои тоқатфарсое фиристода шуд, чун эшон ба зери сояи абре паноҳ бурданд, аз абр оташ борид ва ҷумлаи мушриконро бисӯхт. Шуайб Мӯсоро, ки аз Миср гурехта буд паноҳ дод ва ба хидмати дусолаи шубонии Мӯсо духтарашро ба ӯ дод.

Шубони водии Айман гаҳе расад ба мурод
Ки чанд сол ба ҷон хидмати Шуайб кунад.

**Ҳофиз.**

ШУБОНИ ВОДИИ АЙМАН - киноя аз Мӯсо пайғамбар, ки барои Шуайб шубонӣ кард ва духтари ӯро ба занӣ гирифт.

Шубони водии Айман гаҳе расад ба мурод
Ки чанд сол ба ҷон хидмати Шуайб кунад.

**Ҳофиз.**

ШУТУРМУРҒУ ОТАШ - ишора ба хислати оташхории шутурмурғ. Шутурмурғ оташу оҳанро хӯрда онро таҳлил (ҳал) мекардааст ва муаллифи «Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ» - Абулҳасани Фароҳонӣ навишта, ки ин ҳолро «худ ман мушоҳида кардаам»:

Ғам оташ аст, лек дили ман бад-он хуш аст,
Кори ғаму дилам чу шутурмурғу оташ аст.

**Ҷамолиддини Исфаҳонӣ.**

ШУТУРСАВОРӢ - ба маънои рӯза хӯрдан.

Хуш он, ки накарда дар ҳама умр,
Ҷуз дар рамазон шутурсаворӣ.

**Салим.**

ШЎРИДАМАҒЗ - киноя аз ҷунуну девонагӣ.

Ишқи ў кард инчунин шўридамағзам, варна буд,
Сарнавишти осмонҳо абҷади тифлонаам.

**Соиб.**

## Э

ЭРАҶ - аз шоҳони ислсилаи Пешдодӣ, писари Фаридун, чун Фаридун кишвари худро миёни писарон тақсим кард ва Эрону Арабистонро ба Эраҷ дод, бародаронаш Салму Тур, ки аз саҳми худ норозӣ буданд, бар вай ҳасад бурданд ва ўро куштанду назди падар фиристоданд.

## Ю

ЮНУС - аз пайғамбарон, ки чун мардум даъвати ўро напазируфтанд, онҳоро нафрин кард. Худои таоло бар сари онҳо абре пуроташ фиристод. Юнус аз миёни онҳо рафт, то ки ўро наёбанд. Мардум тавбаю тазарро карданд ва Худо тавбаи эшонро пазируфта бар Юнус итоб кард, ки чаро аз байни мардум ғоиб шудааст. Киштие, ки Юнус дар он нишаста буд, ба ғарқоб афтод. Қуръа заданд, то касеро бар об андозанд, се навбат қуръа ба номи Юнус афтод. Юнус худро ба об андохт, моҳие ўро фурў бурд. Юнус чиҳил рўз дар шиками моҳӣ монд. Ўро ба якбор се сиёҳӣ пеш омад: торикии шаб, торикии қаъри об ва торикии шиками моҳӣ. Юнус аз ин ҳол ба тавбаю узри гуноҳ машғул шуд. Худо тавбаи ўро пазируфт ва Юнусро аз шиками моҳӣ берун овард. Юнус аз сабаби сахт сусту заиф гаштан то чиҳил рўз дар соҳили дарё монд. Оҳуе бар ў шир доду дарахте бар сараш соя афканд, то қувват гирифту ба назди қавми худ баргашт.

Қурси хуршед дар сиёҳӣ шуд,
Юнус андар даҳони моҳӣ шуд.

**Саъдӣ.**

В-агар кард моҳӣ зи Юнус шикор,
Заминбўси ў кард моҳиву мор.

Низомӣ.

ЮНУСИ ҲУТӢ - ниг. ба ЮНУС.

Юсуфи далвӣ шуда чун офтоб,
Юнуси ҳутӣ шуда чун далви об.

ЮСУФ - писари Яъқуб пайғамбар, ки аз бародарони дигар назди падар азизтар буд. Шабе дар хоб дид, ки моҳу ситорагон дар рӯбарӯи ӯ ба саҷда афтодаанд. Онро ба падару бародаронаш нақл кард. Бародарон ба ӯ ҳасад бурданд ва ба баҳонаи гардишу тамошо ӯро ба саҳро бурданд. Юсуфро дар чоҳе андохта пироҳанашро ба хуни кабӯтаре олуданд ва ба падар гуфтанд, ки ӯро гург хӯрдааст. Корвоние далв (сатил) дар чоҳ андохт ва Юсуфро берун оварда ҳамроҳи хеш ба Миср бурд. Чун Юсуф дар ҳусну ҷамол беназир буд, дар Миср зуд шӯҳрат ёфт. Корвонсолор ӯро ба азизи Миср фурӯхт. Зани азизи Миср - Зулайхо ба Юсуф ошиқ шуда кӯшиш кард, ки дили ӯро ба даст биёварад ва ӯро аз покдоманӣ дур созад. Чун Юсуф муҳаббати ӯро напазируфт, Зулайхо ӯро муттаҳам кард ва ба зиндон андохт. Юсуф бар асари таъбири хоби малики Миср аз зиндон озод гашт ва худ азизи Миср шуд. Дар солҳои фаровонсоҳилӣ ғалла андӯхт ва дар солҳои қаҳтӣ мардуми Мисрро аз бими гуруснагӣ наҷот дод. Бародарони Юсуф, ки дар Канъон аз қаҳтӣ ба ҷон омада буданд, барои хариди ғалла озими Миср шуданд. Юсуф бародаронашро шинохт, вале бори аввалу бори дуюм худро ба эшон нашиносонид. Вақте онҳо бори сеюм ба Миср омаданд, Юсуф худро муаррифӣ кард ва ҳамроҳи ғалла пироҳани худро низ барои падари азизаш фиристод. Гӯянд, ки чун бародарони Юсуф аз Миср берун омаданд, бӯи пироҳанро бод ба машоми Яъқуб расонид. Баъди чанд рӯз бародарон ба Канъон расиданд ва чун Яъқуб пироҳани Юсуф ба чашм молид, чашмони нобинояш равшан шуданд. Баъди он Яъқуб ҳамроҳи писаронаш ба Миср назди Юсуф рафт:

Нигорино шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан сабаб будаст Юсуфро ба умр андар:
Яке аз қайд шуд пурхун, дуюм шуд чок аз тӯҳмат,

Саввум Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар.

Дилам монад бад-он аввал, рухам монад бад-он сонӣ,

Насиби ман шавад дар даҳр он пироҳани дигар.

**Рӯдакӣ.**

ЮСУФИ ДАЛВӢ - ишора ба воқеаи Юсуфро бо далв аз чоҳ кашидани корвониён (ниг. ба Юсуф).

Юсуфи далвӣ шуда чун офтоб,

Юнуси Ҳутӣ шуда чун далви об.

ЮСУФИ НАҶҶОР - вакили падари Марями Умрон - модари Исо алайҳиссалом аст. Рӯзе, ки Марям ғусл мекард, Ҷабраил худро ба сурати Юсуфи наҷҷор бар ӯ намоёнд ва ӯро ба таваллуди Исо мужда дод. Чун Исо таваллуд шуд, банӣ Исроил Марямро накӯҳиш карданд. Худои таоло Исоро ба сухан овард, то эшонро ба покии модар ва пайғамбарии худ башорат диҳад.

Юсуфи наҷҷор кист, Нӯҳи даравгар кӣ буд

То зи ҳунар дам зананд, бар дари имкони ӯ.

**Хоқонӣ.**

ЮСУФИ СИПЕҲРИ ЧОРУМ - киноя аз офтоб.

Чун Юсуфи сипеҳри чаҳорум зи чоҳи дай

Омад ба Далв дар талаби тахти муштарӣ.

**Хоқонӣ.**

## Я

ЯДИ БАЙЗО - дар забони арабӣ дастро «яд» гӯянд ва маънои «байзо» сафед аст. Яди байзо киноя аз мӯъҷизаи Мӯсо пайғамбар, ки чун дастро дар бағал мекарду берун меовард, нури сафеде аз он метофт.

Калимуллаҳ ба амри зоти беайб,

Яди байзо намоён кард аз ҷайб.

**Бадриддини Кашмирӣ.**

Таъбири яди байзо дар адабиёти тоҷику форс мафҳумҳои зеринро низ ифода кардааст:

1. Киноя аз дасти сафеди ёр:

    Яди байзояш ар медид аз дур,
    Куҷо Мӯсо дигар мерафт дар Тур.

**Ҳозиқ.**

2. Киноя аз офтоб ва равшании он:

    Буд шаб чун дили Фиръавн сиёҳу бемеҳр,
    Субҳ з-он рӯй чу Мӯсо яди байзо овард.

**Бадри Чочӣ.**

3. Киноя аз мӯъҷиза (зидди сеҳр) ва корнома:

    Тардоманон, ки сар ба гиребон фурӯ баранд,
    Сеҳр оваранду ман яди байзо баровarам.

**Хоқонӣ.**

4. Киноя аз қудратмандӣ, истеъдод, маҳорат:

    Назди шуаро хони иборат чу кашидам,
    Гуфтанд: дар ин сурфа ту дорӣ яди байзо.

**Абӯисҳоқи Атъима.**

5. Киноя аз шӯҳратмандӣ ва забардастӣ:

Шайх Низомӣ дар ин боб яди байзост ва дар ин сухан музояқа нест.

**Давлатшоҳи Самарқандӣ.**

ЯЗДИГУРДИ САВВУМ - охирин шоҳи сосонӣ, ки дар замони ӯ Саъди Ваққос ба фармони халифа Умар ба Эрон лашкар кашид ва дар Қодисия миёни эрониёну арабҳо даргирифт ва боз эрониён шикаст хӯрданд. Яздигурд барои гирдоварии сипоҳ ба сӯи Хуросон шитофт ва аз роҳи Райу Гургон ба Тӯс рафт. Моҳуи Сурӣ ба истиқболи ӯ омад, аммо чун орзуи тоҷу тахт дошт, турконро ба зидди Яздигурд ва сипоҳиёни ӯ барангехт. Бисёре аз ёрони Яздигурд кушта шуданд ва худи ӯ дар осиёе пинҳон шуд. Осиёбон бо маслиҳати Моҳуй, Яздигурро бикушт. Аз он пас саросари Эрону Мовароуннаҳр ба дасти арабҳо афтод.

ЯКЧАШМА КАРДАН - киноя аз зебу ороиши назаррабо:

    Арӯси субҳидам якчашма карда
    Ба боми чорумин айвон баромад.

**Амир Хусрав.**

ЯЛДО - ниг. ба шаби ялдо.

ЯХФУРЎШИ НИШОПУР - гўянд, дар Нишопур гадое буд, ҳар чӣ аз гадоӣ ҳосил мекард, бар он ях харида ва он ях бар ҷуволе гузошта бар дўш гирифта гирди кўчаву бозор мегашт. Касе яхи ўро намехарид ва он об шуда мерехт. Дар адабиёти форсӣ аз таъбири яфурўши Нишопур амали бенатиҷаро ирода кардаанд:

Ҳоли мани банда дар мамолик ҳаст

Ҳоли он яхфурўши Нишопур.

**Анварӣ.**

ЯЪҚУБ - писари Исҳоқ пайғамбар, ки дар қиссаҳои исломию арабонию масеҳӣ чун падари Юсуф маъруф аст. Юсуфро бародаронаш ба чоҳ андохта Яъқубро дар фироқи ў мубтало сохтанд ва Яъқуб дар фироқи писараш чандон гирист, ки чашмонаш нобино шуданд. Пас, аз солҳо, ки Юсуф азизи Миср гашт ва бо тадбири худ барои қаҳтсол озуқа ҷамъ кард, бародаронаш барои хариди ғалла ба Миср рафтанд. Юсуф пироҳани худро барои падараш фиристод. Ҳамин ки бародаронаш пироҳани Юсуфро аз Миср берун оварданд, бод бўи онро ба машоми Яъқуб расонид. Яъқуб пироҳани Юсуфро бар чашм молид, бино гашт:

Бўи пироҳани Юсуф, ки кунад равшан чашм,

Бодро гўй, ки бар пирғами Канъон орад.

**Сайид Ҳасани Ғазнавӣ.**

ЯҲУДО - бародари Юсуф, аз қиссаи «Юсуфу Зулайхо».

Чу Юсуф нест, к-аз қаҳтам раҳонад,

Маро чӣ Ибни Ёмин, чӣ Яҳудо.

**Хоқонӣ.**

## Ғ

ҒИЛМОН - писарони биҳиштӣ, ин калима дар «Қуръон»-и карим омадааст:

Фардо агар на равзаи ризвон ба мо диҳанд,
Ғилмон зи равза, ҳур зи ҷаннат бадар кашем.

**Ҳофиз.**

# Қ

ҚАБАС - ба маънои пораи оташ, дар шеъри форсу тоҷик ишора ба оташе, ки ба Мӯсо пайғамбар аз дарахте дар водии Айман зоҳир шуд:

З-оташи водии Айман на манам хурраму бас,
Мӯсӣ ин ҷо ба умеди қабасе меояд.

**Ҳофиз.**

ҚАВС - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли камон аст. Бурҷи Қавс баробари моҳи озар.

Камонварро камон дар ҷанг монда,
Ду пой озурда, даст аз ҷанг монда.

**Фахриддини Гургонӣ.**

ҚАДАМ-УЛ-ҶАББОР - аз ситорагони қадри аввал, ки дар шакли ҷаббор аст ва онро Ҷавзо хондаанд.

ҚАДР - ҷойгоҳи ситорагон ва нисбати онҳо ба минтақат-ул-буруҷ, ки онро шараф низ гӯянд. Он чиро, ки аз ҳама бузургтар аст, қадри аввал ё шарафи аввал мехонанд. Ситорагони қадри аввал понздаҳтоанд: Симоки аъзал, Симоки ромеҳ, Насри воқеъ, Насри тоир, Шеърои яманӣ, Шеърои шомӣ, Айюқ, Дабарон, Қалб-ул-асад, Фум-ул-ҳут, Манқиб-ул-ҷаббор, Қадам-ул-ҷаббор, Суҳайл, Охир-ун-наҳр, Риҷал, Қантурис.

ҚАЛАНДАР - касеро гӯянд, ки аз қайди такаллуфот ва молу ашёи дунё вораста, фақат толиби ҷамоли илоҳӣ бошад:

То ҳазрати ишқро надимем,
Дар кӯи қаландарон муқимем.

**Хоқонӣ.**

ҚАМАР - яъне моҳ, сайёрае, ки дар фалаки аввал қарор дорад ва ба замин наздиктарин сайёра аст:

Қамар ба сони чашми дардгин шуд,
Сапедадам шавад тӯтиёи ӯ.

**Манучеҳрӣ.**

ҚИБЛАГОҲИ МАҶУС - киноя аз оташ.

Зи дигар тараф сурхрӯёни рус
Фурӯзанда чун қиблагоҳи маҷус.

**Низомӣ.**

ҚИБЛАИ ДЕҲҚОН - киноя аз оташ.

Як қофиларо рӯй сӯи қиблаи тозӣ,
Як тоифаро рӯй сӯи қиблаи деҳқон.

**Муиззӣ.**

ҚИРОН - ба маънои гирд омадан ва наздик шудан аст. Дар истилоҳи аҳли нуҷум вақтест, ки ду ситора ба як ҷо бо ҳам оянд. Қирони мутлақ қирони Зуҳалу Муштарист ва он дар ҳар бист сол як маротиба руҳ медиҳад. Қирони баъзе ситорагон наҳс ва баъзеи дигар саъд аст. Аз он ҷумла қирони Моҳу Муштарӣ, ки ҳар моҳ як бор воқеъ мешавад, саъд аст. Собиқ мунаҷҷимон аз қирони ситорагон толеи инсон, ояндаи кишварҳо ва рух додани ҳодисаҳои табиатро пешгӯӣ мекарданд.

Гуфтам, ки хоҷа кай ба сари ҳиҷла меравад,
Гуфт: Он замон, ки Муштарию Маҳ қирон кунанд.

**Ҳофиз.**

ҚОБИ ҚАВСАЙН - ба қадари ду камон ва дар истилоҳи орифон мақомест, воло ва наздик ба Худо, ба ҳадде ки марҳалаи фано бошад.

Аз тоат баршуда бар қоби қавсайн,
Пайғамбари мо дар замини Батҳоъ.

**Носири Хисрав.**

ҚОРУН - писари амаки Мӯсо пайғамбар, ки аз Мӯсо кимёгарӣ омӯхт ва филизоти бисёреро ба зар табдил дод. Ғурури моли фаровон

ӯро бар Мӯсо аз Худо илтиҷо кард, ки замин даҳон боз кунад ва Қорунро бо ҳама ганҷу давлаташ фурӯ барад:

Қорун ҳалок шуд, ки чиҳил хона ганҷ дошт,
Нӯширавон намруд, ки номи накӯ гузошт.

**Саъдӣ.**

Қорун инчунин номи шаҳре будааст:

То ба Қорун бурд банду ганҷи Қорун баркушод,
Ранҷҳои ҳар касеро ганҷҳо додаш ҷазо.

**Хоқонӣ.**

ҚОФ - номи кӯҳи афсонавие, ки гирдогирди ҷаҳонро гирифтааст ва ба ривояти «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ҷойгоҳи симурғ будааст:

Мулки ҷаҳон бигирӣ аз Қоф то ба Қоф,
Моли ҷаҳон бубахшӣ аз уд то ба қор.

**Манучеҳрӣ.**

ҚУББАИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Гӯӣ, ки фарроши туст субҳ, ки вақти саҳар,
Қуббаи зар мезанад бар сари нилӣ хийам.

**Бадри Чочӣ.**

ҚУББАИ НАҒЗПАЙКАРОН - киноя аз осмон ва ситорагон.

Қудрат зи барои кори ту сохт
Ин қуббаи нағзпайкаронро.

**Хоқонӣ.**

ҚУБОД - нухустин шоҳи каёнӣ, ки аз нажоди Фаридун аст. Чун Гаршосп даргузашт, тахти Эрон бе шоҳ монд ва бо ишораи мӯъбадон Золи Зар писараш Рустамро ба кӯҳи Ал-Ғаззолӣ, ки ресмонфурӯшию қуфлгарӣ аз ҷумлаи касбҳои ӯ бурз, ба ҷустуҷӯи Кайқубод фиристод. Рустам ӯро аз Албурзкӯҳ оварду бар тахт нишонд.

ҚУФЛГАР - ишора ба донишманди маъруф Муҳаммади будаанд:

В-он қуфлгар, ки буд калиди сарои илм,
Кардӣ чу ҳалқа бар дари фармон-ш илтизом.

**Хоқонӣ.**

# Ҳ

ҲАВВО - ҳамсари Одам, дуюмин инсон, ки Худо халқ кардааст. Дар биҳишт ҳамроҳи Одам мезист ва ба иғвои Иблис гандум хӯрду аз биҳишт ронда шуд ва ба Ҷадда фуруд омад:

Ҳадиси ишқ агар гӯӣ, гуноҳ аст,
Гуноҳ аввал зи Ҳавво буду Одам.

**Саъдӣ.**

ҲАВЗИ КАВСАР - ҳавзи биҳиштро гуфтаанд:

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи ҳумат яксар ба ҳавзи кавсар андозем.

**Ҳофиз.**

ҲАЛВОИ БЕДУХОН - киноя аз бӯса.

Ба коми ман зи лабат пеш аз он, ки хат бидамад,
Инояте куну ҳалвои бедухон бирасон.

**Салмони Соваҷӣ.**

ҲАЛЛОҶ - ниг. ба МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ.

ҲАМАЛ - аз дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли барра аст.

Бурҷи ҳамал баробари моҳи фарвардин аст:

Дар Бар(р)а Миррих гурзи гови Афредун ба даст,
В-аз Миҷарра шаб дирафши ковиён ангехта.

**Хоқонӣ.**

ҲАССОН - номи шоире, ки аз наздикони Муҳаммад алайҳиссалом буд:

Рашки назми ман хӯрад Ҳассони Собитро ҷигар,
Дасти нашри ман дарад Саҳбони Воилро қабо.

**Хоқонӣ.**

ҲАФТ АВРАНГ - ниг.ба БАНОТУННАЪШ.

ҲАФТ АЖДАҲО - киноя аз ҳафт сайёра (Моҳ, Уторид, Зӯҳра, Офтоб, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал).

Аз ханҷари заҳробгун ҳафт аждаҳоро рехт хун,

Ҳиммат зи нӯҳ парда бурун дар ҳашт маръо дошта.

**Хоқонӣ.**

ҲАФТ АХТАР - сайёрагони ҳафтгона - Моҳ, Зӯҳра, Уторид, Хуршед, Муштарӣ, Зуҳал, Миррих:

Сипеҳр мисли ту аз иттисоли ҳафт ахтар,

Замона мисли ту аз имтизоҷи чор аркон.

**Анварӣ.**

ҲАФТ ДАРЁ - қадимиён баҳрро дарё мегуфтанд ва тибқи тасаввуроти эшон заминро ҳафт дарё иҳота кардаанд, ки инҳоянд: Дарёи Ахзар (ё дарёи Чин), Дарёи Уммон, Дарёи Қулзум (ё Аҳмар), Дарёи Барбар, Дарёи Уқёнус, Дарёи Рум (ё Миёназамин), Дарёи Асвад (ё Сиёҳ):

Саг ба дарёи ҳафтгона бишӯй,

Ки чу тар шуд, палидтар бошад.

**Саъдӣ.**

ҲАФТ ДӮЗАХ - ҳафт табақаи дӯзахро гӯянд, ки инҳоянд: 1.Сақар, 2.Саъир, 3.Натӣ, 4.Ҳатама, 5.Ҷаҳим, 6.Ҷаҳаннам, 7.Ҳовия.

ҲАФТ ИҚЛИМ - мувофиқи ақидаи қадимиён кулли кишварҳо ба ҳафт иқлим мансубанд ва ҳар кадом ба яке аз сайёрагони ҳафтгона тобеанд, чунончи Ҳиндустон ба Зуҳал, Чин ба Муштарӣ, Туркистон ба Миррих, Хуросон ба Хуршед, Мовароуннаҳр ба Зӯҳра, Рум ба Уторид, Балх ба Қамар.

Он ки ҳафт иқлими оламро ниҳод,

Ҳар касеро он чӣ лоиқ буд, дод.

**Саъдӣ.**

ҲАФТ КИШВАР - ниг. ба ҲАФТ ИҚЛИМ.

Ҳафт кишвар намекунанд имрӯз,

Бе мақолоти Саъдӣ анҷумане.

**Саъдӣ.**

ҲАФТ ОБО - киноя аз ҳафт фалак:

Ба ҳафт қирон биназояд яке натиҷа чу ту
Зи имтизоҷи чаҳор уммаҳоту ҳафт обо.

ҲАФТ ОСМОН - табақоти ҳафтгонаи осмон:

Гуфтам: Дуои давлати ту вирди Ҳофиз аст,
Гуфт: Ин дуо малоики ҳафт осмон кунанд.

ҲАФТ ПАДАР - ниг. ба ОБОИ УЛВӢ.

Аз банди чаҳору ҳафт бархез,
З-он модару з-ин падар чӣ хезад?

ҲАФТ ПАРДАИ АЗРАҚ - киноя аз ҳафт фалак:

Аз ҷавҳарии ҳафт пардаи азрақ зи ашки лаъл,
Тӯфон ба ҳафт руқъаи адкон дароварам.

**Хоқонӣ.**

ҲАФТ РУҚЪАИ АДКАН - мурод ҳафт табақаи замин бошад.

Аз ҷаври ҳафт пардаи азрақ зи ашки лаъл,
Тӯфон ба ҳафт руқъаи адкон дароварам.

**Хоқонӣ.**

ҲАФТ ХОН - ҳангоме, ки Рустам барои наҷоти Ковус ба ҷанги девони Мозандарон рафт, дар роҳ бо ҳафт ҳодисаи пурхатар, ки дар «Шоҳнома» ҳар яке аз онҳо хон хонда шудааст, рӯбарӯ шуд ва бар ҳама ғолиб омад. Ҳамчунин ҳангоме, ки Исфандиёр барои кушудани Рӯиндиж ва озод кардани хоҳарони худ ба Туркистон рафт, аз ҳафт хон гузашт:

Исфандиёри ин дижи рӯин манам, ба шарт
Ҳар ҳафта ҳафт хонаш ба танҳо бароварам.

**Хоқонӣ.**

ҲАФТУ НӮҲ КАРДАН - киноя аз зебу ороиши занон:

Арӯси давлати ту бод ҳафту нӯҳ карда
Ба боми қасри ҷалоли ту то абад маскун.

**Амид.**

Ҳафту нӯҳи ин санами ишвасоз
Ақлфиреб омаду барнонавоз.

**Амир Хусрав.**

ҲАШТ БИҲИШТ - биҳишт дорои ҳашт табақа аст: 1.Хулд, 2.Доруссалом, 3.Дорулқарор, 4.Ҷаннати адн, 5.Ҷаннатулмаъво, 6. Ҷаннатуннаим, 7.Иллийин, 8.Фирдавс.

ҲАШТ МАРЪО - киноя аз ҳашт биҳишт.

Аз ханҷари заҳробгун ҳафт аждаҳоро рехт хун,
Ҳиммат зи нӯҳ парда бурун дар ҳашт маръо дошта.

ҲАҶАРУЛАСВАД - санги муқаддаси Каъбаро гӯянд:

Холи сиёҳи ӯ ҳаҷаруласвад аст, аз он-к
Монад ба холу зулф ба ҳам ҳалқаи дараш.

**Хоқонӣ.**

ҲИЛОЛ - ҳолате аз моҳ, ки фақат камонаи борике аз он рӯ ба замин равшан аст. Ин ҳолат дар шаби аввали ҳар моҳ дар оғози шаб дида мешавад.

Қурси маҳ чун ҳилолу бадр шавад,
Наъли якрону қурси хони ту бод.

**Абулфараҷи Рунӣ.**

ҲОМОВАРОН - сарзамини афсонавие, ки бар тибқи ривояти «Шоҳнома» Ковус ба қасди фатҳи он лашкар кашид ва ошиқи духтари шоҳи он сарзамин - Судоба шуду ӯро ба Эрон овард ва ба занӣ гирифт.

ҲОРУТУ МОРУТ - қиссаи Ҳоруту Морут чунин аст, ки ин ҳар ду аз ҷумлаи фариштагон буданд ва аз одамиён таъна карда гуфтанд: «Ё раб, ризқи ту мехӯранду исён мекунанд, агар ба ҷои эшон мо мешудем, ҳаргиз гуноҳ намекардем. Ҳақ таоло олати хӯрдану шаҳват ба онҳо дод, сифатҳои фариштагон бигардонид ва фармуд, то хешро аз шаҳват нигоҳ доранд. Ҳоруту Морут ҳокиме кишваре таъин шуданд. Зӯҳра ном зане бо шӯйи хеш ба даъво пеши онҳо омад, ки нек ҷамила буд. Ҳоруту Морут шефтаи ӯ гардиданд ва талаби висол карданд Зӯҳра гуфт, ба шарти он ки исми аъзам, ки ба баракоти он ба осмонҳо меравед, маро биёмӯзад. Чун омӯхтанд, ӯ он исми аъзамро хонду бар фалак рафт. Сайёраи Зӯҳра гӯё ҳамон зан будааст. Ҳоруту Морут барои он таъна ва гуноҳи содиркардаашон ба уқубати дунё гирифтор шуданд. Эшонро

занҷир карда дар чоҳи Бобул сарозер овехтанд. Ҳоруту Морут тимсоли сеҳру ҷоду низ мебошанд»:

Ҳорутро, ки халқи ҷаҳон сеҳр аз ӯ баранд,
Дар чаҳ фиканд ғамзаи хубон ба соҳирӣ.

**Саъдӣ.**

Гар боядам шудан сӯи Ҳорути бобулӣ,
Сад гуна соҳирӣ бикунам, то биёрамат.

**Ҳофиз.**

ҲОТИФ - мувофиқи қиссаҳои мазҳабӣ нидодиҳандаи ғайбиро гӯянд, гоҳо суруш ҳам гуфтаанд:

Саҳар зи ҳотифи ғайбам расид мужда ба гӯш,
Ки даври Шоҳ Шуҷоъст май далер бинӯш.

**Ҳофиз.**

ҲУДҲУД - мурғест, ки пайғоми Сулаймонро назди маликаи Сабо - Билқис мебурд.

Фасоҳатам чу ҳудҳуд асту ҳудҳудам.
Куҷо расад ба ғояти Сабои ӯ.

**Манучеҳрӣ.**

ҲУМО - мурғи афсонавие, ки устухон хӯрад ва назди мардум чун мурғи бахту саодат машҳур аст, зеро ба сари ҳар кас сояи он фуруд ояд, саодати ҷовидонӣ насиби ӯ мегардидааст:

Ҳумой бар сари мурғон аз он шараф дорад,
Ки устухон хӯраду мардумон наёзорад.

**Саъдӣ.**

ҲУМО - мувофиқи «Шоҳнома» духтари Баҳман ва ҳамсари ӯ. Мутобиқи васияти Баҳман пас аз ӯ тоҷро бар сари Ҳумо, ки бордор буд, ниҳоданд. Ҳумо чун ба шоҳӣ расид ба тахту тоҷ дил басту нахост, ки шоҳиро аз даст бидиҳад, аз ин рӯ писареро, ки ба дунё овард, ба сандуқе гузошту онро бо қиру мум устувор кард ва ба об андохту чунон вонамуд

кард, ки кӯдак мурдааст. Ин кӯдак, ки наҷот ёфту баъдҳо ба салтанат расид, Дороб буд.

ҲУРМУЗ - худои некӣ Аҳурамаздоро гӯянд, тибқи «Шоҳнома». Ҳурмузи дигар писари Анӯшервон, ки аз ҷониби модар набераи ҳоқони Чин буд. Дар замони ӯ Баҳроми Чӯбина маъмури ҷанг бо Совашоҳ - хоқони Чин ва доии Ҳурмуз шуд ва бо ӯ ҷангиду чира гашт. Ҳурмуз ба ҷои хилъат дукдону хилъати занон фиристод. Ба ҳамин сабаб Баҳром ба Ҳурмуз кинавар шуд ва ба Рай омаду дастур дод, ки сиккаи шоҳиро ба номи Хусрави Парвез - писари Ҳурмуз зананд. Чун сикка ба Ҳурмуз расид, бар писар бадгумон шуд ва қасди ҷони ӯ кард. Хусрави Парвез ба Озарбойҷон гурехт. Саранҷом бузургон Ҳурмузро кӯр карданду Хусрави Парвезро ба тахт нишонданд. Ҳурмуз ба дасти Биндуй ва Густаҳм кушта шуд.

ҲУР - ҳур ҷамъи ҳавро, ба маънои занони сиёҳчашми биҳишт. Ин калима, ки ба сиғаи ҷамъ дар «Қуръон» омадааст, дар адабиёти форсу тоҷик ба маънои муфрад (танҳо) меояд ва аз он зани зебои биҳиштӣ ирода мешавад:

Сӯҳбати ҳур нахоҳам, ки бувад айни қусур,
Бо хаёли ту агар бо дигаре пардозам.

**Ҳофиз.**

ҲУРУЛЪИН - ниг. ба ҲУР.

Боғи пироста, гулзори биҳишт,
Гулбуни оростаи ҳурулъин аст.

**Абулфараҷи Рунӣ.**

ҲУТ - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли моҳӣ аст. Бурҷи Ҳут мутобиқи моҳи исфанд:

Бимонда Моҳӣ аз рафтан ба ноком,
Ту гуфтӣ моҳияст уфтода дар дом.

**Фахриддини Гургонӣ.**

ҲУШАНГ - мувофиқи «Шоҳнома» писари Сиёмак, ки ба ҷанги девон рафту ба кинаи падар девонро бикушт. Дар замони ӯ истихроҷи оҳан оғоз шуд, оташ падид омад, ҷашни садаро бунёд гузошт.

ҲУҚЪА - манзили панҷум аз манозили қамар, ки иборат аз се ситораи хурд аст, монанди пояи дег ва ҷояшон бар сари Ҷавзост:

Чун се санги дегпоча Ҳуқъа бар Ҷавзо канор,
Чун шарори дегпоча пеши ӯ хайли паран.

**Манучеҳрӣ.**

## Ҷ

ҶАБҲА - номи манзили даҳум аз манозили Моҳ, ки ба маънои пешонии шер аст ва дорои чаҳор ситораи равшан мебошад.

ҶАВЗО - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли ду пайкари истода аст, онро ду пайкар низ номанд. Бурҷи Ҷавзо баробари моҳи Хурдод аст:

Ҷавзосифат дугона ҳазор офтоб зод,
Ҳар гаҳ, ки рафт ҳиммати ӯ дар бари сахош.

**Хоқонӣ.**

Ҳамчунин сурати дигари фалакиро, ки дар қисмати ҷанубии минтақатулбуруҷ ҷойгир шудааст ва марди камарбастаи шамшербадастро мемонад, Ҷавзо гӯянд:

Хӯрдаам тири фалак, бода бидеҳ, то сармаст,
Уқда дар банди камар - тиркаши Ҷавзо фиканам.

**Ҳофиз.**

ҶАДӢ - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ дар минтақатулбуруҷ, ки ба шакли бузғола аст. Бурҷи Ҷадӣ баробари моҳи дай аст:

Чашми бузғола бар он хӯша, ки хирман карда шаб,
Доси каждандон зи роҳи Каҳкашон ангехта.

**Хоқонӣ.**

ҶАМ - ниг. ба ҶАМШЕД.

Гуфтам: Эй маснади Ҷам, ҷоми ҷаҳонбинат ку?!

Гуфт: Афсӯс, ки он давлати бедор бихуфт.

**Ҳофиз.**

ҶАМШЕД - аз шоҳони бузурги Пешдодист. Либос дӯхтану киштиронӣ ва пизишкиро ба мардум ӯ омӯхт. Гавҳарро аз конҳо истихроҷ кард ва тахти гавҳарнишин сохт. Ҷашни Наврӯзро бори нахуст ӯ барпо кард. Пас аз ин корҳо худбинӣ дар димоғи ӯ ғалаба кард, то Заҳҳок бар ӯ даст ёфт ва миёнашро ба арра дунима кард:

Садри ту ба поя тахти Ҷамшед,

Хинги ту ба соя Рахши Рустам.

**Анварӣ.**

ҶАЪФАРОН - яъне Ҷаъфари содиқ ва Ҷаъфари бармакӣ. Ҷаъфари содиқ аз саҳобагони Муҳаммад алайҳиссалом буд, ки дар сидқу ростӣ назир надошт. Ҷаъфари бармакӣ номи яке аз подшоҳони Бармакист, ки бо шукӯҳу мукаррами хеш шӯҳрат дорад:

Чун шохи гавазн бар дари ту

Қомат шуда хам ғазанфаронро.

Доя шуда бар Қурайшу Бармак,

Сидқу карами ту Ҷаъфаронро.

**Хоқонӣ.**

ҶИГАР ХӮРДАН - киноя аз афсӯсу надомат ва ғаму ҳирмон.

Ҷигар махӯр, агарат кори дил накӯ нашавад,

Чӣ эҳтиёҷи ҷигар хӯрдан аст, гӯ нашавад.

**Толиби Омулӣ.**

ҶОБУЛСО - дар адабиёти форсу тоҷик киноя аз мағриб ва шаҳри хаёлие, ки дар сарҳадди мағриб воқеъ гардида:

Ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ рафт, хоҳӣ хӯрд ризқи худ,

Нахоҳад бешу кам гаштан ба Чобулқою Ҷобулсо.

**Салмони Соваҷӣ.**

ҶОБУЛҚО - дар адабиёти форсу тоҷик киноя аз машриқ ва номи шаҳри хаёлиест, дар сарҳадди машриқ:

Сухан, к-аз рӯи дил гӯй, чӣ ибронӣ, чӣ сурёнӣ,
Макон, к-аз баҳри ҳақ ҷӯй, чӣ Ҷобулқо, чӣ Ҷобулсо.

**Саноӣ.**

ҶОМИ ҶАМ - тибқи достонҳои қадима ҷоме буд, ки Ҷамшед ҳамаи ҷаҳонро дар он медид. Бинобар ривояти «Шоҳнома» Кайхисрав барои огоҳӣ ёфтан аз кори Бежан ҳангоми наврӯз дар он нигарист ва Бежанро дар чоҳе дар Тӯронзамин дид. Кайхисрав Рустамро барои раҳонидани ӯ фиристод:

Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,
Он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард.

**Ҳофиз.**

Онро ҷоми ҷаҳонбин ва ҷоми ҷаҳоннамо низ гӯянд:

Гуфтам: Ин ҷоми ҷаҳонбин ба ту кай дод ҳаким,
Гуфт: он рӯз, ки ин гунбади мино мекард.

**Ҳофиз.**

ҶОСАЛИҚ - номи ҳакиме, ки сарвари табибони тарсо буд ва мудом хун аз бинии ӯ ҷорӣ буд. Ҷосалиқ суми хари Исоро мепарастид.

Ба саргини хари Исо бибандам
Руофи Ҷосалиқи нотавоно.

**Хоқонӣ.**

ҶУДДӢ - номи ситораест равшан бар Дубби Асғар ва наздиктарини ситорагон ба қутби шимол. Чун ба чашм беҳаракату собит менамояд, барои ёфтани қибла аз он истифода мекунанд:

Ҳаме баргашт гирди қутб Ҷуддӣ
Чу гирди бобзан мурғи мусаммин.

**Манучеҳрӣ.**

ҶУДӢ - номи кӯҳе, ки киштии Нӯҳ пас аз фурӯ нишастани тӯфон бар он қарор гирифт:

Талъати тобандатар зи талъати хуршед,

Неъмати пояндатар зи Ҷудию Саҳлон.

**Рӯдакӣ.**

# ВОЖАНОМА

## А

Абрӯи шоҳи мағриб

Абулбашар

Адн

Аёз

Азизи Миср

Айвони нур

Айюб

Айюқ

Аласт

Албурз

Ангуза дар қанд хӯрдан

Ангуштари Сулаймон

Ангушт ниҳодан

Анкабут

Анқо

Анӯшервон

Аранӣ

Ардаван

Ардашери Бобакон

Ардашери Дароздаст

Аржанг

Арӯси субҳидам

Арӯси ховар

Арӯси ҳафткарда

Асал

Асир

Асои Мӯсо

Асҳоби қаҳф

Ақраб

## Б

Бадр

Байза дар кулоҳ шикастан

Байзаи заррин

Байзаҳои зар

Байтулэҳзон

Балъом

Банотуннаъш

Бар(р)а

Бати бода

Баччаи хунин

Бағдоди кӯҳна

Баҳман

Баҳманчана

Баҳри ҳазро

Баҳром

Баҳроми Гӯр

Бежан

Билқис

Бирҷис

Боди сабо

Бози зар

Бозичагун ҳуққа

Боми хазро

Боми чорумин айвон

Бузургмеҳр

Булбашар

Буроқ

Бути озарӣ

Бӯтаи гил

Аҳриман

**В**

Вақвоқ

Варақ дарнаваштан

Ваҳшат кашидан

Водии Айман

Водии хомӯшон

**Г**

Гандум

Ганҷи гов

Ганҷи Обоварда

Ганҷи Қорун

Гаронпоя

Гаронсоя

Гаршосп

Гев

Гови гарданда

Гӯдарз

Гул

Гул чидан

Гули сурх

Гунбади зарнигор

Гулгун

Гурбаи Абӯҳурайра

Гурдофарид

Гург

Гургоштӣ

Гуштосп

Гуҳар

Гӯсолаи Сомирӣ

**Д**

Дабарон

Дайри мино

Далв

Дами Исо

Дамованд

Дарахти доно

Даст дар таҳти санг будан

Даст газидан

Даст задан

Даҷҷол

Дил ширин кардан

Дирафши ковиён

Довуд

Домоди Шуайб

Доро

Дороб

Доруссало

Дубби акбар

Дубби асғар

Дунба ниҳодан

Дӯлоби мино

**Ж**

Жола

**З**

Забони заргарӣ

Замзам

Зангӣ

Зарринсоғар

Захираҳои дил

Заҳҳок
Зери нигин кардан
Зобул (Зовул)
Зол
Золи Мадоин
Зулайхо
Зулмат
Зулфиқор
Зулфи қоф
Зулқарнайн
Зуҳал
Зӯҳра

**И**

Иблис
Ибни Ёмин
Иброҳим
Идрис
Инқилоб
Ирам
Ирфон
Искандар
Исо
Истиқбол
Исфандиёр
Исҳоқ

**К**

Кабудғадир
Кабӯтар
Кавсар
Кайвон
Кайхисрав
Кайхисрави айвони нур
Калби акбар
Калби муқдим
Калим
Камар сих кардан
Камони Рустам
Канъон
Каюмарс
Каҳакшон
Кова
Ковус
Коғазинҷома
Кулбаи эҳзон
Кулоҳ бар ҳаво афкандан
Кулоҳи зар
Кусуф
Кушёр
Кӯҳкан

**Л**

Лаб фароҳам наомадан
Лайлатулқадр
Лайлӣ
Ланбаки сақо
Лантаронӣ
Лолаи зард
Лутро
Лут
Луқмон
Лӯҳросп

**М**

Маликаи Сабо

Манижа

Манну салво

Манозили моҳ

Мансури Ҳаллоҷ

Манучеҳр

Марям

Масеҳо

Маҷнун

Меъроҷ

Меҳргон

Мижгони офтоб

Мизон

Минтақатулбуруҷ

Миҷарра

Монӣ

Мор

Мочин

Моҳи Канъон

Моҳи Миср

Моҳи Муқаннаъ

Моҳи Нахшаб

Моҳи Сиём

Моҳи чоҳи Каш

Мулки Сулаймон

Мумсикулинон

Мурғи Исо

Мурғи субҳ

Мурғи Сулаймон

Мушкинмӯҳра

Мушкноб/Мушки ноб

Муштарӣ

Муқаннаъ

Муқобала

Муҳок

Мӯсо

Мӯҳраи зар

**Н**

Наврӯз

Назар

Накисо

Намакдони зар

Намруд

Наргис

Наримон

Насри Воқеъ

Насри Тоир

Нафас дуруст кардан

Нафаси Масеҳо

Нафхи сур

Наъоим

Нағами Довуд

Нақши Аржангӣ

Нигини Сулаймон

Нилиҳуққа

Нохуни хуршед

Ноқаи Солеҳ

Ноҳид

Нуқтаи зар

Нӯзар

Нӯшдору

Нӯҳ

Нӯҳ парда

Нӯҳ фалак
Нӯҳ хуми фирӯза

**О**

Об дар мино кардан
Об дар ҷигар надоштан
Оби бақо
Оби зиндагӣ
Оби Сикандар
Оби Хизр/Оби Хизир
Оби чашмаи ҳайвон
Оби ҳайвон
Оби ҷовидон
Обои улвӣ
Од
Одам
Озар I
Озар II
Озарӣ
Оинаи Сикандар
Оинасимо
Ораши камонгир
Ориф
Остин бар даҳон доштан
Остони фано
Оташи водии Айман
Оташи Тур
Оташи Халил
Оташинкоса
Офтобӣ шудан
Оҳуи дашти ховарон
Оҳуи зард
Оҳуи оташин

**П**

Падар
Панҷ ҳилол
Парвин
Пашм дар кулоҳ надоштан
Пиёлаи зар
Пир
Пиразани Кӯфа
Пири Канъон
Пири муғон
Пираҳани Юсуф
Писари Нӯҳ
Пойи тарсо
Пораи музаъфар
Пури Дастон
Пури духти Умрон
Пури Зол
Пури Марям

**Р**

Рабоб
Равзаи Ризвон
Рахш
Раъд
Ресмонфурӯш
Ризвон
Роҳибосо мусалсал доштан
Роҳи Каҳкашон/Роҳи Коҳкашон

Рудоба

Рум

Румии зарринсипар

Румии хандон

Рустам

Рӯ гирифтан

Рӯиндиж

Рӯинтан

Рӯҳуллоҳ

Рӯҳулқуддус

**С**

Сабзгулшан

Сабзторам

Сабзхон

Сабо

Савр

Саги асҳоби қаҳф

Сада

Садди Искандарӣ

Садди Яъҷуҷ

Садир

Салиби равзанаи боми хазро

Салм

Салсабил

Самандар

Самуд

Сапедкор

Сарандеб

Саратон

Саргини хари Исо

Сарсар

Сарфа

Сафуро

Саъдайн

Саъди акбар

Саъди асғар

Саъди зобеҳ

Саъди хурд

Саъдон

Саъд-ул-ахбия

Саъд-ус-сууд

Саҳбон

Саҳми хисрав

Саҳобӣ

Селгоҳ

Сидра

Сидрат-ул-мунтаҳо

Сиёвуш

Сикандарӣ хӯрдан/Сикандар хӯрдан

Симоки аъзал

Симоки ромеҳ

Симурғ

Сино

Сипар андохтан

Сипеҳри обгун

Сол дуздидан

Солеҳ

Солик

Сом

Сомирӣ

Соқи арӯсон

Сувари фалакӣ
Судоба
Сулаймон
Сунбула
Сурайё
Сури Исрофил
Сури субҳгоҳӣ
Суруш
Сутурлоб
Суҳайл
Суҳо
Сӯзани Исо
Суманот
Сӯфӣ
Сӯҳроб

**Т**

Тагарги рӯҳпарвар
Тарбеъ
Тарозуи анҷум
Тасдис
Таслис
Тахти Билқис
Тахти тоқдис
Ташти зар
Ташти кабуд
Таяммумгоҳи Исо
Таҳамтан
Таҳмина
Таҳмурас
Таҷаллӣ
Тибит
Тир
Тиҳ
Тубо
Товус
Товуси машриқхиром
Толеъ
Тотор
Тоқи нилуфарӣ
Тоқи фирӯзафом
Тур I
Тур II
Туранҷ
Тури Сино
Турк
Турки зардкулоҳ
Тӯс
Тӯфон

**У**

Уво
Умматҳои суфлӣ ё уммат-
ҳои арбаа
Уммулхабоис
Устурлоб
Устухонсангин
Уторид

**Ф**

Фалак
Фарангис
Фаридун

Фарқадайн
Фарҳод
Фирӯзахум
Фум-ул-ҳут
Фӯтарабоён

**Х**

Хаймаи рӯҳониён
Хаймаи сабз
Халил/Халилуллоҳ
Хизр
Хирқа
Хито
Хишти заррин
Хонақоҳ
Хотами Сулаймон
Хуни Сиёвуш
Хусрави Парвез
Хусуф
Хутан
Хушхаёл

**Ч**

Чароғи осмонӣ
Чароғи сипеҳр
Чархи асир
Чашмаи нӯш
Чашмаи оташфишон
Чашмаи симоб
Чашмаи Хизр
Чашмаи ховарӣ
Чашмаи ҳайвон
Чашми рӯз
Чаҳор уммаҳот
Чигил
Чодари тарсо
Чодари эҳром
Чор аркон
Чор мурғи Халил
Чор такбир
Чор тоқи арконӣ
Чоҳи Бежан
Чоҳи Юсуф

**Ш**

Шаб шикастан
Шабдез
Шаби ялдо
Шаби қадр
Шайх Санъон
Шамъи лагани чорум
Шараф
Шашдараи ситамгарон
Шаш ҷиҳат
Шағод
Шаҳраво
Шери аҷам
Шеърои шомӣ
Шеърои ямонӣ
Ширин
Шиҳоб
Шиҳоби соқиб
Шопур

Шоҳи ғизол
Шоҳаншоҳи Занду Усто
Шоҳи занбӯрон
Шоҳи ховар
Шоҳи шарқ
Шуайб
Шубони водии Айман
Шутурмурғу оташ
Шутурсаворӣ
Шӯридамағз

**Э**

Эрақ

**Ю**

Юнус
Юнуси ҳутӣ
Юсуф
Юсуфи далвӣ
Юсуфи наҷҷор
Юсуфи сипеҳри чорум

**Я**

Яди байзо
Яздигурди Саввум
Якчашма кардан
Ялдо
Яхфурӯши Нишопур
Яъқуб
Яҳудо

**Ғ**

Ғилмон

**Қ**

Қабас
Қавс
Қадам-ул-ҷаббор
Қадр
Қаландар
Қамар
Қиблагоҳи маҷус
Қиблаи деҳқон
Қирон
Қоби Қавсайн
Қорун
Қоф
Қуббаи зар
Қуббаи нағзпайкарон
Қубод
Қуфлгар

**Ҳ**

Ҳавво
Ҳавзи кавсар
Ҳалвои бедухон
Ҳаллоҷ
Ҳамал
Ҳассон
Ҳафт авранг
Ҳафт аждаҳо
Ҳафт ахтар
Ҳафт дарё
Ҳафт дӯзах

Ҳафт иқлим
Ҳафт кишвар
Ҳафт обо
Ҳафт осмон
Ҳафт падар
Ҳафт падари азрақ
Ҳафт руқъаи адкан
Ҳафт хон
Ҳафту нӯҳ кардан
Ҳашт биҳишт
Ҳашт маръо
Ҳаҷаруласвад
Ҳилол
Ҳомоварон
Ҳоруту Морут
Ҳотиф
Ҳудҳуд
Ҳумо I
Ҳумо II
Ҳурмуз
Ҳур
Ҳурулъин
Ҳут
Ҳушанг
Ҳуқъа

**Ҷ**

Ҷабҳа
Ҷавзо
Ҷадӣ
Ҷам
Ҷамшед
Ҷаъфарон
Ҷигар хӯрдан
Ҷобулсо
Ҷобулқо
Ҷоми Ҷам
Ҷосалиқ
Ҷуддӣ
Ҷудӣ

Муҳаррири масъул **Аҳмадҷони Раҳматзод**

Муҳаррири техникӣ **Саид Мамадов**

Мусаҳҳеҳ **Гавҳари Калонзода**

Ба матбаа 20.02.92 супурда шуд. Ба чопаш имзо шуд.

Қоғази № Формати 60х34.

Ҷузъи чопӣ 450. Супориши № 2095. Теъдод 10.000.

---

**Иттиҳодияи истеҳсоли саноати полиграфии Вилояти Ленинобод.**

**Матбааи шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мақсуди Тамбӯрӣ, 3.**